**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД:** 32.001 (575,3)

**Расулзода Аслам Зафар**

# МАҚОМ ВА ҶОЙГОҲИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР СИСТЕМАҲОИ ИНТИХОБОТӢ

**ДИСЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои
сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияи сиёсӣ

Роҳбари илмӣ: д.и.с.,
дотсент Сафарализода Х.Қ.

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Мундарича**


Номгӯи ихтисораҳо........................................................................................ **3**

Муқаддима.................................................................................................... **4**

Тавсифи умумии таҳқиқот.......................................................................... **11**

**Боби I ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ............................................. 19**

1.1. Ҳизбҳои сиёсӣ: моҳият, вазифаҳо ва хусусияти ташаккулёбии онҳо........................................................................................ **19**

1.2. Таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии фаъолияти ҳизбӣ........................................................................................ **42**

**БОБИ II МАҚОМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНТИХОБОТ ВА СИСТЕМАИ ҲИЗБӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР................ 65**

2.1. Нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботӣ........................................................................................ **65**

2.2. Хусусиятҳои ташаккулёбии системаи ҳизбӣ дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ.................................................................. **95**

**Боби III САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН................................................ 114**

3.1. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикисон.............................. **114**

3.2. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи интихоботӣ........................................................................................ **130**

Хулоса........................................................................................................ **150**

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот............................ **157**

Рӯйхати адабиёт........................................................................................ **158**

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия..................................................... **178**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ҲДТ – Ҳизби демократии Тоҷикистон

ҲХДТ – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

ҲСТ – Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон

ҲАТ – Ҳизби аграрии Тоҷикистон

ҲИИТ – Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИА – Иттиҳоди Аврупо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити мураккаби равандҳои сиёсии муосир, ки манфиатҳои шаҳрвандон, таваҷҷуҳи сарварон ва дигаргуншавии афкори ҷамъиятиро ба ҳам мепайвандад, ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти марказии раванди интихобот баромад мекунанд. Ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар муайян кардани самти рушди миллатҳо, ташаккули сиёсати давлатӣ ва баён кардани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ифода меёбад. Дар ин замина, таҳлили вазифаҳои асосии ҳизбҳои сиесӣ дар ҷараёни интихобот барои фаҳмидани фаъолияти институтҳои демократӣ ва таъмини идоракунии намояндагӣ аҳамияти муҳим дорад. Раванди интихоботӣ аслан як системаи мураккабест, ки дар он қувваҳои мухталифе, ки қудрат ва имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ояндаи ҷомеаро меҷӯянд, бо ҳам бархӯрд ё ҳамкорӣ мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ин ҷо ҳамчун бозигарони асосӣ баромад намуда, рӯзномаи сиёсиро ташкил медиҳанд, интихобкунандагонро сафарбар мекунанд ва бинишҳои алтернативии рушди кишварро пешниҳод менамоянд. Онҳо ҳамчун василаҳои иртиботӣ байни шаҳрвандон ва давлат хидмат мекунанд, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ҷамъоварӣ ва баён мекунанд ва онҳоро ба барномаҳо ва платформаҳои мушаххаси сиёсӣ табдил медиҳанд.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати иҷтимоӣ ҳизбҳои сиёсӣ бо мушкилот ва талаботҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо бояд ба шароити тағйирёбанда мутобиқ шаванд, стратегияҳои инноватсионӣ таҳия кунанд ва роҳҳои нави ҳамкорӣ бо интихобкунандагонро пайдо кунанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки «усулҳои анъанавии сафарбаркунии сиёсӣ ва ба роҳ мондани иртибот аксар вақт дар шароити зиёдшавии сарчашмаҳои паҳншавии иттилоот ва нобоварии афзоянда ба институтҳои сиёсӣ самаранок нестанд» [98, с.22]. Зарурати дарки амиқи масъала ба миён меояд, ки дар шароити ҷаҳонишавии тоталӣ ҳизбҳои сиёсӣ бо кадом роҳ метавонанд вазифа ва рисолати худро амалӣ намоянд ё танҳо ба шароити нави иҷтимоию сиёсӣ мутобиқ гарданд. Мусаллам аст, ки дар шароити демократикунонии ҷомеа

ҳизбҳои сиёсӣ сатҳи шиддати ихтилофоти сиёсиро коҳиш дода, ба таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат менамоянд, ки ин омил барои расидан ба ризоияти ҷамъиятӣ ва рушди устувори ҳаёти ичтимоӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аз ин рӯ, фаҳмиши амиқи он зарур аст, ки чӣ гуна ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бомуваффақият фаъолият кунанд ва мавҷудияти худро дар шароити муосир нигоҳ доранд.

Дар шароити афзоиши сарчашмаҳои паҳншавии иттилооти сиёсӣ ва паҳншавии рӯҳияи популистӣ ҳизбҳои сиёсӣ дар нигоҳ доштани субот ва пешгирии нооромишавии системаи сиёсӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо бояд ҳамчун фаъолони масъул барои созиш ва ҳамкорӣ амал кунанд, на барангехтани низоъ ва тақсимоти ҷомеа. Таҳқиқи масъалаи нақши ҳизбҳои сиёсӣ коҳиш додани сатҳи муқовимати сиёсӣ ва дар таҳкими ниҳодҳои демократӣ барои ноил шудан ба рушди осоишта ва устувори ҳаёти ҷамъиятӣ хеле муҳим мебошад.

Дар шароити тақвияти ҳувияти шаҳрвандӣ ва афзоиши талабот ба шаффофият ва ҳисоботдиҳии институтҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ бояд ба стандартҳои баланди идоракунии демократӣ ҷавобгӯ бошанд. Ба андешаи муҳаққиқон: «ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар фаъолияти худ ошкоро ва шаффоф бошанд, ба интихобкунандагони худ ҳисобот диҳанд ва ба меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ риоя кунанд» [27, с.114]. Омӯзиши он, ки чӣ гуна ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд шаффофият ва ҳисоботдиҳии худро афзоиш диҳанд ва робитаро бо интихобкунандагони худ мустаҳкам кунанд, шарти барқарор кардани эътимод ба ниҳодҳои сиёсӣ ва таҳкими демократия мебошад.

Таҳлили нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот махсусан дар заминаи рушди демократияҳои нав ва кишварҳое, ки дигаргуниҳои сиёсиро аз сар мегузаронанд, муҳим аст. Дар ин кишварҳо ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули институтҳои демократӣ ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калидӣ доранд. Аммо, онҳо инчунин бо мушкилоти сершумор, аз қабили набудани захираҳо, таҷриба ва кадрҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки: «Илова бар ин, дар бисёре аз ин кишварҳо ҳизбҳои сиёсӣ бо мушкилоти

эътимоди мардум рӯ ба рӯ ҳастанд, ки дар натиҷаи сатҳи маҳдуди иштироки шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ ба вуҷуд омадааст» [181, с.79]. Ин боиси ноумедии сиёсӣ ва иштироки кам дар интихобот мегардад, ки демократияро боз ҳам заиф мекунад.

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ инчунин бо зарурати таҳлили таъсири технологияҳои нав ва васоити ахбори иҷтимоӣ ба раванди интихобот алоқаманд аст. Таҳлили ин масъала имконият медиҳад, ки дурнамои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди сиёсии ҷомеа муайян карда шавад. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд ба роҳҳои нави муошират бо интихобкунандагон мутобиқ шаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки «ҳизбҳои сиёсӣ бояд имкониятҳои ВАО-и иҷтимоиро барои сафарбар кардани интихобкунандагон истифода баранд ва ба паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва хабарҳои қалбакӣ муқобилият кунанд» [114, с.149]. Омӯзиши он, ки чӣ гуна ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд технологияҳои навро дар раванди интихобот самаранок истифода баранд, шарти муҳим барои таъмини интихоботи босамар аст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот оид ба нақши ҳизбҳои сиесӣ дар раванди интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҷмуи омилҳое вобаста аст, ки «хусусияти рушди сиёсии кишвар, хусусияти давраи гузариш ва хоҳиши бунёди ҷомеаи демократиро дар асоси принсипҳои бисёрҳизбӣ ва рақобат инъикос мекунанд» [118, с.65]. Дар ҷаҳони муосир, ки институтҳои демократӣ дар таъмини субот ва пешрафт нақши калидӣ доранд, омӯзиши фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи маъракаҳои интихоботӣ вазифаи муҳимест, ки ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавони мустақил дар раванди ташаккули системаи сиёсии худ қарор дорад. Пас аз ба даст овардани истиқлолият, кишвар давраи душвори ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид. Чунин воқеаҳо ба рушди институтҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Дар ин шароит ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди оштии миллӣ ва муътадилсозии вазъ нақши муҳим бозиданд. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз

муваффақиятҳои ба даст овардашуда, раванди демократикунонӣ ва нақши ҳизбҳои сиесӣ дар раванди интихоботҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва такмили минбаъдаро талаб мекунад.

Гузаронидани таҳлили муқоисавии қонунгузории интихоботии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои дигар имкон медиҳад, ки самтҳои такмили минбаъдаи он муайян карда шаванд. Зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, хамзамон, бо он вобаста аст, ки дар шароити кунунии рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ нақши муҳимро дар ифодаи манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ ва мусоидат ба иштироки онҳо дар идоракунии давлат мебозанд. Таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми интихоботӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда ва дурнамои такмили онҳо муайян карда шаванд. Муайянкунандаи аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, инчунин, зарурати таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири интихоботӣ ва таҳкими нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷараёни интихоботӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илмҳои сиёсӣ ва амалияи ҷамъиятӣ масъалаи ҷойгоҳ ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ нақши муҳим дорад. Омӯзиши ин мавзуъ таърихи тулонӣ дорад ва бо таҳаввули системаҳои сиёсӣ ва технологияҳои интихоботӣ ҳамчунон муҳим боқӣ мемонад. Аммо таҳқиқи илмии ҳизбҳои сиёсӣ ва пажуҳиши мавқеи онҳо дар системаи интихоботӣ аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз мегардад. Дар замони муосир бошад шумораи олимоне, ки ҳизбҳои сиёсиро таҳқиқ намудаанд, хеле зиёд гардидааст. Барои хубтару беҳтар нишон додани дараҷаи таҳқиқи мавзуъ асарҳои илмию таҳқиқотии мавҷударо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст.

**Гурӯҳи якумро** асарҳои илмию таҳқиқотии як қатор олимону пажуҳишгарони ғарбӣ ташкил медиҳанд. Асарҳои бунёдии дар ин соҳа мавҷудбуда ба қалами М.Вебер [14], Р. Михелс [47], М. Дюверже [22], Ҷ. Сарторӣ [145], А.Лейпхарт [38; 116; 117], С.М. Липсет, С. Роккан [118], Р. Таагпера, М.С. Шугарт [161] ва ғ. тааллуқ доранд. Дар осори илмии онҳо

ратсионализатсияи ҳокимияти сиёсӣ, «қонуни оҳанини олигархия», бюрократизатсияи ташкилотҳои ҳизбӣ, таснифоти системаҳои ҳизбӣ, робитаи байни системаҳои интихоботӣ ва сохторҳои ҳизбӣ, таъсири системаҳои интихоботӣ ба устувории системаҳои сиёсӣ, таснифоти системаҳои ҳизбӣ, таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ, стратегияҳои ҳизбҳои сиёсӣ, системаҳои гуногуни интихоботӣ, равандҳои тағйирёбии барномаҳои ҳизбӣ ва нақши ҳизбҳо дар идоракунии демократӣ таҳқиқ гардидаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** асарҳои олимони рус ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботӣ чунин олимон ба монанди З.М. Зотова [25], Г.Г. Голосов [18], В.Я. Гелман [96], Е.Ю. Мелешкина [45], А.Ю. Сунгуров [159], Е.Ю. Мелешкина [121], А.Е. Любарев [41], А.В. Иванченко [27], В.И. Лисенко [40], В.С. Комаровский [35], Е.Б. Шестопал [81], Л.В. Сморгунов [65] ва чанде дигарон саҳми назаррас гузоштаанд. Дар таҳқиқоти олимони номбаргардида нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ, ҷанбаҳои назариявии сохтмони ҳизбӣ ва системаҳои ҳизбӣ, хусусиятҳои ташаккули системаҳои ҳизбӣ, таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ, самти фаъолияти идеологӣ ва сохторҳои ташкилии ҳизбҳо таҳлил гардидаанд. Инчунин олимони рус ба масъалаҳои мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ, асосҳои ҳуқуқии иштироки онҳо дар интихобот, маблағгузории ҳизбҳо ва маъракаҳои интихоботӣ, омилҳои ба интихоби шаҳрвандон таъсиррасон, хусусиятҳои фаъолияти сиёсии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, нақши ВАО ва рекламаи сиёсӣ дар раванди интихоботӣ таваҷҷуҳи зарурӣ додаанд.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқи ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботӣ олимони тоҷик низ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар байни онҳо осори А.Н. Маҳмадов [42; 43], Г.Н. Зокиров [23; 24], А. Муҳабатов [49], М.У. Хидирзода [74], Н.С. Муродова [48], Ш. Каримов [34], В.М. Набиев [51], М.Р. Камолова [32], А.И. Имомов [28], О. Каримов [33], С. Сафаров [62], Р. Ҳакимов [77] аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар асарҳои худ олимону донишмандони

ватанӣ масъалаҳои ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ, таҳаввули системаи ҳизбӣ, таъсири ҳизбҳо ба раванди сиёсӣ, ҳамкории онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Дар асарҳои онҳо инчунин масъалаҳои ташаккул ва рушди системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштироки ҳизбҳо дар маъракаҳои интихоботӣ, ҳамкории ҳизбҳо бо давлат ва ҷомеа таҳлил карда шудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо ба омӯзиши таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули фарҳанги сиёсии аҳолӣ, нақши онҳо дар таъмини суботи сиёсӣ ва рушди демократӣ диққати махсус дода мешавад.

**Гурӯҳи чорумро** таҳқиқоти диссертатсионии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ олимону пажуҳишгарони кишвар дар баробари дигар масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ самтҳои гуногуни фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули системаи интихоботии кишварро дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии худ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионии Р.Г. Қурбонов [181], Г.Р. Муродова [182], М.Р. Камолова [180], Л.Ш. Сафаров [184], А.А. Сайфиддинов [183], Ф.Ф. Ҷонмаҳмадов [179] таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар маҷмуъ, масъалаи нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ дар шаклҳои гуногун ва дар шароити мухталиф омӯхта шудааст. Дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ин масъала доираи васеи адабиёти илмӣ вуҷуд дорад. Аммо, бо рушди босуръати равандҳои сиёсӣ ва пайдоиши мушкилоти нав, таҳқиқот дар ин соҳа идома дорад ва самтҳои нави он пайдо мешаванд. Таҳқиқи таъсири технологияҳои нав, популизм ва ҷаҳонишавӣ ба системаҳои ҳизбӣ ва равандҳои интихоботӣ махсусан муҳим мебошанд. Омӯзиши мавқеъ ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ барои фаҳму дарки фаъолияти институтҳои муосири демократӣ вазифаи муҳим боқӣ мемонад. Таҳлили маводи ҷамъшудаи назариявӣ ва таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки намунаҳо ва тамоюлҳои рушди системаҳои ҳизбӣ ошкор карда шаванд, инчунин таъсири системаҳои интихоботӣ ба рақобати сиёсӣ ва намояндагии манфиатҳои гуногун дар сиёсат арзёбӣ гарданд. Идомаи таҳқиқот дар ин соҳа

барои таҳияи стратегияҳои муассири рушди демократия ва таҳкими суботи сиёсӣ зарур аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» (барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025) анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани нақши онҳо дар рушди демократия ва инъикоси манфиатҳои гуногуни аҳолӣ мебошад. Барои амалӣ шудани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин барои омӯзишу пажӯҳиши мавзуи рисола пешниҳод гардида буданд:

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– таҳлилу таҳқиқи пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои зоҳиршавии онҳо ва нишон додани хусусиятҳои хоси раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир;

– муайян намудани таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба рушди системаи интихоботии ҷомеаи муосир ва асоснок кардани нақши онҳо дар рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа;

– таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои раванди ташаккулёбии системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон додани заминаҳои муҳимтару омилҳои таъсиррасон ба ин раванд;

– таҳқиқи нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани дурнамои таъмини рушди системаи ҳизбӣ дар кишвар;

– баррасӣ ва арзёбии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва нишон додани хусусиятҳои он дар  Ҷумҳурии Тоҷикисон;

– таҳлилу баррасии роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи интихоботӣ.

**Объекти таҳқиқот** – ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти равандҳои сиёсӣ.

**Предмети таҳқиқот** – нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди демократия ва инъикоси манфиатҳои гуногуни аҳолӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар шароити дигаргуниҳои муосири сиёсӣ аҳамияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли равандҳои сиёсӣ ва системаи интихоботӣ меафзояд. Нақши онҳо дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ,

пешбарии номзадҳо, сафарбаркунии интихобкунандагон ва назорати раванди интихобот торафт муҳимтар мегардад. Дар ин замина, ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи муҳимми ифода ва ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа баромад мекунанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки афкори мухталиф дар доираи муборизаи сиёсӣ баён ёбанд ва ба қабули қарорҳои давлатӣ таъсир расонанд. Ҳизбҳо, ҳамчунин, дар баланд бардоштани савияи маърифатнокии сиёсии шаҳрвандон, ҷалби онҳо ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими асосҳои демократия саҳм мегузоранд. Дар системаи интихоботӣ ҳизбҳои сиёсӣ нақши миёнарав байни шаҳрвандон ва давлатро мебозанд, зеро иштироки аҳолиро дар ҳаёти сиёсии кишвар таъмин мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи бисёрҳизбӣ амал мекунад ва дар он қувваҳои гуногуни сиёсие, ки гуногунрангии манфиатҳо ва ақидаҳои аҳолиро инъикос менамоянд, намояндагӣ мекунанд. Баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки он такмили заминаи қонунгузорӣ, таҳкими заминаи институтсионалии ҳизбҳо ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсии аҳолиро дар бар мегирад. Баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти муҳим барои рушди минбаъдаи демократия ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур дар навбати аввал асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ истифода бурда шудаанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи назарияҳои интихоби оқилона, назарияи тақсимоти иҷтимоӣ, равиши институтсионалӣ ва назарияи системаҳои бартаридоштаи ҳизбӣ таҳия гардидаанд. Назарияи интихоби оқилона ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун акторҳои оқилона меҳисобад, зеро онҳо дар раванди интихобот ба таҳияи стратегияҳо, пешбарии номзадҳо ва пешниҳоди барномаҳои сиёсӣ машғул гардида, ба ҷалби шумораи максималии овозҳои интихобкунандагон кӯшиш мекунанд. Интихобкунандагон, дар навбати худ, амали оқилона анҷом дода, ҳизб ё номзадеро интихоб мекунанд, ки ба манфиати онҳо мувофиқанд. Назарияи тақсимоти иҷтимоӣ пайдоиш ва рушди

ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун инъикоси тақсимоти амиқи иҷтимоӣ, ба монанди фарқиятҳои синфӣ, динӣ, этникӣ ё минтақавӣ шарҳ медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ манфиати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро баён мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки онҳоро дар системаи сиёсӣ намояндагӣ кунанд. Равиши институтсионалӣ барои муайян намудани нақши омилҳои институтсионалӣ, аз қабили системаи интихоботӣ, қонунгузории ҳизбӣ ва сохтори идоракунии давлатӣ дар ташаккули системаи ҳизбӣ ва муайян кардани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот хизмат мекунад. Назарияи системаҳои бартаридоштаи ҳизбӣ хусусиятҳои системаҳои сиёсиеро фаро мегирад, ки дар онҳо як ҳизб дар муддати тӯлонӣ мавқеи бартаридоштаро ишғол мекунад ва ба раванди сиёсӣ ва системаи интихоботӣ таъсири муайянкунанда мерасонад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили системавӣ, институтсионалӣ, муқоисавӣ, контент-анализ, методҳои миқдорию сифатӣ, методи типологӣ истифода бурда шудаанд. Таҳлили системавӣ имкон дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун институти сиёсӣ ва унсури муҳимтарини системаи сиёсии ҷомеа нишон дода шавад. Хусусияти модернизатсионии рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва равандҳои демократикунонии ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи методи мазкур таҳқиқ гардидаанд. Заминаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, бахусус танзими фаъолияти ҳизбҳо, рушди эволютсионии қонунгузории кишвар дар муносибат бо ҳизбҳои сиёсӣ тавассути методи институтсионалӣ таҳлил гардид. Дар асоси методи муқоисавӣ марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди ҳам ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ва ҳам системаи интихоботӣ нишон дода шудаанд. Методи типологӣ барои таҳлили таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ истифода бурда шуд. Методҳои контент-анализ, таҳлили нишондодҳои миқдорию сифатӣ барои таҳлили маводи эмпирикии марбут ба ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла барои таҳлилу ташхиси маълумоти оморӣ, маводи расонаҳои хабарии электронӣ (сомонаҳои расмии иттилоотӣ), матбуоти даврӣ ва ғ. мавриди истифода қарор дода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар заминаи омӯзиши алоқамандии ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳамаҷониба ва бисёрҷанбаи ҳизбҳои сиёсии кишвар таҳлил гардида, бо назардошти ҷанбаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва равандҳои воқеии сиёсӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи онҳо дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Баръакси корҳои мавҷуда, ки асосан ба тавсифи заминаи қонунгузорӣ ё таҳлили сатҳии фаъолияти ҳизбӣ равона шудаанд, дар таҳқиқоти мазкур таҳлили амиқи самтҳои муҳимтарини фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ анҷом дода шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар бандҳои зерин ифода меёбанд:

– пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо таҳлил гардида, хусусиятҳои хоси раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир нишон дода шудаанд;

– таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба рушди системаи интихоботии ҷомеаи муосир нишон дода шуда, нақши онҳо дар рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа асоснок карда шудааст;

– хусусиятҳои раванди ташаккулёбии системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, заминаҳои муҳимтарин ва омилҳои таъсиррасон ба ин раванд нишон дода шудаанд;

– нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, дурнамои таъмини рушди системаи ҳизбӣ дар кишвар муайян карда шудааст;

– фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот баррасӣ ва арзёбӣ гардида, хусусиятҳои хоси онҳо дар  Ҷумҳурии Тоҷикисон нишон дода шудаанд;

– роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи интихоботии кишвар баррасӣ гардида, вобаста ба ин масъала тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун миёнарав байни шаҳрвандон ва давлат, баёнгари манфиатҳои ҷамъиятӣ, ташкилкунандаи пешбарии номзадҳо, таҳиягари барномаҳои сиёсӣ ва сафарбаркунандаи интихобкунандагон баромад мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди демократикунонии ҷомеа қарор дорад, нақш ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ аҳамияти хоса дорад. Таҳлили ин ҷанбаҳо муносибати маҷмуиро талаб мекунад, зеро ба муқаррароти назариявии сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ асос ёфтааст. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун институтҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ буда, дар ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, пешбурди ғояҳо ва барномаҳои мушаххас, иштирок дар интихобот ва ба даст овардани мандатҳо дар мақомоти қонунгузор нақши калидӣ мебозанд. Дар системаи интихоботӣ ҳизбҳои сиёсӣ имконият доранд, ки тавассути пешниҳоди номзадҳо, таблиғоти интихоботӣ ва мубориза барои овозҳо дар ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ саҳм гузоранд.

2. Таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба рушди системаи интихоботии ҷомеаи муосир дар якчанд ҷанбаҳои асосӣ зоҳир мешавад. Якум, ҳизбҳо ҳамчун субъекти асосии иҷтимоикунонии сиёсӣ ва сафарбаркунии интихобкунандагон баромад карда, афзалиятҳои сиёсии онҳоро ташаккул медиҳанд ва иштироки онҳоро дар интихобот тақвият мебахшанд. Дуюм, ҳизбҳо дар таҳия ва пешниҳоди барномаҳои сиёсӣ ва стратегияҳои таъминкунандаи рушди ҷомеа ва давлат нақши муҳим мебозанд. Онҳо манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро ифода мекунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо пешниҳод менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки интихобкунандагон дар бораи мақсадҳо ва самтҳои фаъолияти ҳар як ҳизб маълумот гиранд ва дар асоси он интихоби худро анҷом диҳанд. Сеюм, ҳизбҳо ба танзими қонунгузории раванди интихобот таъсири назаррас расонида, кӯшиш мекунанд, ки онро мувофиқи манфиатҳо ва ақидаҳои худ дар бораи намояндагии самаранок беҳтар гардонанд. Чорум, ҳизбҳо дар раванди

назорати риояи қонунгузории интихоботӣ ва пешгирии қонуншиканӣ нақши муҳим мебозанд ва ҳамчун кафили қонунияти раванди интихобот баромад мекунанд.

3. Ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули системаи интихоботӣ нақши муҳим мебозанд, аммо онҳо ҳанӯз рушду инкишоф ёфта истодаанд. Таъсири онҳо дар якчанд ҷанбаҳо зоҳир мешавад: пешбарии номзадҳо, ташаккули афкори ҷамъиятӣ, назорати раванди интихобот ва намояндагии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ. Бо вуҷуди маҳдудиятҳо ва мушкилоти мавҷуда ҳизбҳои сиёсӣ ниҳодҳои муҳимми рушди демократӣ ба шумор рафта, ба легитимияти ҳокимият ва суботи системаи сиёсӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, ҳизбҳои сиёсӣ унсури муҳимми системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Нақши онҳо дар ташаккул ва фаъолияти ин система гуногунҷанба буда, масъалаҳои гуногуни раванди сиёсиро фаро мегирад. Рушди минбаъда ва таҳкими системаи ҳизбӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва намояндагии он барои рушди ниҳодҳои демократӣ ва суботи кишвар шароити зарурӣ фароҳам меоваранд.

4. Аз давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият Ҷумхурии Тоҷикистон шоҳиди ташаккул ва таҳаввули ҳизбҳои сиёсӣ гардид, зеро ҳар яке бо мақсаду андешаҳои мухталиф ба майдони сиёсӣ ворид шуданд. Ин раванд дар шароити сиёсии ноором ва низоъҳои дохилӣ сурат гирифта, ба ташаккули ниҳодҳои демократӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ таъсири амиқ расонид. Дар ибтидо, ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон асосан бар пояи идеологияҳои мухталиф, аз ҷумла миллӣ, динӣ ва либералӣ, ба вуҷуд омаданд. Бо вуҷуди ин, низоъҳои дохилӣ ва мушкилоти иқтисодӣ ба ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ монеъ шуданд. Дар солҳои баъдиҷангӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳоеро андешид, ки ба муттаҳидсозӣ ва таҳкими ҳукумати марказӣ равона шуда буданд. Дар марҳилаи аввали истиқлолият ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити ноустувории сиёсӣ ва муқовимати байнигурӯҳӣ ташкил карда шуданд. Баъдан, бо мустаҳкам

шудани давлатдорӣ ва системаи сиёсӣ, фаъолияти онҳо бо қонунгузорие, ки ба таъмини субот ва пешгирии экстремизм равона шудааст, танзим карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқи нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси равишҳои назариявии сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ҳам асосҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам омилҳое, ки ба нақши онҳо дар раванди интихобот таъсир мерасонанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои фаъолияти системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, дурнамои рушди он, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории интихоботӣ ва баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии демократӣ таҳия карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар заминаи омӯзиши доираи васеи адабиёти илмию назариявӣ ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи иттилоотӣ таҳия гардидааст. Барои асоснок кардани тезисҳои диссертатсия маводи расонаҳои хабарии дохилию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла баромаду суханрониҳои Сарвари давлат, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, консепсия ва стратегияҳо истифода шудаанд. Барои ба вуҷуд овардани ягонагии дохилии сохтори диссертатсия методҳои системавӣ ва институтсионалӣ истифода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 4-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақш ва мавқеи ҳизбҳо дар муносибатҳои сиёсии муосир», «Асосҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ», «Вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ», «Ҳизбҳо ва системаҳои интихоботӣ», «Системаҳои ҳизбӣ», «Механизмҳои муносибати мутақобилаи ҳизбҳо дар системаҳои ҳизбӣ» ва чанде дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳияи диссертатсия.** Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Муаллифи диссертатсия тули 3 соли охир ба ҷамъоварии адабиёти илмӣ машғул гардида, солҳои 2022-2025 ба коркарди маводи ҷамъоваришуда, таҳлили онҳо ва таҳияи мақолаҳои илмию маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 09.04.2025 (суратмаҷлиси №8) муҳокима шуда, барои ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 3 конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар факултети фалсафа зимни таълими фанни «Ҳизбҳо ва равандҳои сиёсӣ» истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 6 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 190 ададро ташкил медиҳанд.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

## 1.1. Ҳизбҳои сиёсӣ: моҳият, вазифаҳо ва хусусияти ташаккулёбии онҳо

Ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ раванди мураккаб ва гуногунҷанба ба шумор рафта, бо омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқамандии зич дорад. Зеро ҳизби сиёсӣ на танҳо иттиҳодияи одамоне мебошад, ки ақидаҳои сиёсии ҳамшабеҳ доранд, балки падидаи органикӣ ва зуҳуроти сохториест, ки барои ноил шудан ба ҳокимияти сиёсӣ ва татбиқи барномаи муайян талош меварзад. Дар ин раванд бо омезиши манфиатҳо, идеологияҳо, стратегияҳо ва тактикаҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Дар маҷмуъ, омилҳои номбаргардида шакли зоҳиршавӣ ва раванди ташаккулёбии ҳизби сиёсиро муайян мекунанд.

Заминаҳои таърихӣ дар ташаккули ҳизбҳо нақши муҳим мебозанд. Дар кишварҳои олам дар давраҳои гуногун шарту шароити пайдоиши ҳизбҳо ба таври назаррас фарқ мекард. Дар баъзе ҳолатҳо ҳизбҳо дар заминаи гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, клубҳо ва иттиҳодияҳое, ки элитаи ҷомеаро муттаҳид мекарданд, ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳолатҳои дигар дар асоси ҳаракатҳои оммавӣ, ки манфиатҳои табақаҳои васеи аҳолиро ифода мекарданд, ташкил карда шудаанд. Дар таҳқиқоти А.А. Акишев ва Д.К. Сулекеев қайд мегардад, ки «дар Аврупо аксари ҳизбҳо ҳамчун посух ба раванди саноатикунонӣ ва урбанизатсия ба вуҷуд омадаанд. Онҳо манфиатҳои синфи коргар ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро, ки аз дигаргуниҳои иқтисодӣ зарар дида буданд, намояндагӣ мекарданд. Дар Амрикои Лотинӣ ҳизбҳо аксар вақт дар атрофи сарварони харизматикӣ ташаккул меёфтанд ва мубориза барои истиқлолият ва ҳувияти миллиро инъикос мекарданд. Дар Африқо ташаккулёбии ҳизбӣ аксар вақт бо раванди деколонизатсия ва хоҳиши худмуайянкунии миллӣ алоқаманд буд» [5, с.125]. Раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки омилҳои фарҳангӣ ва марҳилаи таърихӣ ба пайдоиш ва рушди ҳизбҳо таъсири амиқ расонидаанд.

Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ ба ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ таъсири калон расонидаанд. Сохтори ҷомеа, тақсимоти сарват, сатҳи таҳсилот ва ҳаракати иҷтимоӣ барои ҳизбҳо заминаҳои иҷтимоиро ташкил додаанд ва самти идеологии онҳоро муайян кардаанд. «Дар ҷомеаҳое, ки сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ баланд буд, аксар вақт ҳизбҳое пайдо мешуданд, ки манфиатҳои синфи поёниро намояндагӣ мекарданд ва ба тақсимоти сарват ва васеъ кардани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ талош менамуданд» [8]. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули рӯзномаи сиёсии ҳизбҳо низ аҳамияти калон дорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад ба ҳизбҳо дар муайян кардани масъалаҳои мубрам, таҳияи сиёсати самаранок, таъмини шаффофият ва баланд бардоштани масъулияти сиёсии шаҳрвандон кумак расонад. Аз ин рӯ, ҳизбҳо бояд бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ кунанд ва онро ҳамчун шарики муҳим дар пешбурди дигаргуниҳои мусбат дар ҷомеа эътироф намоянд.

Идеология унсури муҳимтарини муайянкунандаи моҳият ва самти фаъолияти ҳизби сиёсӣ мебошад. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, «Идеология системаи ақидаҳо, арзишҳо ва эътиқодҳое мебошад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳизб, муносибати онро ба ҷомеа, давлат ва ҷаҳон муайян мекунад» [9, с.111]. Идеологияҳои гуногун - либерализм, консерватизм, сотсиализм, миллатгароӣ, коммунизм – моделҳои гуногуни сохтори ҷамъиятӣ ва роҳҳои гуногуни расидан ба некӯаҳволии умумиро пешниҳод мекунанд. Идеология барои ташаккули барномаи ҳизбӣ, таҳияи стратегияҳои сиёсӣ ва сафарбар кардани ҷонибдорон имконияти муносиб фароҳам меоварад. Аммо, идеология зуҳуроти шахшуда ва тағйирнопазир нест. Он метавонад ба шароити тағйирёбанда мутобиқ шавад, ғояҳо ва консепсияҳои навро дар бар гирад.

Дар баробари омилҳои номбаргардида нақши сарварӣ низ дар ташаккули ҳизби сиёсӣ хеле барҷаста аст. Роҳбари харизматикие, ки иродаи қавӣ, биниши возеҳи оянда ва қобилияти бовар кунонидан ва илҳом бахшидан ба одамонро дорад, метавонад дар таъсис ва таҳкими ҳизб нақши ҳалкунанда дошта бошад. Роҳбар симои ҳизбро ташаккул медиҳад, самти фаъолияти сиёсии онро муайян мекунад, тарафдорон ва сарпарастони ҳизбро ҷалб месозад. Ҳизби муваффақ

ба роҳбарии дастаҷамъӣ, қобилияти пайдо кардани тафоҳум ва ба назар гирифтани ақидаҳои гурӯҳҳо ва фраксияҳои гуногун дар дохили ҳизб ниёз дорад.

Муҳити институтсионалӣ, ки дар он ҳизб ташаккул меёбад, аҳамияти калон дорад. Сохтори конститутсионӣ, системаи интихоботӣ, қонунҳо дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва маблағгузории маъракаҳои интихоботӣ ҳама ба ташаккули системаи ҳизбӣ таъсир мерасонанд. Ба андешаи К. Базарбаев, «Дар кишварҳое, ки системаи интихоботии мажоритарӣ доранд, одатан системаи дуҳизбӣ ташкил карда мешавад, зеро интихобкунандагон одатан номзадҳои пурқувватро дастгирӣ мекунанд, то ба пирӯзии рақиби номатлуб роҳ надиҳанд» [10]. Дар системаи интихоботии мутаносиб, ҳар як ҳизб ба андозаи раъйи гирифтааш дар парлумон ҷой мегирад. Ин имкон медиҳад, ки ҳизбҳои хурд, ки наметавонанд дар ҳавзаҳои интихоботии мажоритарӣ ғолиб оянд, дар парлумон намояндагӣ кунанд. Ҳамин тариқ, системаи мутаносиб ба ҳизбҳои хурд имкон медиҳад, ки афкор ва манфиатҳои худро муаррифӣ кунанд ва дар қабули қарорҳои сиёсӣ саҳм гузоранд. Заминаҳои меъёрию ҳуқуқии маблағгузории маъракаҳои интихоботӣ метавонанд ба рақобатпазирии ҳизбҳо таъсир расонанд, имкониятҳои баъзеҳоро маҳдуд кунанд ва барои дигарон бартарӣ эҷод намоянд.

Раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ нарму ором нест. Он пур аз зиддиятҳо, низоъҳо ва гардишҳои ғайричашмдошт аст. Аммо, фаҳмидани омилҳои асосии ба ин раванд таъсиркунанда имкон медиҳад, ки мантиқи ҳаёти сиёсӣ беҳтар фаҳмида шавад ва рушди минбаъдаи он пешгӯӣ гардад. Ҳизбҳо муҳимтарин институтҳои ҷомеаи демократии замони муосир мебошанд ва ташаккулу фаъолияти онҳо ба тақдири ҷомеа ва давлат таъсири калон мерасонанд.

Аз таърихи ҳизбҳо ба мо маълум аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ марҳилаҳои гуногун ва мураккаби дуру дарозро аз сар гузаронидаанд. Аз рӯи сарчашмаҳо мафҳуми «партия» дар замоне мавриди истифода қарор гирифта буд, ки дар он вақт ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надоштанд. Дар он замон «партия» ҳамчун ифодаи

гурӯҳҳое буд, ки байни худ барои ҳокимият рақобат менамуданд. Лекин то асрҳои VI-III пеш аз мелод баъзе гурӯҳҳои сиёсие пайдо шуданд, ки онҳоро низ «ҳизб» меномиданд. Арасту якчанд қисми онҳоро ба номҳои гуногун, аз қабили ҳизбҳои кӯҳистониён, водинишинон ва қисми соҳилии шаҳрро ном мебарад [55]. Лекин онҳо иттиҳодияҳои муваққатие буданд, ки барои ҷонибдории шахсони алоҳида истифода мешуданд. Дар Рими қадим дар маънои ҳизб сиёсатмадоронеро ном мебурданд, ки «дар атрофи императорон Ю. Сезар ва Сулли муттаҳид шуда буданд» [59].

Дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи демократӣ дар қатори унсурҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбӣ мақом ва нақши махсуси худро доранд. Онҳо яке аз шаклҳои фаъоли ташкилотҳои оммавӣ-сиёсӣ ба шумор мераванд ва ҳимояи манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро ба амал мебароранд. Ҳангоми омӯзиши раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ ва марҳилаҳои инкишофи он, пеш аз ҳама, таснифоти М. Веберро, ки сиёсатшиносон пазируфтаанд, вохӯрдан мумкин аст. Ба ақидаи ӯ, раванди инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ се марҳиларо сипарӣ намудааст: а) кружокҳои аристократӣ; б) клубҳои сиёсӣ; в) ҳизбҳои оммавӣ. «Кружокҳои аристократии либералҳо (вигҳо) ва консерваторон (ториҳо) дар нимаи дуюми асри XVII ташаккул ёфта буданд. Аввалин клубҳои сиёсӣ солҳои 30-юми асри XIX пайдо гаштаанд. Ин клубҳо дар Британияи Кабир пайдо шуда буданд. Ҳизбҳои оммавӣ бошанд таъсир расонидан ба одамон, институтҳои сиёсии ҷомеа ва ҳодисаҳои дигари ҳаёти сиёсиро на танҳо дар давраи маъракаҳои интихоботӣ, балки берун аз онҳо, дар ҳаёти муқаррарӣ низ вазифаи муҳим ва бевоситаи фаъолияти худ медонанд» [11, с.74]. Дар таърихи ҳаракатҳои сиёсӣ ҳизбҳое вуҷуд доштанд, ки дар замон аз ҳизбҳои оммавии аврупоӣ қадимтаранд. Масалан, федералистон дар зери таъсири сиёсати А.Гамилтон ва демократҳо зери роҳбарии Т. Ҷефферсон дар замони ҳукмронии Ҷ.Вашингтон (1789-1797) ба сатҳи ҳизби сиёсӣ расида буданд. Ҳамин тариқ, ҳизб ин ташкилоти сиёсии гурӯҳи одамон буда, мақсади асосии он мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Ба ибораи дигар, ҳизби сиёсӣ иттифоқи

ихтиёриест, ки ба алоқаҳои идеологӣ асос ёфта, мақсади ба даст овардани ҳокимиятро дорад.

Дар Британияи Кабир пешгузаштагони ҳизбҳои консервативӣ гурӯҳҳои аристократии «ториҳо» ва либералӣ «вигҳо» буданд. Солҳои сиюми асри XIX ториҳо ва вигҳо таносубан клубҳои сиёсии Чарлтон Клаб ва Ислоҳот Клабро ташкил карданд. Дар Конвенти револютсионии Фаронса клубҳои сиёсии Жерондистон ва Якобинчиён ташкил карда шуд [72, с.492]. Сиёсатшиноси Норвегия Стэном Раккон дар инкишофи ҳизбҳои сиёсии Европаи Ғарбӣ чор давраро қайд кардааст: «давраҳои реформатсия, инқилобҳои миллӣ (инқилоби буржуазии Франсия), инқилоби саноатӣ ва инқилоби коммунистӣ» [63, с.115].

Пайдоиши аввалин клубҳои сиёсӣ дар солҳои сиюми асри XIX дар Британияи Кабир ба миён омадааст. Заминаҳои асосии пайдоиши ин клубҳоро ҷомеаи сармоядорӣ ташкил медод. Соли 1831 консерваторон «Чарлтон Клаб» ва соли 1836 либералҳо «Реформ Клаб» - ро таъсис доданд [64]. Пайдоиши клубҳои сиёсӣ боиси дар ҷомеа ташаккулёбии плюрализм ва мухолифати байни ҳизбҳои сиёсӣ шуданд.

Воқеан, дар ин клубҳо аъзоён ва тарафдорони сармоядорӣ ҷамъ меомаданд, то ақидаҳои худро паҳн кунанд, баҳсҳо гузаронанд ва стратегияҳои пешрафти сиёсии худро муайян намоянд. Ин гуна клубҳо дар ташаккули афкори умум ва самти сиёсати давлатӣ нақши муҳим мебозиданд. Клубҳои сиёсии сармоядорӣ барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва мулоқотҳо бо шахсиятҳои бонуфузи сиёсӣ ва иқтисодӣ имконият доштанд. Ин чорабиниҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи бештари одамон ба идеологияи сармоядорӣ ва муттаҳид сохтани тарафдорон мусоидат мекарданд. Ғайр аз ин, клубҳо аксар вақт бо воситаҳои ахбори омма робитаи зич доштанд. ВАО ба онҳо имкон медод, ки нуқтаи назари худро ба таври васеъ паҳн кунанд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми клубҳои сиёсии сармоядорӣ ин омода сохтани кадрҳои роҳбарикунанда буд. Олимони соҳа муътақид буданд, ки «дар клубҳои мазкур сиёсатмадорони оянда, иқтисодчиён ва рӯзноманигорон

малакаҳои заруриро барои пешбурди идеологияи сармоядорӣ меомӯхтанд» [83, с.320]. Онҳо дар баҳсҳо иштирок мекарданд, маърӯзаҳо мехонданд ва дар лоиҳаҳои сиёсӣ ширкат меварзиданд. Чунин шароит ба онҳо имкон медод, ки таҷрибаи амалӣ андӯзанд.

Пайдо шудани Қонуни умумии интихоботӣ имконият дод, ки дар як қатор мамлакатҳо ҳизбҳои парлумонӣ ташаккул ёбанд. Мисоли равшани ин ҳизбҳои либералӣ ва консервативии Британияи Кабир ва демокративу ҷумҳуриявии Амрико шуда метавонанд. Дар заминаи қонунҳои умумии интихоботӣ ҳизбҳои сиёсӣ имконият пайдо карданд, ки барномаҳои худро ба таври васеъ муаррифӣ кунанд ва ҷонибдорони бештарро ҷалб намоянд. Ин раванд ба ташаккули платформаҳои сиёсӣ мусоидат кард. Дар платформаҳои мазкур масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ҷой дода шуданд. Ҳизбҳо барои ҷалби овозҳо талош меварзиданд ва дар ин раванд шаклҳои нави таблиғот ва алоқа бо мардумро истифода мебурданд.

Аз тарафи дигар, қонунҳои умумии интихоботӣ имконияти иштироки васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ фароҳам оварданд. Ин ҳолат ба баланд шудани сатҳи огоҳии сиёсии аҳолӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуд. Мардум акнун имконият доштанд, ки намояндагони худро ба парлумон интихоб кунанд ва дар раванди қабули қарорҳо иштирок намоянд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки қонунҳои умумии интихоботӣ на ҳамеша ба таври комил амалӣ мешуданд ва дар баъзе мавридҳо ҳанӯз ҳам маҳдудиятҳо барои иштироки баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ вуҷуд доштанд. Масалан, дар баъзе кишварҳо ҳуқуқи овоздиҳӣ танҳо ба мардон ё ба шахсони дорои молу мулк дода мешуд. Аммо бо мурури замон ин маҳдудиятҳо бартараф шуданд ва ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ба меъёри байналмилалӣ табдил ёфт.

Соли 1854 дар ИМА ҳизби ҷумҳуриявӣ ташаккул ёфт, ки дар таъсиси он президенти ИМА А. Линколн саҳми калон дошт. Ҳизби нав ба муқобили паҳншавии ғуломдорӣ дар қаламравҳои нав баромад ва ҷонибдори рушди иқтисодӣ ва модернизатсияи кишвар буд. Ҳизби ҷумҳуриявӣ ба зудӣ дар

шимол ва ғарби ИМА, яъне дар минтақаҳое, ки иқтисоди пешрафта доштанд, маъруфият пайдо кард.

Вақте ки Авраам Линколн соли 1860 ба ҳайси номзади Ҳизби ҷумҳуриявӣ ба мақоми президентӣ пешбарӣ шуд, ин як нуқтаи гардиш дар таърихи сиёсии ИМА буд. Интихоби ӯ боиси ташаннуҷи шадид байни давлатҳои шимолӣ ва ҷанубӣ гардид, зеро давлатҳои ғуломдорӣ инро ҳамчун таҳдид ба системаи иқтисодӣ ва иҷтимоии худ арзёбӣ карданд. Пас аз интихоби Линколн як қатор давлатҳои ҷанубӣ шуриш бардоштанд ва Конфедератсияи Амрикоро таъсис доданд, ки ин боиси ҷанги шаҳрвандии Амрико гардид. Ин ҷанг аз соли 1861 то 1865 идома ёфт ва як давраи хунин ва пурталотум дар таърихи ИМА буд. Дар ин ҷанг масъалаҳои ғуломдорӣ, ҳуқуқи давлатҳо ваояндаи Иттиҳод ҳалли худро меёфтанд.

Дар давраи ҷанг Линколн ҳамчун роҳбари қатъӣ ва дурандеш баромад менамуд. Ӯ Эъломияи Озодиро қабул кард, ки боиси озод шудани ғуломон дар қаламравҳои исёнгар гардид ва ба ин васила барои Иттиҳод дастгирии маънавиро таъмин кард. И.Ф. Сергеенкова иброз медорад, ки «ғалабаи Иттиҳод дар ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба ғуломдорӣ хотима бахшид, балки ба муттаҳидшавии дубораи кишвар ва таҳкими нақши Ҳукумати федералӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ИМА мусоидат кард» [64]. Чанде баъд ҳизбҳое пайдо шуданд, ки мақсади онҳо муттаҳид кардани оммаи васеи меҳнаткашон, махсусан коргарон дар мубориза ба муқобили истисморгарон, нест кардани истисмори як гурӯҳи одамон аз ҷониби гурӯҳи дигар ва ташкил кардани ҷомеаи озоду беистисмор буд. Ба қатори чунин ҳизбҳо, пеш аз ҳама, ҳизбҳои сотсиалистӣ ва сотсиал-демократиро дохил кардан ҷоиз аст. «Ин ҳизбҳо дар асоси идеологияи марксистӣ ташаккул ёфта, дар давраҳои аввал майли дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок карданро надоштанд ва мақсади асосии онҳо муборизаи оштинопазир бар зидди истисморгарон буд» [56, с.106]. Бояд зикр кард, ки ин гуна ҳизбҳо аз ҷиҳати ташкилию идеологӣ нисбат ба дигар ҳизбҳо хеле мустаҳкам буданд.

Дар аввали асри XIX ҳизбҳои христианӣ- демократӣ ва дигар ҳизбҳои конфессионалӣ пайдо шуданд. Соли 1848 аввалин ҳизби оммавии коргарӣ бо номи Иттифоқи Коммунистон бо ташаббуси К. Марк ва Ф. Энгелс ташкил карда шуд. Дар охири асри XIX бошад дар бисёр мамлакатҳои ИА ҳизбҳои оммавӣ, асосан ҳизбҳои сотсиал-демократӣ ташаккул ёфтанд. Бояд қайд кард, ки ба сабабҳои асосии ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ дар охири асри XIX дар аврупо чунин омилҳо мусоидат карданд: «а) қабул шудани ҳуқуқи умумии интихоботӣ, ки ин имконияти зиёде дод барои ба сиёсат ва фаъолияти сиёсӣ рӯ овардани одамон; б) аз ҷиҳати ташкилӣ комил шудани ҳаракатҳои коргарӣ, ин имконият дод, ки пролетариат бедор гашта, дар мубориза барои қонеъ гардонидани талабот ва ҳимояи манфиатҳои худ мақомоти махсуси ҳизбҳои сиёсиро ташаккул диҳад» [68, с.15].

Муҳаққиқон хосиятҳои гуногун ва сифатҳои зиёдро мансуби аломатҳои ҳизби сиёсӣ медонанд. Дар адабиёти илмиву назариявӣ ба аломатҳои зерини ҳизбҳои сиёсӣ диққати хоса дода шудааст: «ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ташкилот таъсис ёфта, фаъолияти бардавом доранд. Хусусиятҳои бардавомии ташкилотҳои ҳизбӣ имконият медиҳад, ки ҳизбҳо аз гурӯҳҳои тасодуфӣ ва муваққатӣ ҷудо шаванд; вуҷуд доштани ташкилотҳои ибтидоии маҳаллӣ, ки бевосита дар зери роҳбарии ташкилоти умумимиллӣ амал менамоянд; мақсади асосии ҳизби сиёсӣ ба даст овардан ва истифода бурдани ҳокимият аст. Ин аломатест, ки ҳизби сиёсиро аз гурӯҳи фишоровар фарқ мекунонад. Зеро гурӯҳҳои фишоровар фақат воситаи таъсиррасонӣ ба ҳокимият буда, ғасби ҳокимиятро ҳадафи асосии хеш қарор намедиҳанд; таъмини ҷонибдории оммавӣ аз давраи маъракаи овоздиҳӣ то ташаккули парлумонро фаро мегирад; ҳизби сиёсӣ барандаи идеологияи муайян буда, ба воситаи он барнома ва оинномаи ҳизб таҳия карда мешавад» [69, с.45]. Аломатҳое, ки номбар карда шуданд, хоси ҳизбҳои сиёсии замони муосир мебошанд. Яъне, ҳар як ҳизби сиёсӣ кӯшиш менамояд, ки ба талаботи номбаргардида худро ҷавобгӯ ва посухгӯ гардонад.

Бояд қайд намуд, ки ҳизбҳо бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар ташкилотҳои сиёсӣ фарқ мекунанд. Тафовути онҳоро таҳқиқотчиёни амрикоӣ Д.Ж. Паломбар ва М. Вейнер чунин муайн кардаанд: «ҳизбҳои сиёсӣ созмонҳои нисбатан устувор буда, фаъолияташон хеле давомнок аст; ҳизбҳои сиёсӣ созмонҳои ҳамагир буда, дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ амал мекунанд ва бо созмонҳои маҳаллӣ робита доранд; ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳокимияти сиёсиро ба даст оварда, онро устувор нигоҳ доранд; ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷараёни мубориза барои ҳокимият ба даст овардани дастгирии оммавиро мақсади худ қарор медиҳанд» [66, с.32]. Чи гунае мушоҳида мегардад, олимони мазкур нишонаҳои асосии ҳизби сиёсиро тавсиф намудаанд. Бояд ёдовар шуд, ки андешаҳои онҳо хоси ҳизбҳои сиёсии ҷомеаи демократӣ мебошанд. Яъне, танҳо дар ҷомеаи демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ хусусият ва нишонаҳоеро, ки дар боло номбар гардиданд, дошта метавонанд.

Дар адабиёти илмӣ ҳизбҳоро созмонҳои муттаҳид ва нисбатан давомдоре медонанд, ки бо мақсади муайяни сиёсӣ муттаҳид шудаанд ва ҳадафи онҳо ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Дар сарчашмаҳои илмӣ таъкид мегардад, ки «фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, ифода ва ҳимояи манфиатҳои гуногуни сиёсӣ зарур аст» [128]. Ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, бо хусусияти ихтиёрии худ фарқ мекунанд. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки озодона ба ҳизбҳо ворид шаванд ё аз онҳо хориҷ гарданд. Ҳеҷ кас наметавонад онҳоро маҷбур созад, ки узви ягон ҳизб шаванд. Ин озодии интихоб яке аз рукнҳои асосии демократия ба ҳисоб меравад. Инчунин, бояд қайд кард, ки ҳизбҳои сиёсӣ дорои сохтори доимӣ ва муташаккил мебошанд. Онҳо дорои мақомоти роҳбарикунанда, барнома ва оинномаи худ ҳастанд. Ин сохтор ба онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро мутамарказ ва муназзам созанд ва дар раванди сиёсӣ нақши муассир бозанд. Ҳамин тариқ, ҳизбҳои сиёсӣ унсурҳои муҳимми системаи сиёсӣ буда, дар ташаккули иродаи халқ ва иштироки онҳо дар идораи давлат нақши калидӣ мебозанд. Онҳо бо сохтори

устувор, ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ ва ихтиёрӣ буданашон аз дигар созмонҳои сиёсӣ фарқ мекунанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати институтҳои муҳимми сиёсӣ дар шаклгирии иродаи сиёсии халқ, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат ва пешбурди манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа нақши калидӣ мебозанд. Онҳо ҳамчунин вазифадоранд, ки дар ҷараёни интихобот номзадҳои худро пешбарӣ намуда, барномаҳои сиёсии хешро тарғиб кунанд ва барои ба даст овардани дастгирии оммавӣ талош варзанд.

Системаҳои ҳизбӣ, дар навбати худ, маҷмуи муносибатҳо ва рақобати байни ҳизбҳои сиёсиро дар дохили як давлат ифода мекунанд. Онҳо метавонанд гуногун бошанд - аз системаҳои якҳизбӣ, ки дар он танҳо як ҳизб ҳукмронӣ мекунад, то системаҳои бисёрҳизбӣ, ки дар онҳо шумораи зиёди ҳизбҳо барои ҳокимият рақобат менамоянд. Ҳар як системаи ҳизбӣ дорои афзалиятҳо ва норасоиҳои хоси худ аст ва мувофиқи шароити мушаххаси сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар интихоб карда мешавад.

Дар ҷаҳони муосир ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбӣ барои таъмини иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, назорати фаъолияти ҳукумат ва таъмини муколамаи байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа муҳим мебошанд. Онҳо инчунин дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмини адолат ва волоияти қонун нақши муҳим доранд. Ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ ҳадафҳои ниҳоӣ ва мухталифи сиёсӣ дошта, барои ба ин мақсадҳо ноил гаштан аз тамоми воситаҳо ва иттиҳодияҳои сиёсиву ҷамъиятӣ истифода мебаранд.

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи ҳизбӣ дар илмҳои сиёсии ҷаҳони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ табдил ёфтааст. Ба андешаи олимони соҳа: «Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа мақом ва нақши махсус дошта, ба раванди инкишофи ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд ва самаранокии фаъолияти онҳо яке аз шартҳои зарурии ташаккули ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад» [15, с.75]. Ҳизбҳои сиёсӣ низ дар қатори дигар унсурҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳсули инкишофи муносибатҳои

байниҳамдигарии сиёсии одамон буда, ташаккули онҳо аз сатҳи маданияти сиёсӣ, сиёсатфаҳмӣ ва сиёсатофаринии одамон вобаста мебошад.

Дар шароити муосир нишонаҳои муайянкунандаи ҳизбҳои сиёсиро дар аксар маврид ёдоварӣ менамоянд. Аз ҷумла, муайян намудани ҷиҳатҳои меъёрӣ, рақобати байни ҳизбҳо, меъёри муайянкунандаи ҳизб аз нуқтаи назари марксистӣ ва раванди ҳамгироии ҳизбҳо аз қабили чунин нишонаҳо дониста мешаванд.

Муайян намудани ҷиҳатҳои меъёрӣ. Яке аз донишмандони илмҳои сиёсӣ олими немис Эдмунд Бёрк ҳанӯз дар асри XVIII ҳизбҳои сиёсиро «ҳамчун гурӯҳи одамоне номида буд, ки барои таъмини хайрияти умум ва баробарии одамон мубориза мебурданд» [57, с.355]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мубориза барои таъмини хайрияти умум ба манфиати тамоми давлат мебошад. Вале на ҳама вақт мақсадҳои ҳизб бо мақсадҳои давлат ва аксарияти одамон рост меояд.

Рақобати байни ҳизбҳо. Олими австрягӣ Й. Шумпетер ин раванди инкишофи ҳизбҳоро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «ҳизб ин гурӯҳи одамоне мебошанд, ки онҳо дар рақобат барои ба даст овардани ҳокимият мубориза мебаранд» [57, с.355].

Меъёри муайянкунандаи ҳизб аз нуқтаи назари марксистӣ. Аз рӯйи ин меъёр, «ҳизби сиёсӣ шакли олии ташкилоти синфӣ буда, манфиатҳои синфӣ, ҷамъиятӣ ё табақаҳои ҷамъиятиро ифода менамояд» [72, с.482]. Бояд зикр кард, ки то солҳои 60-уми асри XX ҳизбҳои пешқадам дар ҳақиқат характери синфӣ доштанд, вале дар натиҷаи инкишофи ҷомеа ва таъсири инқилоби илмӣ-техникӣ ҳоло фарқиятҳои байнисинфӣ тадриҷан аз байн рафта истодаанд, чунки дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда синфҳои миёна ташаккул ёфта истодаанд, ки ин раванд ба характери синфҳо таъсири ҷиддӣ расонидааст.

Раванди ҳамгироии ҳизбҳо. Ин раванд имконият медиҳад, ки ба фаъолияти ҳизбҳо ба таври маҷмуӣ ва ҳамаҷониба баҳо диҳем ва нишонаҳои асосии онҳоро муайян созем. Масъалан, М. Вебер ба ҳизбҳо чунин баҳо додаст: «ҳизбҳо ин иттиҳодияҳои озоди ҷамъиятӣ буда, мақсади онҳо ба сари

ҳокимият овардани роҳбаронашон мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки аъзоёни фаъоли онҳо низ мақсадҳои худро амалӣ гардонанд. Инчунин ҳизбҳо барои ба даст овардани ҳокимият аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд. Яке аз чунин воситаҳо интихобот мебошад, яъне, ҳизбҳо ҳамчун ташкилоти кирокунандаи овозҳои интихобкунандагон баромад менамоянд» [57, с.356]. Бояд қайд кард, ки таърифи пешниҳоднамудаи М.Вебер фаҳмиши классикии ҳизбҳои сиёсиро ифода менамояд. Айни замон бошад ҳизбҳои сиёсӣ дар баробари хусусиятҳои номбаршуда инчунин бо назардошти тағйирпазирии муносибатҳои ҷамъиятӣ баъзе хусусиятх дигарро низ дар худ касб намудаанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи системаи сиёсии демократӣ якчанд вазифаҳои муҳимро иҷро мекунанд. Иҷроиши ин вазифаҳо ба фаъолияти муътадили сиёсат ва таъмини легитимияти ҳокимият мусоидат мекунанд. Ин вазифаҳои анъанавиро тақрибан ба се категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: намояндагии манфиатҳо, ташаккули рӯзномаи сиёсӣ ва назорати ҳокимият. Ҳар яке аз ин функсияҳо хусусиятҳои худро доранд.

Вазифаи аввал намояндагии манфиатҳо мебошад. Моҳияти ин вазифа дар он аст, ки ҳизбҳо ҳамчун миёнарав байни шаҳрвандон ва институтҳои давлатӣ амал мекунанд. Онҳо манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ҷамъоварӣ, таҳлил ва намояндагӣ мекунанд ва ба ин васила иштироки онҳоро дар раванди сиёсӣ таъмин месозанд. Ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро дар асоси ниёзҳо ва дархостҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Ин гуна муносибат ба онҳо имкон медиҳад, ки легитимияти фаъолияти сиёсии худро асоснок кунанд. Ҳизбҳои муассир қодиранд, ки одамонро бо манфиатҳои умумӣ муттаҳид кунанд ва намояндагии онҳоро дар мақомоти давлатӣ ба даст оранд. Ин ҳолат дар навбати худ ба ҳамбастагии иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мусоидат мекунад.

Вазифаи дуюми ҳизбҳо ташаккули сиёсат мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ ба таҳия ва пешбурди идеологияҳои муайяне, ки ҳамчун барномаҳои асосии сиёсӣ шинохта мешаванд, кӯмак мерасонанд. Дар ҷараёни интихобот ҳизбҳо ба интихобкунандагон ғояҳо ва қарорҳои худро оид ба масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ пешниҳод мекунанд. Чунин тамоюлот

механизмеро ба вуҷуд меорад, ки тавассути он мушкилот ва манфиатҳои шаҳрвандон метавонанд ба амалҳои мушаххаси сиёсӣ табдил дода шаванд. «Тавассути фаъолияти сиёсии худ ҳизбҳо ба ташаккули қонунҳо, сиёсати андоз, системаи маориф ва тиб, инчунин дигар соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд» [153]. Ҳамин тариқ, ҳизбҳо метавонанд самти рушди сиёсиро муайян кунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мубрамро пешниҳод намоянд.

Дар шароити ҷомеаи демократӣ онҳо на танҳо ба дархостҳои интихобкунандагон ҷавоб медиҳанд, балки рӯзномаи ҷамъиятиро низ фаъолона ташкил мекунанд. «Ҳизбҳое, ки дар қудрат ҳастанд, қонунҳо ва ташаббусҳоеро таҳия мекунанд, ки метавонанд ҳаёти ҷомеаро тағйир диҳанд» [17]. Бояд қайд кард, ки фаъолияти онҳо на танҳо намояндагии манфиатҳо, балки иштироки фаъолона дар раванди ташаккули идоракунии давлатиро низ имконпазир месозад. Одатан, маъракаҳои интихоботӣ, ки сохторҳои ҳизбӣ ба он оварда мерасонанд, равандҳои демократиро бо мазмуни нав ва аҳамияти иҷтимоӣ пурра мекунанд.

Вазифаи сеюми ҳизб назорати ҳокимият мебошад. Иҷроиши ин вазифа маънои онро дорад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун мухолифи ҳокимият баромад мекунанд, амалҳои онро назорат менамоянд ва ҳимоятгарони манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошанд. Ин тавассути системаи назорат ва тавозун, ки дар байни қувваҳои гуногуни сиёсӣ мавҷуд аст, ба даст оварда мешавад [82]. Чунин хусусият махсусан дар шароити системаи бисёрҳизбӣ ба назар мерасад, зеро «дар системаи бисёрҳизбӣ рақобати ҳизбҳо ба таъмини шаффофияти бештар ва масъулияти ҳокимият дар назди шаҳрвандон мусоидат мекунад» [80]. Ҳизбҳо метавонанд нақши мухолифини сиёсиро иҷро кунанд, амалҳои ҳукуматро назорат намоянд, ба ин васила сӯиистифода аз мақоми ишғолнамудаи хизматчиёни давлатиро пешгирӣ созанд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои анъанавии ҳизбҳои сиёсӣ барои нигоҳдорӣ ва таҳкими институтҳои демократӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Тавассути намояндагии манфиатҳо, ташаккули рӯзномаи сиёсӣ ва назорати амалҳои

ҳокимият, ҳизбҳо на танҳо дар раванди сиёсӣ иштирок мекунанд, балки онро ташаккул медиҳанд ва робитаҳои муҳимми байни давлат ва шаҳрвандонро таъмин менамоянд. Ин вазифаҳо дар системаи сиёсӣ нақши муҳим доранд ва барои фаҳмиши минбаъдаи тағйирёбии нақши ҳизбҳо дар ҷомеаи муосир муҳим мебошанд.

Аз ибтидои асри XXI ҳизбҳои сиёсӣ бо як қатор мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешаванд. Чунин ҳолат вазифаҳои анъанавии онҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тағйир ёфтани усулҳои ҳамкорӣ бо электорат ба таври назаррас тағйир медиҳанд. Ин тағйирот дар заминаи пешрафти босуръати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба амал омада, барои ҳизбҳо ҳам имконият ва ҳам монеаҳои гуногун эҷод мекунанд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба тағйирёбии функсияҳои ҳизбҳо таъсир мерасонад, ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар шароите, ки марзҳои байни давлатҳо торафт шаффофтар мешаванд, ҳизбҳои сиёсӣ маҷбур мегарданд, ки ба шароити нави иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ шаванд. Ҳизбҳо дарк мекунанд, ки «барномаҳои интихоботӣ ва стратегияҳои сиёсии онҳо бояд на танҳо воқеиятҳои дохилӣ, балки воқеиятҳои байналмилалиро фаро иранд» [109]. Ин дар пайдоиши мавзуъҳо ва масъалаҳои нав - ба монанди тағйирёбии иқлим, муҳоҷират, амнияти байналмилалӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, ки дар рӯзномаи сиёсӣ муҳим ба назар мерасанд, ифода меёбад.

Дар шароити имрӯза рушди технологияҳои иттилоотӣ ба вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ таъсири назаррас мерасонад. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ тарзи муошırати ҳизбҳоро бо интихобкунандагон ба куллӣ тағйир доданд. Акнун ҳизбҳо метавонанд ба интихобкунандагон бевосита муроҷиат намоянд. Зеро онҳо аз ВАО-и анъанавӣ канорагирӣ мекунанд. Олимони хориҷӣ иброз медоранд, ки «ба вуҷуд омадани платформаҳои рақамӣ ба сохторҳои ҳизбӣ имкон медиҳад, ки ба дархостҳои ҷамъиятӣ зудтар вокуниш нишон диҳанд ва бо аъзоёну пайравони худ муошırати фардӣ дошта бошанд» [169]. Масалан, таблиғи мақсадноки барномаҳои ҳизбӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, истифодаи захираҳои калони иттилоотӣ барои таҳлили рафтори интихоботӣ ва

иштироки фаъол дар мубоҳисаҳои онлайнӣ ба василаи муҳим барои пешбурди маъракаи интихоботӣ ва ташаккули имиҷи сиёсӣ табдил меёбанд.

Чи гунае ки мушоҳида гардид, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ҳизбҳои сиёсӣ вазифаҳои нав пайдо мекунанд. Агар онҳо ин корҳоро анҷом дода тавонанд, чунин фаъолнокӣ нақши онҳоро дар системаи сиёсӣ ба таври назаррас тағйир медиҳад. Ин дигаргуниҳо зарурати аз нав дида баромадани равишҳои анъанавии ҳамкорӣ бо интихобкунандагон ва ислоҳи стратегияҳои кор дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи ВАО-ро ба миён меоранд. Хусусиятҳои нави мавриди назар фаъолияти онлайнӣ, муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни ВАО мебошанд.

Фаъолнокии онлайнӣ ба яке аз самтҳои назарраси фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Айни замон шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои интернетӣ ва дигар платформаҳои рақамӣ дар ташаккул ва идоракунии имиҷи сиёсии ҳизбҳо нақши калидӣ доранд. Онҳо барои муоширати мустақим бо интихобкунандагон шароити нав фароҳам меоранд ва ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо иттилооти худро паҳн кунанд, балки аз шаҳрвандон фикру мулоҳизаҳои заруриро ҷамъоварӣ созанд. Дар таҳқиқоти олимони рус роҷеъ ба ин масъала таъкид гардидааст, ки «дастрасии фаврӣ ба иттилоот ва қобилияти вокуниши фаврӣ ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки маъракаҳои худро самаранок ташкил кунанд ва барои амалӣ намудани мақсадҳои барномаи ҳизбии худ тарафдорони бештарро сафарбар намоянд» [133]. Воқеан ҳам дар шароити имрӯза ҳизбҳо форматҳои гуногуни онлайниро истифода мебаранд, аз ҷумла вебинарҳо, пахши мустақим ва пурсишҳои маҷозӣ. Ин тарзи корбарии василаҳои нави иттилоотӣ ба таҳкими робитаи онҳо бо интихобкунандагон мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, муборизаи иттилоотӣ самти дигари фаъолияти ҳизбӣ дар шароити ба амал омадани рақобат барои ҷалби диққати интихобкунандагон мегардад. Асри рақамӣ на танҳо барои паҳн кардани таблиғот, балки барои коркарди иттилоот имконият фароҳам меорад. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки шаклҳои гуногуни иттилоотро (шиорҳо, видеоҳои таблиғотӣ ва ғ.) барои ҷалби

афкор ва роҳбарӣ дар мубоҳисаҳо истифода баранд. Гузашта аз ин, бисёре аз ҳизбҳо дар вақти воқеӣ ба мониторинги афкори ҷамъиятӣ машғул мегарданд. Дар ин замина онҳо «паём ва стратегияҳои худро дар посух ба тағйироти баамаломада бо рӯҳияи интихобкунандагон мутобиқ мекунанд» [135]. Ин маънои онро дорад, ки ҳизбҳои муваффақ бояд на танҳо ғояҳои возеҳро пешниҳод кунанд, балки дар идоракунии ҷараёнҳои иттилоотӣ фаъолона иштирок намоянд, то ин ки барномаҳои сиёсии худро бо дарназардошти талаботи қишрҳои гуногуни ҷомеа ташаккул дода тавонанд.

Бо ҳам омезиш додани шаклҳои гуногуни ВАО, ки омезиши ҳамоҳангии воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва навро дар бар мегирад, вазифаҳои нави ҳизбҳоро низ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ фаро мегирад. Ҳизбҳои сиёсӣ маъракаҳои иттилоотии худро бо форматҳои анъанавии ВАО, ба монанди телевизион, радио ва нашрияҳои чопӣ бештар муттаҳид мекунанд. Ба андешаи Е.Н. Ежова, «ин гуна фаъолият ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки дастрасии шунавандагонро васеъ кунанд ва ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ таъсир расонанд» [44]. Яъне, ҳам ба шунавандагони ҷавон, ки дар Интернет фаъоланд ва ҳам ба интихобкунандагони калонсол, ки манбаъҳои анъанавии иттилоотро афзал медонанд. Ҳамин тариқ, ҳизбҳо бояд стратегияҳои худро ба хусусиятҳои ҳар як шабакаи алоқа мутобиқ карда, таъсири синергетикии фаъолияти худро эҷод кунанд.

Гузашта аз ин, дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ тавաҷҷуҳ ба маълумоти шахсӣ ва масъалаҳои махфияти иттилоот қисми ҷудонопазири фаъолияти ҳизбҳо мегардад. Ҳизбҳо бояд талаботи муосири амният ва ахлоқи иттилоотию рақамиро ба назар гиранд. Чунин ҳолат ба кори онҳо масъулияти нав ворид мекунад. Дар натиҷа, ташкили муносибатҳои боваринок бо интихобкунандагон тавассути амалияҳои шаффоф ва ахлоқӣ барои ҳизбҳо афзалияти муҳим мегардад.

Бояд қайд кард, ки вазифаҳои нави ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ, гарчанде ки имкониятҳои навро фароҳам меоранд, инчунин ба онҳо мушкилоти ҷиддӣ низ пеш мегузоранд. Ҳизбҳо бояд тавонанд

имичҷи худро идора кунанд, ба маълумоти бардурӯғ дуруст вокуниш нишон диҳанд ва аз даст додани эътимоди интихобкунандагонро пешгирӣ намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ вазифаҳои худро ба ҳузури фаъоли онлайнӣ ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни ВАО равона карда, ба талаботи замон мутобиқ шуданро идома медиҳанд, ки ин дар навбати худ дар рушди умумии демократия ва суботи сиёсӣ инъикос меёбад.

Ин гуна тағйирот инчунин барои аз нав дида баромадани намояндагии манфиатҳо зарур аст. Ҳизбҳои сиёсии муосир торафт бештар бо шаклҳои нави фаъолияти шаҳрвандӣ, аз қабили ҳаракатҳои сиёсӣ, ташаббусҳои экологӣ ва шаклҳои гуногуни фаъолият алоқамандӣ пайдо мекунанд. Ҳизбҳо бояд бо назардошти манфиатҳои акторҳои нав мутобиқ шаванд. Ин ҳолат метавонад шабакаи мураккаби ҳамкорӣ ва намояндагӣ эҷод кунад. Ҳизбҳои анъанавӣ, ки қаблан ба сохтори намояндагии манфиатҳо таваҷҷуҳ мекарданд, ба шаклҳои васеътари ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа мегузаранд. Ин гуна дигаргуниҳо раванди ташаккули рӯзномаи ягонаро душвор мегардонад [13]. Дар шароити муосир ҳизби сиёсие метавонад муваффақияти бештар ба даст орад, ки агар талаботи замони имрӯзаро дарк намуда, барномаи сиёсӣ ва стратегияи интихоботии худро бо назардошти онҳо таҳия созад.

Намояндагии манфиатҳои шаҳрвандон яке аз вазифаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Дар шароити ҷомеаи демократӣ ҳизбҳо барои намояндагии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва инчунин ташкили фаъолияти сиёсии шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам меоваранд. Онҳо ҳамчун миёнарави байни давлат ва ҷомеа хидмат мекунанд ва муҳитеро ташкил медиҳанд, ки андешаҳо ва ниёзҳои интихобкунандагонро инъикос мекунанд. «Барномаҳои ҳизбӣ дар асоси таҳлилҳои байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ таҳия карда мешаванд ва ба онҳое, ки тавассути ин ҳизбҳо намояндагӣ карда метавонанд, имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсиро медиҳанд» [60]. Ин хусусият вақте муҳим мегардад, ки агар сухан дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои ақаллиятҳо, занон ё табақаҳои дигари иҷтимоӣ равад. Ҳамин тариқ, ҳизбҳо

барои намояндагии фарогир дар системаи сиёсӣ шароити зарурӣ фароҳам меоранд.

Вазифаи дигари ҳизби сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ бо ташкили баҳсу муҳокимаҳо ба ташаккули огоҳии сиёсӣ ва иштироки сиёсии шаҳрвандон мусоидат мекунанд. В.В. Рябев робитаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва маданияти сиёсиро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки «ҳизбҳои сиёсӣ барои муҳокимаҳои оммавӣ ҷойҳое ташкил медиҳанд, ки шаҳрвандон дар он ҷойҳо метавонанд андешаҳои худро баён кунанд ва дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми ҷомеа иштирок намоянд ва ба ин васила арзишҳо ва таҷрибаҳои демократиро тақвият диҳанд» [61]. Бояд гуфт, ки бе иштироки ҳизб дар ин соҳа бисёр шаҳрвандон метавонанд аз равандҳои қабули қарорҳо ҷудо шаванд, ки ин мавҷудияти системаи демократиро зери хатар мегузорад.

Илова бар ин, дар шароити нав назорати ҳокимият низ дигаргун мешавад. Ҳизбҳо бо технологияҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд, ба монанди системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунии маълумот ва мониторинги равандҳои сиёсӣ тавассути платформаҳои электронӣ. Чунин фишори эҷодшуда аз ҳизбҳо шаффофият ва масъулияти бештарро талаб мекунад ва онҳоро ба тағйироти идоракунӣ ва ташкили фаъолияти муассири дохилӣ сафарбар месозад. Дар маҷмуъ, вазифаҳои анъанавии ҳизбҳои сиёсӣ зери таъсири ҷаҳонишавӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва шаклҳои нави ҳамкорӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин гуна дигаргуниҳо ҳизбҳоро маҷбур мекунанд, ки равишҳои худро ба намояндагии манфиатҳо, ташаккули сиёсат ва назорати ҳокимият мутобиқ созанд ва ин масъаларо минбаъд доимо аз сари нав дида бароянд. Ҳамин тариқ, ҳизби сиёсии муосир бояд на танҳо намоянда, балки иштирокчии фаъоли муколамаи бисёрҷониба ҷомеа бошад.

Яке аз аввалин таснифоти ҳизбҳо ба нишонаҳои синфӣ асос ёфта, онҳоро ба ҳизбҳои ашрофӣ, буржуазӣ ва коргарӣ ҷудо мекарданд. Ин навъи силсилабандӣ бештар дар марҳилаи аввали ташаккули ҳизбҳо ва дар шароити авҷ гирифтани муборизаҳои синфӣ маъмул буд. Бо вуҷуди ин, бо мурури

замон, ин таснифот камбудиҳои худро нишон дод, зеро сохтори синфии ҷомеа мураккабтар гардид ва ҳизбҳо кӯшиш карданд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои васеътари аҳолиро ифода намоянд.

Дар замони муосир шаклҳои гуногуни ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд. Онҳо: «аз рӯйи хусусиятҳои худ ба ҳизбҳои кадрӣ ва оммавӣ; аз рӯйи характери рафтор дар ҷомеа ба демократӣ, тоталитарӣ: аз рӯйи мақом дар системаи сиёсӣ ба ҳизбҳои ҳукмрон, мухолифин; аз рӯйи ақида ва характери инкишофи ҷомеа ба ҳизбҳои эволютсионӣ (таҳаввулёбанда), ислоҳотчигӣ, инқилобӣ, радикалӣ; аз рӯйи равияи идеологӣ ба ҳизбҳои рост (консервативӣ, либералӣ) ва чап (сотсиалистӣ, коммунистӣ) ҷудо мегарданд» [12, с.66]. Дар замони ҳозира аз ҳама ҳизбҳои инкишофёфта ҳизбҳои кадрӣ (элитарӣ) ва оммавӣ мебошанд. Онҳо аъзои доимӣ надоранд ва ҳамчун клуби сиёсӣ амал мекунанд.

Таснифоти дигари маъмул ин ҷудо кардани ҳизбҳо аз рӯи идеологияи онҳо мебошад. Дар ин ҳолат, ҳизбҳо ба коммунистӣ, сотсиалистӣ, либералӣ, консервативӣ ва ғайра тақсим мешаванд. Ин навъи таснифот барои муайян кардани мавқеи сиёсии ҳизб ва арзишҳое, ки онҳо дар ҷомеа тарғиб мекунанд, мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, дар амал идеологияи ҳизбҳо метавонад тағйир ёбад ва ё омехтаи идеологияҳои гуногун бошад, ки чунин ҳолат таснифоти ҳизбҳоро каме мушкилтар месозад.

Дар замони муосир бисёре аз муҳаққиқон ҳизбҳоро аз рӯйи сохтори дохилӣ ва тарзи фаъолияти онҳо тасниф намуда истодаанд. Дар ин ҳолат ҳизбҳо ба ҳизбҳои кадрӣ, ҳизбҳои оммавӣ ва ҳизбҳои ҳамагир ҷудо мешаванд. Ҳизбҳои кадрӣ, чун қоида, аз ҷониби элитаи сиёсӣ таъсис дода шуда, ба ҷалби сармоя ва дастгирии молиявӣ нигаронида шудаанд. Ҳизбҳои оммавӣ, дар навбати худ, ба ҷалби аъзои зиёди фаъол ва ташаккули сохтори васеи ташкилӣ нигаронида мешаванд. Ҳизбҳои ҳамагир бошанд, кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро ифода кунанд ва ба ин васила дастгирии ҳадди аксарро ба даст оранд.

Ҳизбҳои кадрӣ, чун қоида, дар байни боистеъдодтарин ва бонуфузтарин аъзоёни ҷомеа интихоби кадрӣ мегузаронанд. Аъзоёни онҳо одатан аз ҳисоби зиёиён, соҳибкорон, ҳуқуқшиносон ва дигар шахсони дорои маълумоти олӣ ва мақоми баланд интихоб мешаванд. Чунин ҳизбҳо, одатан, барномаи муфассали сиёсӣ надоранд ва ба таблиғи ғояҳои умумӣ, ки барои доираи васеи интихобкунандагон ҷолибанд, равона карда мешаванд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки тавассути эътибори шахсии роҳбарон ва фаъолияти бомақсади таблиғотӣ дастгирии ҷамъиятиро ба даст оранд.

Баръакси ҳизбҳои кадрӣ, ҳизбҳои оммавӣ ба васеъ кардани узвият ва ҷалби дастгирии ҳарчи бештари интихобкунандагон нигаронида шудаанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки тамоми қишрҳои ҷомеаро фаро гиранд ва сохтори муташаккилона ва иерархӣ доранд. Ҳизбҳои оммавӣ одатан барномаи муфассали сиёсӣ доранд, ки дар он масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ инъикос меёбанд. Онҳо ба таблиғи ғояҳои худ тавассути воситаҳои ахбори омма, чорабиниҳои оммавӣ ва фаъолияти узвият диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҳизбҳои оммавӣ баръакси ҳизбҳои кадрӣ сершуморанд, аз ҷиҳати ташкилӣ хеле мустаҳкаманд. Ҳаққи аъзогӣ месупоранд, фаъолияти доимӣ доранд ва вазифаҳои иҷтимоию идеологиро мунтазам пеш мебаранд.

Олами муосир ҳизбҳои гуногуни сиёсиро медонад, ки онҳо зери таъсири омилҳои гуногун пайдо шудаанд. Аз ҷумла, ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси чунин мақсадҳои сиёсӣ пайдо гардидаанд: «ҳизбҳои коргарӣ- ҳамчун аслиҳаи мубориза бар муқобили системаи сармоядорӣ; ҳизбҳои аграрӣ- ҳамчун эътироз зидди инкишофи тараққиёти саноатӣ; ҳизбҳои христианӣ-ҳамчун аслиҳа ба муқобили ҳаракатҳои зидди динӣ; ҳизбҳои коммуннистӣ-ҳамчун аслиҳаи мубориза бар зидди сармоядорӣ ва ҳизбҳои сотсиал-демократӣ - ҳамчун ҳимоятгари табақаҳои миёнаи иҷтимоии ҷамъиятӣ; ҳизбҳои фашистӣ – дар мубориза бар муқобили ҳама гуна шаклҳои демократия ва коммунизм» [79, с.156].

Ҳизбҳои сиёсӣ аксар вақт барои ба даст овардани ҳокимият ва амалӣ намудани барномаҳои сиёсии худ талош мекунанд. Дар ин раванд онҳо дар

шаклдиҳии афкори ҷамъиятӣ, муайян кардани самтҳои рушди кишвар ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд аз лиҳози идеология, сохтор ва усулҳои фаъолият гуногун бошанд. Баъзе ҳизбҳо ба идеологияи мушаххас, ба монанди сотсиализм, либерализм ё консерватизм содиқанд, дар ҳоле ки ҳизбҳои дигар кӯшиш мекунанд, ки доираи васеи афкорро дар бар гиранд ва ҳамчун ҳизбҳои «марказӣ» ё «умумихалқӣ» амал намоянд. Сохтори ҳизб метавонад аз созмонҳои иерархӣ бо роҳбарияти марказӣ то шабакаҳои ғайримарказии гурӯҳҳои мустақил иборат бошад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҳизбҳои сиёсӣ бояд ҳам ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳам идеологиро дар бар гирад. Фаҳмидани сохтори дохилӣ ва қоидаҳои ташкилии ҳизбҳо барои арзёбии фаъолияти самараноки онҳо ва намояндагӣ кардани манфиатҳои интихобкунандагон зарур аст. Ба ҳамин монанд, таҳқиқи мавқеи идеологии ҳизбҳо ва мувофиқати он бо арзишҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ барои дастгирии ҳизб ва қобилияти он барои таъсир расонидан ба сиёсати ҷамъиятӣ муҳим аст. Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки ҷонибдорони муносибати институтсионалӣ ба аломатҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ ва анъанаҳои либералӣ ба робитаҳои идеологии онҳо диққати бештар медиҳанд, ҳарду равиш барои фаҳму дарки нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа муҳиманд ва таҳлили ҳамаҷониба бояд ҳам ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳам идеологии ҳизбҳоро дар бар гирад.

Пайравони таълимоти марксистӣ бошанд меъёри синфиро дар ҷои аввал мегузоранд ва онро аломати асосии ҳизбҳои сиёсӣ мешуморанд. Ин муносибат бар он ақида асос ёфтааст, ки ҷомеа ба синфҳо тақсим мешавад ва ҳар яке аз онҳо дар муносибат бо воситаҳои истеҳсол мавқеи мушаххас дорад. Мавқеъҳои мазкур манфиатҳои иқтисодии гуногун ва аксар вақт зиддиятнокро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа мубориза синфиро ба муҳаррики асосии таърих табдил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳизбҳои сиёсӣ, аз нигоҳи марксистӣ, намояндагони сиёсии синфҳои мушаххас мебошанд ва ҳадафи асосии онҳо ҳифз ва пешбурди манфиатҳои иқтисодии ҳамон синф аст.

Марксистон таъкид мекунанд, ки ҳизбҳои сиёсӣ аксар вақт идеологияеро қабул мекунанд, ки манфиатҳои синфиеро, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд, инъикос ва асоснок менамоянд. Масалан, ҳизбҳои буржуазӣ метавонанд идеологияҳои либералиро қабул кунанд. Зеро идеологияи мазкур озодии бозор, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ва рақобатро тарғиб мекунанд ва ин арзишҳо ба манфиатҳои иқтисодии синфи соҳибкор хизмат мекунанд. Баръакс, ҳизбҳои коргарӣ (ё сотсиалистӣ) метавонанд идеологияҳои сотсиалистиро қабул кунанд. Зеро идеологияи сотсиалистӣ баробарӣ, адолат ва назорати ҷамъиятӣ бар васоити истеҳсолиро тараннум менамояд ва ин арзишҳо ба манфиатҳои синфи коргар мувофиқанд. Аз рӯйи таснифоти мазкур мутафаккирон масъалаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ, аз қабили ташкил ва ё ҷобаҷогузории принсипҳоро ба таври гуногун тасниф кардаанд, ки дар қисми дигари рисола дар бораи ин принсипҳо андешаҳои мавҷударо баён хоҳем кард.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки барои фаҳму дарки моҳияти ин раванд ва таъсири он ба системаи сиёсии ҷомеа як қатор хулосаҳои муҳим таҳия карда шаванд.

1. Ташаккули ҳизби сиёсӣ раванди мураккаб ва гуногунҷанбае мебошад, ки аз омезиши омилҳои объективии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин фаъолияти субъективии акторҳои сиёсӣ вобаста аст. Ягон омилро ҳамчун муайянкунандаи асосӣ нишон додан ғайриимкон аст; баръакс, маҳз маҷмуи онҳо, ки дар алоқамандии байниҳамдигарӣ қарор доранд, барои пайдоиш ва ниҳодикунонии ҳизби сиёсӣ шароит фароҳам меоранд.

2. Раванди ташаккули ҳизби сиёсӣ яксон нест. Он метавонад вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ, фарҳанги сиёсӣ, намуди системаи сиёсӣ ва ҷойгиршавии қувваҳо дар арсаи сиёсӣ бо роҳҳои гуногун сурат гирад. Моделҳои асосии пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ, ки намунаҳои гуногуни ташаккули ҳизбҳоро нишон медиҳанд, ба таври зерин зоҳир мешаванд: эволютсионӣ (оғози ташаккули ҳизб аз ҳаракатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ), инқилобӣ

(ба вуҷуд омадани ҳизб дар давраи таконҳои иҷтимоӣ), институтсионалӣ (таъсиси ҳизбҳо аз боло бо дастгирии давлат) ва ғайра.

3. Ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои демократӣ вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунанд, ки барои нигоҳдорӣ ва рушди демократия хеле муҳиманд. Онҳо на танҳо манфиатҳои шаҳрвандонро намояндагӣ мекунанд, сиёсатро ташаккул медиҳанд ва назорати қудратро таъмин мекунанд, балки дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ низ саҳм мегузоранд. Ҳамаи ин функсияҳо бо ҳам алоқаманданд ва системаеро эҷод мекунанд, ки дар он ҳизбҳо на танҳо ҳамчун сохторҳои сиёсӣ, балки ҳамчун унсурҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ равона шудаанд, баромад менамоянд.

4. Идеология дар раванди ташаккули ҳизб нақши калидӣ дорад. Заминаи идеологии пешниҳодкардаи ҳизб барои сафарбар кардани тарафдорон, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳизб, инчунин ташаккули ҳувияти он асоси ташаккулёбии минбаъдаи ҳизб мебошад. Дар ин замина, интихоби идеология ва таҳияи барномаи сиёсии мувофиқ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Идеология бояд ҷавобгӯи ниёзҳо ва манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа бошад ва қодир ба он бошад, ки дар атрофи худ шумораи ҳарчи бештари тарафдоронро муттаҳид созад.

5. Раванди ташаккули ҳизб бо рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фарҳанги сиёсӣ алоқамандии зич дорад. Дар кишваре, ки институтҳои пешрафтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ доранду фаъолияти баланди сиёсии шаҳрвандон дида мешавад, ташаккули ҳизбҳо бештар ба таври демократӣ сурат мегирад. Дар чунин шароит ҳизбҳо бештар ба ифодаи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иштирок дар раванди сиёсӣ дар асоси рақобат ва ҳамкорӣ нигаронида шудаанд.

6. Ниҳодикунонии ҳизб марҳилаи муҳимми рушди он мебошад. Ниҳодикунонӣ ташаккули сохтори устувори ташкилӣ, қоидаҳо ва расмиёти дақиқи фаъолияти ҳизбро инъикос менамояд. Инчунин эътирофи ҳизб ҳамчун иштирокчии қонунии раванди сиёсӣ дар заминаи меъёрҳои мушаххас амалӣ

мешавад. Ниҳодикунонӣ ба ҳизб имкон медиҳад, ки воситаи самараноки таъсири сиёсӣ гардад ва муқовимати онро ба таъсири беруна баланд бардорад. Аммо, ниҳодикунонии аз ҳад зиёд метавонад ба бюрократизатсия ва ҷудошавии ҳизб аз пойгоҳи иҷтимоии он оварда расонад.

7. Ба раванди ташаккули ҳизбҳо ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам беруна таъсир мерасонад. Омилҳои дохилӣ хусусиятҳои фарҳанги сиёсӣ, сохтори табақабандии иҷтимоӣ, мавҷуд будан ё набудани анъанаҳои сиёсиро дар бар мегиранд. Омилҳои беруна дар шакли вазъи сиёсии байналмилалӣ, таъсири дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, паҳн кардани ғояҳо ва моделҳои муайяни сиёсӣ зоҳир мешаванд.

8. Раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ба рушди системаи сиёсии ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Ҳизбҳои қавӣ ва ниҳодишуда ба раванди ба эътидол овардани системаи сиёсӣ мусоидат мекунанд, намояндагии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро дар раванди сиёсӣ таъмин менамоянд ва самаранокии идоракуниро баланд мебардоранд. Ҳизбҳои заиф ва пароканда, баръакс, метавонанд системаи сиёсиро ноором кунанд, ба афзоиши шиддати иҷтимоии ҷомеа мусоидат кунанд ва самаранокии идоракуниро коҳиш диҳанд.

Ҳамин тариқ, раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ як падидаи мураккаб ва гуногунҷанбае мебошад, ки ба рушди системаи сиёсии ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Фаҳму дарки намунаҳо ва хусусиятҳои ин раванд барои таҳияи стратегияи муассири сиёсӣ ва бунёди системаи сиёсии устувор ва демократӣ муҳим аст. Таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа бояд ба омӯзиши моделҳои мушаххаси пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои гуногун ва муайян кардани омилҳое, ки ба ташаккули ҳизбҳои қавӣ ва муассири сиёсӣ мусоидат мекунанд, равона карда шавад.

## 1.2. Таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии фаъолияти ҳизбӣ

Омӯзиши таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии фаъолияти ҳизбӣ масъалаи ниҳоят муҳим дар илми муосири сиёсатшиносӣ мебошад. Зеро

рушди системаи интихоботӣ аз чигунагии фаъолияти ҳизбӣ ва хусусиятҳои системаи ҳизбии ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ташкили ҳаёти сиёсӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таъмини суботи сиёсӣ нақши назаррас доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти системаҳои сиёсӣ шаклҳои гуногуни фаъолияти ҳизбиро нодида гирифтан ғайриимкон аст, зеро онҳо бевосита ба фаъолияти ниҳодҳои демократӣ ва иштироки воқеии шаҳрвандон дар равандҳои интихоботӣ таъсир мерасонанд.

Ҷомеаҳои демократие, ки дар онҳо ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун миёнаравҳои асосии байни давлат ва ҷомеа амал мекунанд, таҳлили ҳамаҷонибаи механизмҳои ҳамкории онҳоро бо системаи интихоботӣ талаб мекунад. Таҷрибаи бисёр кишварҳо нишон медиҳад, ки тағйирот дар системаи ҳизбӣ метавонад ба рушди институтҳои демократӣ мусоидат кунад, ё баръакс, монеъ шавад. Аз равиши анъанавии намояндагӣ сар карда, ҳизбҳои сиёсӣ ба шароити нав мутобиқ мешаванд (аз пайдоиши ҳаракатҳои популистӣ то истифодаи фаъоли технологияҳои рақамӣ барои ҷалби интихобкунандагон). Ин барои системаҳои интихоботӣ ҳам мушкилот ва ҳам имкониятҳои нав эҷод мекунад, ки бояд ба назар гирифта шаванд ва омӯхта шаванд.

Таҳқиқотҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки ислоҳоти системаҳои интихоботӣ аксар вақт таҳти таъсири лоббизми ҳизбӣ сурат мегирад. Чунин тамоюлот ин масъаларо барои фаҳмидани механизми ҳокимияти сиёсӣ ва демократия дар маҷмуъ муҳим месозад. Тағйирот дар системаҳои ҳизбӣ, ба монанди гузариш ба ҳизбҳои сиёсӣ ё тақвияти эътилофҳои ҳизбӣ, ба дастрасии интихобот, рақобатпазирии онҳо ва сифати намояндагии сиёсӣ бевосита таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи таъсири ҳизбҳо ба системаҳои интихоботӣ, мо на танҳо дар бораи демократия ба маънои абстрактӣ тасаввурот пайдо мекунем, балки метавонем дар ташаккули механизмҳое, ки ба беҳтар шудани раванди интихобот мусоидат мекунанд, таваҷҷуҳ намоем.

Аҳамияти омӯзиши ин масъала инчунин бо тамоюлҳои муосири марбут ба бӯҳрони эътимод ба институтҳои сиёсӣ ва афзоиши бепарвоии электоралӣ (абсентеизм) вобаста аст. Дар робита ба ин, муҳим аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ

тавонанд ба талаботи тағйирёбандаи ҷомеа мутобиқ шаванд ва нақши худро ҳамчун миёнарав байни шаҳрвандон ва мақомот иҷро кунанд. Муайян намудани сабабҳое, ки ба падидаҳои бӯҳронӣ дар системаи интихобот оварда мерасонанд, танҳо тавассути таҳлили фаъолияти ҳизбҳо, стратегияҳо ва равишҳои онҳо ба ҳамкорӣ бо интихобкунандагон имконпазир аст. Ҳамин тариқ, чунин таҳқиқот метавонад дар таҳияи тавсияҳои муассир оид ба беҳтар кардани системаи ҳизбӣ ва эҷоди таҷрибаҳои устувори интихоботӣ саҳми назаррас гузорад. Аммо пеш аз оғози ин гуна таҳлилу баррасӣ нишон додани хусусиятҳои умумии ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳоро зарур медонем. Дар навбати аввал дар шароити муосир ҳизбҳои оммавӣ дар раванди сиёсии ҷомеа нақши назаррас доранд.

Ҳизбҳои оммавӣ ба гурӯҳи ҳизбҳои парлумонӣ дохил шуда, шумораи аъзоёнашон хеле зиёд аст. Ба ташаккулёбии ин зумра ҳизбҳо бекор кардани принсипи интихоботии маҳдуд ва ҷорӣ намудани ҳуқуқи умумии интихоботӣ асос гузошт. Ҳизбҳои оммавӣ аз ҳизбҳои кадрӣ бо он фарқ мекунанд, ки сохтори ташкилии онҳо хеле мустаҳкам буда, аъзоёни ҳизб номнавис мешаванд, дафтарчаи ҳизбӣ доранд ва аъзоҳақӣ месупоранд, ки ин асоси моливияи ҳизбҳои оммавиро ташкил менамояд. Бо ҳамин мақсад ҳизбҳои оммавӣ кӯшиш менамоянд, ки ҳарчи зиёдтар шумораи аъзоён ва хайрхоҳонашонро зиёд кунанд ва аз ёрии молиявии сармоягузорон даст кашанд, то ин ки дар давраи муборизаҳои сиёсӣ аз онҳо вобаста набошанд.

Ҳизбҳои оммавӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: чап ва рост. Ба ҳизбҳои чап дохил мешаванд: «ҳизбҳои коммунистӣ, сотсиалистӣ ва сотсиал - демократӣ. Ин гурӯҳи ҳизбҳо ячейкаҳои доимоамалкунанда доранд. Нақши муҳимро дар фаъолияти онҳо идеология мебозад, ки ба воситаи он мақсадҳои ҳизбро барои давраҳои дуру наздик баён мекунанд» [150, с.109]. Ҷиҳати фарққунандаи ҳизбҳои оммавӣ аз ҳизбҳои кадрӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ҳизбҳои оммавӣ аз поён ташкил карда шуда, ҳизбҳои кадрӣ бошанд одатан характери рост доранд ва аз боло, яъне, аз ҷониби ҳукуматдорон ташкил карда мешаванд. Қисме аз ҳизбҳои кадрӣ характери чап низ доранд. Ба ин гуна

ҳизбҳо Ҳизби лейбористии Британияи Кабир дохил гардида, шаҳрвандон ба таври коллективӣ ва инфиродӣ дар он шомил мешаванд. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, «дар ин ҳизбҳо баробари аъзоёни инфиродӣ ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба ва кооперативҳо низ шомил шуда метавонанд» [170]. Ҳизбҳои кадрӣ дар асл ҳизбҳои бонуфузи халқӣ мебошанд. Новобаста аз он, ки онҳо бо кадом ном амал мекунанд, ҳизбҳои кадрӣ тавассути интихобот ва лоббикунонии парлумонӣ сиёсати амалии худро пеш мебаранд.

Дар шароити муосир, ҳизбҳои кадрӣ ба таври назаррас мавқеи худро мустаҳкам карданд ва нуфузи худро дар байни аҳолӣ афзоиш доданд. Ин ба он вобаста аст, ки дар аксари кишварҳо табақаи миёна васеъ гардида, сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон баланд шуда, шавқу рағбати онҳо ба сиёсат бештар мегардад. Аксарияти ҳизбҳои кадрӣ дар фаъолияти худ ба принсипҳои сотсиал-демократӣ ва либералӣ асос меёбанд. Онҳо ҷонибдори ислоҳоти тадриҷӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, муҳофизати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва рушди устувори ҷомеа мебошанд.

Чи тавре ки дида шуд, аъзои ин ҳизбро аъзои иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Масалан, шахсе, ки аъзои иттифоқи касаба мешавад, ба таври автоматӣ аъзои ин ҳизб низ ба ҳисоб меравад. Ин принсип ҳизбҳои нимоммавиро бо ҳизбҳои кадрӣ наздик мекунад.

Дар даҳсолаҳои охир ҳизбҳое ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки бештар характери миллатгароӣ доранд. Масалан: «дар Италия - Лигаи Шимолӣ, дар Испания – Ҳизби миллии Баскҳо, дар Англия – Ҳизби милатчиёни шотландӣ, дар Канада – Ҳизби квебекҳо. Инчунин ҳизбҳое ташаккул ёфтаанд, ки пурра характери миллатгароӣ доранд. Ба ин ҳизбҳо дохил мешаванд: Ҳизби фронти миллӣ дар Фаронса, Ҳизби миллии Британия, Ҳизби роҳи венгерӣ, Конфедератсияи соҳибихтиёри Полша, Ҳаракат барои соҳибихтиёрии Латвия, Ҳизби истиқлолияти Эстония ва ғайраҳо. Дар ин раванд инчунин ҳизбҳое ташаккул ёфтаанд, ки манфиатҳои миллатҳои

майдаро ифода менамоянд: Ҳизби халқии Шветсия дар Финландия, Иттиҳоди даниягӣ дар Олмони Федеративӣ, Ҳизби венгериҳои руминӣ дар Руминия, Ҳизби коргарии курдҳо дар Туркия аз ҳамин қабиланд» [104, с.11]. Мақсади ҳамаи ҳизбҳои дар боло зикргардида аз он иборат аст, ки барои озодӣ ва соҳибистиқлолии миллатҳояшон мубориза бурда, дар инкишофи минбаъдаи ҳаёти сиёсии онҳо таъсир расонанд. Ин раванд муносибатҳои навро дар байни ҳизб, давлат ва шахс ба вуҷуд оварда, раванди ташаккули онҳо аз марҳилаҳои зерин вобаста мебошад:

Марҳилаи якум. Дар ин марҳила дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ фарқиятҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба фаъолияти ҳизбҳо таъсири ҷиддӣ расониданд ва заминаи ин фарқиятҳо сабабгори пешрафти илмию техникӣ гардид.

Марҳилаи дуюм. Дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ таъсири калон расониданд ва дар натиҷа аксари ҳизбҳои сиёсӣ аз принсипҳои барномавии худ то андозае дур шуданд ва акнун ҷонибдорони худро на фақат дар байни синфҳои муайян, балки дар байни дигар табақаҳои иҷтимоӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Акнун ҳизбҳо кӯшиш менамоянд, ки дар қабули аъзоён аз ҳисоби тамоми қишрҳои иҷтимоии ҷомеа истифода баранд. Ин амал то як андоза ба ҷиҳатҳои идеявии ҳизбҳо таъсири ҷиддӣ расонид ва дар ҳамин асос мафҳуми ҳизбҳои «ҳамарофарогиранда» ташаккул ёфт.

Марҳилаи сеюм. Воситаҳои ахбори омма ба ин ҳизбҳо имконият медиҳанд, ки дар маъракаҳои пеш аз интихоботӣ на фақат ба ҷонибдорони худ, балки ба тамоми интихобкунандагон муроҷиат намоянд ва дар интихобот ба ҷонибдории онҳо овоз диҳанд.

Бояд зикр кард, ки қадамҳои аввалин барои ташаккули ҳизбҳои «ҳамарофарогиранда» дар охири солҳои 50-уми асри XX дар Фаронса гузошта шуд. Соли 1958 дар ин ҷо ҳизби «Иттиҳоди демократҳо барои ҷумҳурӣ» ташкил карда шуд, ки он характери ҳамарофарогиранда дошт. Ин ҳизб дар вақти гузаронидани интихобот аз овозҳои тамоми табақаҳои гуногуни

иҷтимоӣ, ба монанди синфҳои миёна, корчаллонҳои миёна, фермерҳо, гурӯҳҳои миллию конфесионалӣ ва дигарҳо истифода мебурд [152]. Бояд қайд кард, ки ҳизбҳои «ҳамарофарогиранда» равияи қатъии идеологӣ надоранд ва хизмати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро низ иҷро намекунанд. Онҳо ҷонибдори ҳамраъйӣ ва ризояти миллӣ дар ҷомеа мебошанд.

Дар вақти гузаронидани интиҳобот ин зумра ҳизбҳо аз нуқтаи назари синфӣ ё гурӯҳӣ ташвиқот намебаранд. Тактикаи ташвиқотии онҳо аз арзишҳои умумиинсонӣ ва умумибашарӣ иборат мебошад, зеро дар онҳо ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ инъикос шудаанд.

Яке аз нишонаҳои муҳимми сиёсии ин ҳизбҳо – ин прагматизм ва тобоварӣ ба сиёсат мебошад. Ҳизбҳои «ҳамарофарогиранда» идеологияи қатъӣ надоранд, бинобар ҳамин ба созиш ба таври осон розӣ мешаванд ва бо ҳар гуна ташкилотҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ коалитсия мебанданд. Онҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа (коргарон, корчаллонон, ҷавонон, нафақахӯрон) доимо дар ҷустуҷӯи иттифоқчиён мебошанд. Ин гуна рафтори сиёсӣ обурӯ ва нуфузи онҳоро баланд бардошта, имконияташонро дар байни интихобкунандагон зиёд мекунад.

Бояд қайд кард, ки ҳизбҳои «ҳамарофарогиранда» бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбанд. Баъзеи онҳо дар атрофи сарвари миллӣ (ё ин, ки якчанд сарвар) ташаккул меёбанд ва аз ин рӯ, қобилияти муттаҳид кардани гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятиро доранд. Дигар ҳизбҳо низ дар натиҷаи таҳаввул ёфтани ҳизбҳои анъанавӣ, оммавӣ, ҳизбҳои кадрӣ ва сотсиал - демократӣ (мисол ҳизбҳои Сотсиалистии Италия ва Испания), инчунин ҳизбҳои консервативӣ (мисол ҳизбҳои Консервативии Англия ва Ҷумҳуриявии ИМА) майли «ҳамарофарогиранда» пайдо мекунанд. Дар замони муосир корҳои ташкилӣ, методӣ ва шаклҳои мубориза барои овозҳои интихобкунандагон ба воқеияти ҷомеаи индустриалӣ мувофиқ аст ва ин гурӯҳи ҳизбҳо ояндаи хуб доранд.

Яке аз навъҳои дигари ҳизбҳои пурнуфуз ҳизбҳои коммунистӣ маҳсуб меёфтанд. Ин зумра ҳизбҳо баъди шикасти Интернатсионали II дар давраи Ҷангӣ якуми ҷаҳонӣ ҳамаҷониба инкишоф ёфта, ба ташкилоти байналхалқии

ҳаракати коммунистӣ мубаддал гардиданд. Ҳизбҳои коммунистӣ барандагони идеологияи марксистӣ - ленинӣ буда, дар асоси принсипи истеҳсолӣ – ҳудудӣ ташкил мешаванд ва ин раванд назорат аз болои ташкилотҳои ҳизбиро хеле осон мегардонад. Асоси сохтори ин зумра ҳизбҳоро сентрализми демократӣ ташкил менамояд. Яке аз ҳизбшиносони рус М.Р. Холмская иброз медорад, ки «фарқи ҳизбҳои коммунистӣ аз дигар ҳизбҳо дар ҳамин аст, ки онҳо доимо тарафдори муборизаи сиёсӣ ва бо ҳамин роҳ ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ буданд» [75]. Вале дар солҳои охир ҳизбҳои коммунистӣ ҳаёти сиёсии замони муосирро ҳамаҷониба омӯхта, инчунин ба ҷобаҷошавии қувваҳои иҷтимоӣ такя карда, аз рӯҳияи радикалӣ - револютсионии худ дур шуда, роҳи осоиштаи муборизаи сиёсии парлумонро пеш гирифта истодаанд.

Ҳоло ҳизбҳои коммунистӣ ва дигар ҳизбҳои нави алтернативии «мавҷи нав» фаъолият доранд, гарчанде, ки ҳизбҳои нав на аз ҷиҳати мазмун ва на аз ҷиҳати ташкилӣ ба якдигар монанд нестанд. Фақат як масъала онҳоро ба якдигар наздик мекунад: танқиди сахти системаи либералӣ – демократӣ ва кӯшиши амалӣ кардани арзишҳои ҳизбии худ. Ҳизбҳои коммунистӣ таърихи дуру дароз доранд. Аввалин ҳизбӣ коммунистӣ соли 1948 аз тарафи К. Маркс ва Ф. Энгелс бо номи Иттифоқи комунистон ташкил шуда, мақсадҳои аниқи идеологиашро дар барномааш «Манифести партияи коммунистӣ» баён карда буд. Минбаъд В.И. Ленин дар аввали асри XX ҳизби болшевикони Россияро таъсис дод ва ин ҳизб аз соли 1917 то августи соли 1991 ҳизби ҳукумрон буд ва дар арсаи байналхалқӣ низ обурӯи калон дошт [75]. Дар маҷмуъ, агар мо сабабҳои аз байн рафтани Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравиро бо ҷаҳонбинии В.И. Ленин таҳлилу баррасӣ намоем, ӯ чунин гуфта буд: «Ҳамаи ҳизбҳои револютсионие, ки то ҳол мавҳ шудаанд, аз он сабаб мавҳ шуданд, ки аз худ рафтанд ва нафаҳмиданд, ки қувваи онҳо дар чист? Онҳо тарсиданд, ки дар бораи камбудиҳои худ ошкоро гап зананд» [39, с.118]. Ин таъкиди Ленинро роҳбарони ҲКИШ ва давлати Шуравӣ ба назар нагирифтанд ва вобаста ба давру замон рафтори сиёсӣ накарданд, давлатро ба карахтӣ ва шикаст оварда расониданд.

Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва  аз сари қудрат рафтани Ҳизби коммунистӣ ва системаи ҷаҳони сотсиалистӣ обрӯ ва нуфузи Ҳизби коммунист хеле паст шуд. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳизбҳои коммунистӣ пурра аз роҳбарии сиёсӣ дур шудаанд. Масалан, дар мамлакатҳои Чин, Ветнам, Лаос, Куба ва як қатор мамлакатҳои дигар ҳизбҳои коммунистӣ ҳамчун ҳизбҳои ҳукмрон фаъолият карда истодаанд. Имрӯз таъсири ҳизбҳои коммунистӣ дар Русия, Фаронса, Италия, Финландия, Молдова, Ҷопон  ва як қатор мамлакатҳои дигар хеле калон аст ва намояндагонашон дар парлумонҳо ширкат дошта, дар байни интихобкунандагон обурӯ ва нуфузи  хеле баланд доранд. Ҳоло дар арсаи байналхалқӣ зиёда аз 80 ҳизбҳои коммунистӣ фаъолият мекунанд. Дар як худи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ 22 ҳизби коммунистӣ фаъолият доранд ва як иттиҳоди ягонаро бо номи Иттиҳоди Ҳизбҳои Коммунистӣ – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шурави ташкил менамоянд.

Ҳизбҳои коммунистӣ ҳизбҳои идеологӣ буда, барномаҳои мукаммал доранд ва асоси идеявии онҳоро идеологияи марксистӣ-ленинӣ ташкил менамояд. Ба ин зумра ҳизбҳо чи тавре, ки дар боло зикр карда будем, тартиботи сахт, идоракунии сентрализми демократӣ, итоат аз поён то боло хос аст. Инчунин ҳизбҳои коммунистӣ дорои ячейкаҳои ҳизбӣ буда, онҳо дар асоси сентрализми демократӣ идора карда мешаванд.

Воқеаҳои рӯйдода дар ҳаёти сиёсии ҷаҳони муосир ҳизбҳои коммунистиро низ водор кард, ки ба таври эволютсионӣ шакл ва мазмуни фаъолияти худро дар мубориза барои ба даст овардани ҳокимият тағйир диҳанд. Ин раванд ба фаъолияти ҳизбҳои коммунистӣ таъсир расонида, онҳоро ба ду қисм ҷудо кард: ортодоксалӣ ва ислоҳотчигӣ. Масалан, яке аз ҳизбҳои калонтарин ва бонуфузтарини Италия  Ҳизби коммунист аз соли 1991 сар карда худро Ҳизби демократии чап эълон кард. Акнун ин ҳизб кӯшиш дорад, ки ҳамаи қувваҳои чап ва ҳизбҳои чапсентрикиро ба монанди ҳизбҳои «сабз», «христианҳои прогрессивӣ» ва ҳаракати феменистии занонро дар атрофии худ муттаҳид намояд ва бо ҳамин роҳ дар як блоки ягона муттаҳид

шуда, дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок варзанд. Дар Полша бошад Ҳизби коммунистӣ кӯшиш дорад, ки ба таври эволютсионӣ худро ба ҳизби сотсиал-демократӣ тағйир диҳад ва бо ҳамин роҳ ҳизби ҳукумрон гардад. «Дар Русия баъди манъ кардани фаъолияти Ҳизби Коммунистии Иттиҳодӣ Шуравӣ соли 1991 якчанд ҳизбҳои коммунистӣ пайдо шуданд, ки бонуфузтарини онҳо Ҳизби Коммунистии Федератсияи Русия мебошад» [175]. Бояд зикр кард, ки ин ҳизб чи тавре, ки аз барномааш маълум мешавад, оҳиста - оҳиста аз роҳи муборизаи сиёсии радикалӣ даст кашида, роҳи ислоҳотчигӣ ва ба сотсиал - демократӣ наздик шуда истодааст.

Ҳоло роҳи муборизаи сиёсии ин ҳизб роҳи осоишта ва парлумонӣ мебошад. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда обурӯи Ҳизби Коммунистии Русия дар ҳаёти сиёсии ин мамлакат калон аст. Ҳизби Коммунистӣ дар ҳамаи минтақаҳои Русия ташкилотҳои ҳизбӣ дошта, шумораи умумии аъзоёнаш ҳоло аз 400 ҳазор нафар зиёданд. Инчунин дар зери роҳбарии ин ҳизб як қатор ташкилотҳо ва ҳаракатҳои оммавӣ, ба монанди Иттифоқи коммунистии ҷавонон, Иттиҳоди умумирусиягии занон, Ҷамъияти олимони равияи сотсиалистидошта ва дигар ташкилоту равияҳо муттаҳид карда шудаанд. Бесабаб нест, ки ҳоло дар байни чор ҳизби парлумонии Русия Ҳизби Коммунистӣ ҷои дуюмро ишғол менамояд. Ҳоло дар баъзе мамлакатҳои дигар низ раванди инкишофи ҳизбҳои коммунистӣ хеле тағйир ёфта истодаанд. Масалан, дар Италия ва Ҷумҳурии Федералии Олмон ҳизбҳои коммунистӣ аз принсипи идеологии худ дур шуда, кӯшиш доранд, ки бо дигар қувваҳои сиёсии алтернативӣ муттаҳид шаванд. Яке аз чунин қувваҳои муҳим барои онҳо ҳизбҳои «шаклан нав» мебошад.

Ҳизбҳои сотсиалистӣ бошанд, ба гурӯҳи ҳизбҳои оммавӣ дохил шуда, аз нимаи дуюми асри XIX дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолият мекунанд. «Асоси иҷтимоии ин зумра ҳизбҳоро асосан синфи коргар ва дигар табақаҳои иҷтимоии ҷомеа ташкил медиҳанд, ки онҳо дар асоси коллективӣ ва фардӣ ба ҳизб дохил мешаванд» [55, с.171]. Асоси идеологии ҳизбҳои сотсиалистиро солҳои тулонӣ идеологияи марксистӣ ташкил медод, вале пас аз Ҷанги дуюми

ҷаҳонӣ ин ҳизбҳо аз идеологияи марксистӣ дур шуданд. Ҳоло ҳизбҳои сотсиалистӣ дар тамоми қитъаҳои олам фаъолият мекунанд, махсусан дар мамлакатҳои Италия, Португалия, Испания, Норвегия, Ҷопон ва ғ. Инчунин Ҳизби сотсиалистӣ дар Олмон, Ҳизби Лейбористии Британияи Кабир, Ҳизби Меҳнатии Исроил аз ҷумлаи ин ҳизбҳо мебошанд. Вале дар байни ҳизбҳои сотсиалистӣ ҳизбҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳоло ҳам ғояҳои марксистӣ доранд (масалан Ҳизби ягонаи сотсиалистии Олмон).

Дар замони муосир як зумра ҳизбҳое пайдо шудаанд, ки онҳоро шартан ҳизбҳои «шаклан нав» меноманд. Ин гуна ҳизбҳо дар асоси танқиди сахти системаи сиёсии буржуазӣ, ки гӯё дар он ҷо бюрократияи олигархӣ бо дастгоҳи давлатӣ омехта шудаанд, хеле ошкоро ва шадид мегузарад. Ҳизбҳои «шаклан нав» роҳҳои гуногуни мубориزаро интихоб мекунанд. Баъзеи онҳо ба муборизаи парлумонӣ диққат медиҳанд, то мавқеъҳои худро дар дохили системаи сиёсӣ мустаҳкам кунанд ва аз минбари парлумон барои таблиғи ғояҳои худ истифода баранд. Ҳизбҳои дигар бошанд, баръакс, ба ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва эътирозҳои оммавӣ афзалият медиҳанд, то фишорро ба ҳукумат зиёд кунанд ва диққати ҷомеаро ба масъалаҳои мубрам ҷалб намоянд. Аксар вақт ҳизбҳои «шаклан нав» худро бо идеологияҳои мушаххас маҳдуд намекунанд. Онҳо омодаанд, ки унсурҳои гуногуни чап ва рост, консервативӣ ва либералиро муттаҳид кунанд, агар онҳо ба ҳадафҳои асосии ин гуна ҳизбҳо мувофиқ бошанд.

Ҳизбҳои «шаклан нав» аз ҳизбҳои анъанавӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо начандон воқеӣ набошанд ҳам, вале хеле сохтори тобовар ба давру замон доранд ва аз ҳама имкониятҳо истифода мебаранд, то ин ки тарафдоронашонро зиёд кунанд. Дар замони ҳозира яке аз чунин ҳизбҳо ҳизби «Сабзҳо» дар мамлакатҳои ИА ба шумор мераванд. Ҳизбҳои «Сабз» дар асоси назарияҳои материалистӣ ташаккул ёфтаанд ва ҳеҷ гоҳ онҳоро ба ҳизбҳои чап ва ҳизбҳои рост дохил кардан мумкин нест. Таҳлили барномаҳои ин ҳизбҳо нишон медиҳад, ки мақсади онҳо на танҳо муҳофизати муҳити атроф, инчунин арзишҳои сотсиалистӣ, консервативӣ ва популистӣ низ мебошанд. Аз ҷониби

дигар ҳизбҳои «сабз» кӯшиш менамоянд, ки идоракунии мутамарказ ва қарорҳое, ки аз як марказ қабул карда мешаванд, ғайриқонунӣ дониста шаванд. Ба андешаи фаъолони ҳизбҳои мазкур, «дар ҳолати идоракунӣ аз як марказ бояд дар қабули қарорҳои сиёсӣ шаҳрвандони зиёд фаъолона иштирок кунанд. Ва роҳи ҳалли масъалаҳои ҳалталабро аз рӯи принсипҳои роҳ надодани инкишофи иқтисодӣ аз ҳисоби вайрон кардани муҳити атроф; нест кардани яроқи ядрой ва даст кашидан аз истифодаи нерӯгоҳои атомӣ ташкил менамояд» [140]. Ин зумра ҳизбҳои сиёсӣ инчунин ҷонибдори роҳи тараққиёти мобайнӣ дар байни иқтисодиёти бозорӣ ва иқтисодиёти нақшавӣ мебошанд.

Сохтори ташкилии ҳизбҳои «сабз» аз дигар ҳизбҳои анъанавӣ бо он фарқ мекунанд, ки қарорҳои ҳизб танҳо аз як марказ қабул карда намешаванд, онҳо инчунин аз ҷониби ташкилотҳои поёнии маҳаллӣ низ қабул карда мешаванд, зеро ки ба ин ташкилотҳо ҳуқуқи соҳибмухторӣ дода шудааст. Ин ҳизбҳо ба арзишҳои демократӣ такя карда, қарорҳои қабулкардаи сохторҳои дараҷаҳои гуногуни ташкилотҳои ҳизбиро ба назар гирифта, баъд аз он аз марказ қарорҳо қабул мекунанд. Масалан, тарзи қабули қарорҳо аз ҷониби ҳизби «сабз» - и Ҷумҳурии Федералии Олмон дар Анҷумани ҳизб қабул карда мешавад, ки дар кори ин Анҷуман намояндагони ҳама ташкилотҳои ибидоии ҳизб ва вакилони ҳизбӣ иштирок мекунанд. Органи олии ҳизб Комиҷроияи миллӣ – дар съезди умумигерманӣ интихоб карда мешаванд. Дар кори съезд ҳамаи хоҳишмандон ва хайрхоҳони ҳизб низ иҷозат дода мешаванд. Барои пешгирӣ кардани шакли олигархӣ нагирифтани ҳизбҳо ва канда нашудани робитаи роҳбарони ҳизб бо аъзоёни қаторӣ принсипи ҷобаҷогузории (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунонидаи ҳизб гузаронида мешавад, ки мувофиқи он баъди 1-2 соли фаъолият дар органҳои роҳбарикунандаи ҳизб фаъолияти роҳбарони ҳизб ва вакилони ҳизбӣ бозхонда мешаванд. Ҳизбҳои «сабз» инчунин аз методҳои анъанавии ғайризӯроварӣ истифода мебаранд.

Дар раванди фаъолияти сиёсии худ ҳизбҳои «сабз» аз таҷрибаи ҳизбҳои «шаклан нав» истифода менамоянд, ки дар ин раванд таҷрибаи ҳизби сотсиал-

демократии Британияи Кабир ва баъзе ҳизбҳои анъанавии Аврупо мисол шуда метавонанд. Ҳоло ғайримарказигардонии ҳаёти дохилии ҳизбӣ инчунин барои ҳизби демократии ИМА характернок аст. Баъди ислоҳоти ҳизбии солҳои 70-80- уми асри XX дар ячейкаҳои ибтидоии ин ҳизб ба ташкилотҳои поёнӣ имконият дода шуд, ки онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда намояндагони ташкилотҳои ибтидоиро пешниҳод кунанд. Инчунин маҳдудияти ба вазифаи президентӣ пешниҳод кардани номзадҳои ташкилотҳои поёнии ҳизб низ аз байн бурда шуд. Ба ҳамин тариқ, чи тавре ки мебинем фаъолияти ҳизбҳои «шаклан нав» ин тақозои давру замон буда, фаъолияти онҳо метавонад, ки ба сохти ташкилӣ, идеологӣ ва мақсадҳои барномавии ҳизбҳои классикии анъанавӣ таъсири калон расонанд.

Яке аз шаклҳои дигари ҳизбҳои сиёсии замони муосир ҳизбҳои универсалӣ мебошад. Ҳизбҳои универсалӣ дар ҳаёти сиёсии замони муосир мақоми махсусро ишғол менамоянд ва онҳоро дар қатори ҳизбҳои оммавӣ дохил намудан мумкин аст. Бояд ҳаминро қайд кард, ки ин зумра ҳизбҳо ба ягон табақаи иҷтимоӣ алоқа надошта, идеологияи муайян надоранд. Ин ҳизбҳо ба ҳамаи табақаҳои иҷтимоии ҷомеа тааллуқ дошта, арзишҳои умумиинсониро ероқи идеологии худ интихоб менамоянд.

Аз рӯйи хусусият ва рафтори сиёсӣ дар ҷомеа инчунин се шакли асосии ҳизбҳо вуҷуд дорад: демократӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ. «Ба ҳизбҳои демократӣ гуногунандешӣ, тоқатпазирӣ ё таҳамулгароӣ нисбати дигар ҳизбҳо, рақобати байниҳизбӣ, созиш ва ҳамкорӣ бо дигар табақаҳои иҷтимоии ҷомеа хос аст. Ҳизбҳои тоталитарӣ бошанд кӯшиш менамоянд, ки дар ҷомеа мавқеи яккасардорӣ дар идоракуниро дошта бошанду тамоми институтҳои сиёсӣ (ҳизбҳо, ҳаракатҳо, давлат) - ро ба зери тасарруфи худ гиранд ва идеологияи ягонаро ҷорӣ намоянд. Ҳизбҳои авторитарӣ характери субъективӣ дошта, тамоми сиёсатмадоронро бо фаъолияти сарвари ҳизб вобаста мекунанд, гарчанде онҳо оинннома ва барномаҳои худро дошта бошанд ҳам» [87].

Ҳизбҳо аз рӯйи мавқеашон дар системаи сиёсӣ ба ҳизбҳои ҳукмрон ва мухолифин тақсим мешаванд. Чунин ҳизбҳо ба ҳизбҳои легалӣ (ҳизбҳое, ки

мувофиқи қонунҳои давлатӣ аз тарафи органҳои давлатӣ ба қайд гирифта шудаанд ва озодона амал мекунанд), нимлегалӣ (ҳизбҳое, ки ҳоло аз қайд нагузаштаанд, вале манъ ҳам карда нашудаанд), ғайрилегалӣ (ҳизбҳое, ки аз тарафи давлат манъ карда шудаанд ва ба таври пинҳонӣ фаъолият мекунад) тақсим мешаванд.

Дар адабиёти сиёсӣ ҳизбҳоро инчунин аз рӯи ақида ва характери инкишофашон шартан ба се шакл тақсим мекунанд: эволютсионӣ, ислоҳотчигӣ ва инқилобӣ. Ҳизбҳои эволютсионӣ чунин ақида доранд, ки тағйироти иҷтимоию сиёсӣ бояд бе ҳаракатҳои инқилобӣ гузаранд, ҷомеа бояд дар натиҷаи инкишофи дуру дароз ба таври инкишофи тадриҷӣ шаклҳои кӯҳани муносибатҳои ҷамъиятиро ба муносибатҳои нав табдил диҳад. Ҳизбҳои ислоҳотчигӣ ақида доранд, ки раванди ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаро фақат бо роҳи ислоҳот пеш бурдан мумкин аст. Ҳизбҳои инқилобӣ раванди инкишофи ҷомеаро на ба роҳи гузаронидани ислоҳот, балки дар гузаронидани инқилобҳо мебинанд.

Аз рӯйи вазъи сиёсӣ дар замони ҳозира чор шакли ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд дорад: мажоритарӣ, равияи мажоритаридошта, бартаридошта ва камқувват. «Ҳизбҳои мажоритарӣ аксарияти овозҳои интихобкунандагонро ба даст овардаанд ва имконият доранд, ки роҳи мустақилонаи сиёсиро дар мамлакат пеш баранд. Ҳизбҳои равияи мажоритаридошта, ки дар натиҷаи ба даст наовардани музаффарият дар интихобот дар оппозитсия меистанд ва кӯшиш менамоянд, ки дар интихоботи навбатӣ ғолиб бароянд. Ҳизбҳои бартаридошта имконият доранд, ки дар интихобот таносубан аксарияти ҷойҳои вакилиро гиранд. Ҳизбҳои камқувват ба гирифтани шумораи ками мандатҳои вакилӣ муваффақ мешаванд» [93].

Яке аз масъалаҳои марказии таҳқиқот муайян кардани нақши омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Дар ин замина, таҳлили дараҷаи таъсири нобаробарии иқтисодӣ, тафриқаи иҷтимоӣ, сатҳи таҳсилот ва имкониятҳои шуғл ба майлҳои сиёсии аҳолӣ аҳамияти хоса дорад. Ҳамчунин, омилҳои демографӣ, аз қабили синну сол, ҷинс ва мансубияти

этникӣ, низ метавонанд дар ташаккули электорат ва муайян кардани самтҳои фаъолияти ҳизбҳо нақши муҳим бозанд. Муайян кардани робитаи байни сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва платформаҳои сиёсии ҳизбҳо имкон медиҳад, ки механизми ба вуҷуд омадан ва таҳкими дастгирии иҷтимоии онҳо дарк карда шавад. Таҳлили ин робитаҳо нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода кунанд ва чӣ гуна ин манфиатҳо ба сиёсати онҳо таъсир мерасонанд.

Барои таҳқиқи ин масъалаҳо усулҳои гуногуни таҳлилӣ, аз қабили таҳлили оморӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ, пурсишҳо ва мусоҳибаҳо бо намояндагони ҳизбҳо ва аҳолӣ истифода мешаванд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки маълумоти васеъ дар бораи таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шавад. Пайдоиши гурӯҳҳо ва табақаҳои нави иҷтимоӣ, дарки онҳо дар бораи манфиатҳо ва ниёзҳои худ, инчунин хоҳиши татбиқи онҳо дар соҳаи сиёсӣ, ангезаҳои муҳим барои сохтмони ҳизбӣ мебошанд.

Омили муҳимме, ки ба раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ таъсир мерасонад, фарҳанги сиёсии ҷомеа мебошад. Ба андешаи олимон, «арзишҳо, меъёрҳо, анъанаҳо ва муқаррароте, ки дар шуури шаҳрвандон реша давондаанд, ба рафтори сиёсии онҳо, омодагии онҳо барои иштирок дар фаъолияти ҳизбӣ ва интихоби афзалиятҳои ҳизбӣ таъсири назаррас мерасонанд» [53]. Дар ҷомеаҳои дорои фарҳанги пешрафтаи демократӣ, ки бо сатҳи баланди саводнокии сиёсӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон тавсиф мешаванд, ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ бештар самараноктар сурат мегирад. Ҳамзамон, дар ҷомеаҳое, ки анъанаҳои ғайридемократӣ ва сатҳи пасти фарҳанги сиёсӣ доранд, сохтмони ҳизбӣ бо монеаҳо ва маҳдудиятҳои зиёд рӯ ба рӯ мешавад.

Муҳити институтсионалӣ, ки қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, системаи интихоботӣ ва низоми идоракунии давлатиро дар бар мегирад, инчунин дар ташаккули системаи ҳизбӣ нақши муҳим мебозад. Муҳити мусоиди институтсионалие, ки озодии фаъолияти ҳизбиро таъмин мекунад,

дастрасии баробар ба захираҳо ва қоидаҳои бозӣ, ба рушди бисёрҳизбӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ҳизбҳо мусоидат мекунад.

Дар заминаи равиши институтсионалӣ таҳлили таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба системаҳои интихоботӣ анҷом дода мешавад. Дар асоси таҳлили институтсионалӣ муайян кардан мумкин аст, ки чӣ гуна институтҳои гуногун амалияи сиёсиро ташаккул ва ё тағйир медиҳанд. Ин равиш ба нақши институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки қоидаҳои бозиро дар сиёсат муайян мекунанд, инчунин ба ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ва механизмҳои интихоботӣ диққат медиҳад.

Яке аз паҳлуҳои муҳимтарини равиши институтсионалӣ омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ мебошад. Зеро маҳз онҳо фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва равандҳои интихоботиро танзим мекунанд. «Ин меъёрҳо муқаррароти марбут ба бақайдгирии ҳизбҳо, маблағгузории онҳо, талаботи ташкилӣ ва инчунин қоидаҳои муқарраршуда барои баргузории интихоботро дар бар мегиранд» [142]. Масалан, дар баъзе кишварҳо қоидаҳои қатъӣ дар бораи шаффофияти маблағгузории ҳизбҳо мавҷуданд, ки метавонанд бевосита ба устуворӣ ва қобилияти рақобатпазирӣ дар интихобот таъсир расонанд. Дар чунин шароит, ҳизбҳои сиёсӣ маҷбур мешаванд, ки ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқ шаванд. Ин ҳолат дар навбати худ ба стратегияҳо ва механизмҳои интихоботии онҳо таъсиргузорӣ мекунад.

Унсури навбатӣ дар сохтори методологияи институтсионалӣ таҳлили фарҳанги сиёсӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин омил метавонад ба фаъолияти ҳизбҳо ва системаҳои интихоботӣ таъсири ҷиддӣ расонад [167]. Фарҳанги сиёсӣ муносибат ва эътиқоди шаҳрвандонро дар бораи ҳизб, интихобот ва иштироки сиёсӣ дар бар мегирад. Ин фарҳанг аз омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбад ва метавонад ба муносибати ҳизбҳо бо интихобкунандагон таъсири назаррас расонад. Дар ҷомеаҳои дорои дараҷаи баланди фаъолияти шаҳрвандӣ ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд барои ҷалби дастгирии интихобкунандагон ба механизмҳои кушодатар ва фарогири интихоботӣ кӯшиш кунанд.

Яке аз масъалаҳои асосии муносибати институтсионалӣ инчунин омӯзиши ҳамкории байни институтҳо мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷойи хушку холӣ фаъолият намекунанд; фаъолияти онҳо доимо бо институтҳои ҳокимият, мақомоти қонунгузорӣ ва комиссияҳои интихоботӣ алоқаманд аст. Ин ҳамкорӣ метавонад ҳам характери коалитсионӣ ва ҳам рақобатнокро дошта бошад. Масалан, «ҳамкории самараноки байни ҳизбҳо ва комиссияҳои интихоботӣ метавонад ба беҳтар шудани механизмҳои интихоботӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба раванди интихобот мусоидат кунад. Баръакс, низоъҳо ва ихтилофҳо метавонанд ба ноором шудани системаи сиёсӣ ва кам шудани иштироки интихобкунандагон оварда расонанд» [103]. Ҳамин тариқ, муносибати институтсионалӣ имконият медиҳад, ки омилҳои гуногуни ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботӣ муайян карда шавад. Чунин ҳамкорӣ ба рушди мутақобилаи онҳо таъсир мерасонанд. Ин равиш ба фаҳмидани он, ки чӣ гуна тағйирот дар дохили муассисаҳо метавонад ба намояндагии сиёсӣ ва умуман демократия таъсир расонад, кӯмак мекунад.

Дар навбати худ методологияи интихоби оқилона воситаи хеле муҳим барои омӯзиши стратегияҳои ҳизбҳои сиёсӣ, банақшагирии интихоботии онҳо ва рафтори интихобкунандагон мебошад. Ин равиш ба он асос ёфтааст, ки ҳамаи иштирокчиёни раванди сиёсӣ (аз ҷумла ҳизбҳо ва интихобкунандагон) бо назардошти ақидаҳои оқилона амал мекунанд, то манфиатҳои худро ба ҳадди аксар расонанд ва талафоти худро кам кунанд. Мантиқи ин равиш имкон медиҳад, ки манфиатҳо ва афзалиятҳои ҳамаи субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ба назар гирифта шавад.

Ғайр аз ин, фаъолияти ҳизбӣ ва самаранокии он дар доираи методологияи интихоби оқилона арзёбӣ мегардад. Масъалаи аввале, ки бояд дар доираи методологияи интихоби оқилона баррасӣ карда шавад, таҳлили стратегияи ҳизбҳо мебошад [163]. Ҳизбҳои сиёсӣ одатан маъракаҳо ва барномаҳои худро дар асоси таҳлили вазъи интихоботӣ ва афзалиятҳои интихобкунандагон ташаккул медиҳанд. Ин метавонад дар мутобиқсозии

барномаҳои сиёсӣ барои ҷалби ҳарчи бештари овозҳо зоҳир шавад. Ҳизбҳо вақте дарк мекунанд, ки интихобкунандагон дар бораи вазъи сиёсӣ маълумоти маҳдуд доранд, метавонанд усулҳои муассиртари муоширатро барои расонидани ғояҳо ва пешниҳодҳои худ истифода баранд. Ҳамин тариқ, ҳар як ҳизб кӯшиш мекунад, ки мавқеи намоёни сиёсиро ишғол намояд, то ки аз гурӯҳҳои мақсадноки интихобкунандагон дастгирии ҳадди аксарро ба даст оварад.

Инчунин қисми муҳимми ин методология моделсозии рафтори интихоботӣ мебошад. «Дар асоси моделҳои интихоби оқилона, муҳаққиқон метавонанд пешгӯӣ кунанд, ки чӣ гуна омилҳои гуногун, аз қабили вазъи иқтисодӣ, ноороромиҳои иҷтимоӣ ё фарогирии ВАО ба қарорҳои интихобкунандагон таъсир мерасонанд» [151]. Масалан, вақте ки дар ҷомеа мушкилиҳои иҷтимоӣ ба назар мерасанд, интихобкунандагон метавонанд бештар ба ҳизбҳое, ки тағйироти ҷиддиро ваъда медиҳанд, овоз диҳанд. Дар ин замина, ҳизбҳо қодиранд стратегияҳои худро барои қонеъ кардани интизориҳои интихобкунандагон мутобиқ созанд.

Ғайр аз ин, интихоби оқилона нақши муҳимми иттилоотонӣ ва коммуникатсияро мебозад. Интихобкунандагон дар асоси маълумоте, ки аз манбаъҳои гуногун мегиранд, қарор қабул мекунанд. Ҳизбҳо, дар навбати худ, кӯшиш мекунанд, ки ин ҷараёнҳои иттилоотиро бо истифода аз ВАО ва дигар шабакаҳо барои таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ назорат кунанд [160]. Аз ин рӯ, ҳизбҳои самаранок бояд на танҳо платформаҳои ҷолиби сиёсиро таҳия кунанд, балки фаъолона ба пешбурди робита бо ҷомеа машғул шаванд ва ҳузури худро дар фазои иттилоотӣ таъмин намоянд.

Бояд қайд кард, ки усули интихоби оқилона на ҳамеша воқеиятро инъикос мекунад, зеро омилҳое, ки ба рафтори интихобкунандагон таъсир мерасонанд, метавонанд мураккаб ва гуногун бошанд. Ба андешаи таҳлилгарон, «бо вуҷуди ин мушкилот, ин равиш воситаҳои арзишмандро барои таҳлил ва фаҳмидани динамикаи дар равандҳои электоралӣ мавҷудбуда таъмин мекунад» [122]. Масалан, истифодаи моделҳои интизорӣ ва фарзияҳо

имкон медиҳад, ки на танҳо механизмҳоеро, ки ба воситаи онҳо ҳизбҳо стратегияҳои худро мутобиқ мекунанд, балки сенарияҳои эҳтимолии рушди вазъи сиёсиро пешгӯӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи методологияи интихоби оқилона назари амиқ ва асосноки стратегияҳои ҳизбӣ ва нақшаҳои интихоботиро таҳия намудан мумкин аст. Чунин равиши илмӣ ба фаҳмиши беҳтари ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботӣ имкон медиҳад. Инчунин истифодаи самараноки ин равиш имкон медиҳад, ки омилҳои асосии ба интихобот таъсиррасон муайян карда шаванд ва дар таҳияи тавсияҳои дақиқтар оид ба беҳтар кардани таҷрибаҳои интихоботӣ таъсири мусбат расонанд.

Равиши конструктивистӣ чаҳорчӯбаи методологиест, ки ба таҳлили равандҳои ташаккули тасаввуроти меъёрӣ дар бораи системаи интихоботӣ ва рақобати ҳизбӣ равона шудааст. Баръакси дигар равишҳое, ки ба омилҳои сохторӣ ё инфиродӣ диққат медиҳанд, конструктивизм аҳамияти сохторҳои иҷтимоӣ, ғояҳо ва гуфтугӯҳоеро, ки ба дарки фаъолияти механизмҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд, таъкид мекунад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини равиши конструктивистӣ омӯзиши меъёрҳо ва ғояҳои барномаи ҳизбӣ мебошад. Чунин меъёрҳо ва ғояҳо аз ҷониби субъектҳои гуногуни сиёсӣ дар системаи интихоботӣ ва рақобати ҳизбӣ паҳн карда мешаванд. Тарзи қабули интихобот, ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар раванди демократӣ тавассути заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад [129]. Масалан, дар баъзе кишварҳо системаҳои интихоботӣ ҳамчун воситаи иштирок ва рушди демократия баррасӣ карда мешаванд, дар дигар кишварҳо онҳо метавонанд ҳамчун механизмҳои идоракунӣ ва назоратӣ қабул карда шаванд. Ба ҳар ҳол системаи интихоботӣ ба дараҷаи эътимоди ҷамъиятӣ нисбат ба институтҳои сиёсӣ ва устувории фаъолияти сиёсӣ таъсири назаррас мерасонад.

Унсури дигари муносибати конструктивистӣ ин амалияҳои дискурсивӣ мебошад. Элитаҳои сиёсӣ, ҳизбҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ паёмҳои муайянро таҳия ва пахш мекунанд ва ҷанбаҳои идеологии системаи интихоботиро муҳим

мегардонанд [119]. Масалан, таъкид ба мушкилоти мушаххаси иҷтимоӣ метавонад аз ҷониби ҳизбҳо барои танқиди мухолифон ё сафед кардани мавқеи худ истифода шавад. Чунин равиш нишон медиҳад, ки системаи интихоботӣ ва тасаввуроти муқаррарӣ дар бораи он қолабӣ нестанд, балки дар раванди дигаргуншавии доимии баҳсҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд.

Хусусияти дигари конструктивизм дар он аст, ки ба воситаи он фаъолияти акторҳое, ки дар ташаккули барномаи ҳизбӣ иштирок мекунанд, диққати махсус дода мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ВАО ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ҳама иштирокчиёни фаъоли ин раванд мебошанд [164]. Масалан, дар шароити интихобот, ҳизбе, ки қобилияти тафсир ва мутобиқ кардани намояндагиҳои ҷамъиятиро дорад, метавонад имконияти муваффақияти худро ба таври назаррас беҳтар кунад. Ҳамин тариқ, сохторҳое, ки онҳо эҷод мекунанд, унсурҳои муҳимми стратегияҳои таъсирбахш мешаванд.

Самти дигари истифодаи равиши конструктивистӣ таҳлили ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ташаккулёбии системаҳои интихоботӣ мебошад. Ҳаракатҳои иҷтимоӣ метавонанд меъёрҳо ва ғояҳои марбут ба интихоботро тағйир диҳанд, масъалаҳои адолат, баробарӣ ва тарзи фаъолиятро дигар кунанд. Чунин мавқеъгирии ҳаракатҳои иҷтимоӣ метавонанд ба элитаҳои сиёсӣ ва рафтори онҳо таъсир расонад [168]. Масалан, дар шароити бештар гардидани бемайлии сиёсӣ, ки масъалаи легитимияти интихоботро ба миён меоварад, ҳизбҳо маҷбур мешаванд, ки равишҳои худро ба стратегияҳои интихоботӣ ва ҳамкорӣ бо интихобкунандагон аз нав дида бароянд.

Ҳамин тариқ, муносибати конструктивистӣ имкон медиҳад, ки тавассути таҳлилу баррасии ҳамкории мураккаби акторҳои гуногун, паёмҳо ва барномаҳои онҳо раванди ташаккули системаҳои интихоботӣ ва рақобати ҳизбӣ нишон дода шавад. Принсипи методологии ин равиши илмӣ чунин аст, ки тағйироти механизмҳои сиёсӣ на ҳамеша аз сабаби тағйироти сохторӣ ба амал меоянд, балки метавонанд натиҷаи тағйирот дар дарки иҷтимоӣ ва

тасаввуроти фарҳангӣ бошанд. Чунин принсип ин равиши методологиро барои таҳлили равандҳои динамикии дар соҳаи сиёсӣ рухдода муҳим месозад.

Таҳлили раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити гузариш, ки дигаргуниҳои амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиро аз сар мегузаронанд, сазовори диққати махсус аст. Дар чунин ҷомеаҳо сохтмони ҳизбӣ бо мушкилоти гуногун вобаста ба набудани сохторҳои устувори иҷтимоӣ, номуайянии қоидаҳои сиёсии бозӣ ва сатҳи баланди ноустувории сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар шароити ҷомеаҳои гузариш ҳизбҳои сиёсӣ аксар вақт дар атрофи сарвари харизматикӣ ё дар асоси фарқиятҳои этникӣ ва динӣ ташаккул меёбанд, на дар асоси принсипҳои идеологӣ ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Илова бар ин, сохтмони ҳизбӣ дар ҷомеаҳои давраи гузариш аксар вақт бо дахолати нерӯҳои беруна, ки мехоҳанд ба раванди сиёсӣ ба манфиати худ таъсир расонанд, мушкилтар мешавад.

Идеология омили муҳимми муайянкунандаи ҳувият ва самти фаъолияти ҳизби сиёсӣ мебошад. Идеологияи ҷолиб ба ҳизб имкон медиҳад, ки дастгирии ҷомеаро сафарбар кунад, ҳадафҳо ва вазифаҳои худро муайян кунад, инчунин стратегия ва тактикаи муборизаи сиёсиро таҳия созад. Аммо, дар шароити муосир, вақте ки марзҳои идеологӣ торафт норавшан мешаванд, нақши идеология дар сохтмони ҳизбӣ каме коҳиш меёбад. Мулоҳизаҳои прагматикӣ ва тамаркуз ба ҳалли масъалаҳои мушаххасе, ки интихобкунандагонро ба ташвиш меоранд, аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Ниҳоди сарварӣ дар раванди ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Роҳбари харизматикӣ ва салоҳиятдор қодир аст, ки ҷонибдоронро ба ҳизб ҷалб кунад, захираҳоро сафарбар кунад ва муваффақияти онро дар интихобот таъмин намояд. Дар баробари ин барои рушди бомуваффақияти ҳизби сиёсӣ омезиши қобилиятҳои роҳбарияти қавӣ ва механизмҳои демократии қабули қарорҳо зарур аст.

Чи гунае ки аз баррасиҳои боло мушоҳида гардид, ҳизбҳои сиёсӣ яке аз ниҳодҳои муҳимми низоми демократӣ ба ҳисоб мераванд ва дар ташаккули системаи сиёсӣ, идоракунии давлат ва иштироки шаҳрвандон дар сиёсат

нақши калидӣ доранд. Дар ҷомеаи муосир онҳо механизмҳои асосии муколамаи сиёсӣ, намояндагии манфиатҳои гуногун ва ташаккули сиёсати давлатиро таъмин мекунанд. Мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеаи муосир бориз буда, ҳамчун яке аз маҳакҳои асосии институтҳои давлат баромад менамояд. Мақом ва таъсири ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа аз аз равандҳои зерин иборат аст:

1. Пайванди миёни ҷомеа ва давлат. Ҳизбҳо иртиботи байни шаҳрвандон ва ҳукуматро таъмин карда, манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифро ба сиёсати давлатӣ ворид месозанд.

2. Шаклдиҳии афкори сиёсӣ. Ҳизбҳо бо таблиғи ғояҳо ва барномаҳои худ дар ҷомеа, инчунин ба ташаккули афкори сиёсӣ ва маърифати сиёсӣ мусоидат мекунанд.

3. Ташкили ҳукумат. Дар низомҳои демократӣ ҳизбҳо дар интихобот ширкат варзида, аксар вақт ҳукуматро ташкил медиҳанд ва сиёсатро пеш мебаранд.

4. Назорати фаъолияти ҳукумат. Ҳизбҳои мухолиф ҳамчун нозирони сиёсӣ амал карда, сиёсати давлатро таҳлил ва назорат менамоянд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи муосир на танҳо ҳамчун василаи ташкил ва идоракунии давлат амал мекунанд, балки инчунин ҳамчун муҳаррики пешбарандаи демократия ва воситаи асосии иштироки шаҳрвандон дар сиёсат арзёбӣ мегарданд. Ҳизби сиёсӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимтарини ҷомеа бояд на танҳо барои расидан ба ҳокимияти сиёсӣ кӯшиш кунад, балки барои беҳбудии ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва рушди устувори давлат низ саҳмгузор бошад. Ҳизбҳои сиёсӣ тавассути таҳияи идеология ва барномаҳо кӯшиш мекунанд, ки дурнамои фаъолияти худро муайян созанд ва шаҳрвандонро ба имкони амалҳои алтернативӣ ё гуногун бовар кунонанд [54]. Ин ҷараён, ки дар он ҳизбҳо кӯшиш мекунанд то ҷомеаро бо дидгоҳҳо ва манфиатҳои худ ҳамоҳанг созанд, дар ниҳоят ба ташаккули сиёсати давлатӣ таъсир мерасонад. Идеологияи ҳар як ҳизб ҳамчун роҳнамо барои таҳияи

қонунҳо, барномаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ҳатто дар муносибатҳои хориҷӣ хизмат мекунад.

Ҳизбҳои сиёсӣ, бо пешниҳоди барномаҳои мушаххас, кӯшиш мекунанд, ки эътимоди ҷомеаро ба даст оранд. Ин барномаҳо метавонанд дар соҳаҳои гуногун, аз қабили иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъсир дошта бошанд. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки бо роҳи пешниҳоди ҳалли мушкилоти мавҷуда ва ошкор намудани роҳҳои беҳбуди зиндагии мардум, дастгирии шаҳрвандонро ба даст оранд [57]. Дар баробари иштирок дар маъракаҳои муҳимми сиёсӣ, аз қабили интихобот, райпурсӣ ва амсоли инҳо дар аксари давлатҳои ИА ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти ҳукуматро назорат намуда, дар сурати ба камбудиҳо роҳ додани ҳизби ҳоким аҳолиро аз камбудиҳои роҳдодаи ҳукумат огоҳ намуда, ба ин васила зиракии сиёсии шаҳрвандонро баланд мебардоранд.

Дар илми сиёсатшиносӣ дар қатори дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа системаи интихоботӣ низ яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд. Дар интихобот ғайр аз ташкилотҳои давлатӣ инчунин дигар ташкилотҳо, ҳизбҳо, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кооперативҳо, ҷамъиятҳои касбӣ ҷалб карда мешаванд. Аз дуруст ташкил намудану гузаронидани интихоботи намояндагони халқ ба мақомотҳои маҳаллӣ: вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва қонунбарорӣ вобастагии калон дорад. Маҳз ба воситаи интихобот шаҳрвандон аз ҳуқуқи конститутсионии худ пурра бархӯрдор ва истифода бурда метавонанд.

Дар хулосаи ин зербоб бояд қайд кард, ки таснифоти пешниҳодшудаи ҳизбҳои сиёсӣ (кадрӣ ва оммавӣ, коммунистӣ ва сотсиалистӣ, универсалӣ, ҳизбҳои «сабз» ва ғ.) ба мо имкон медиҳад, ки асосҳои ташкилӣ ва идеологии онҳоро таҳлил намоем. Ҳизбҳои кадрӣ, ки ба элитаҳо ва шумораи маҳдуди аъзоён нигаронида шудаанд, нақши худро дар низомҳое, ки анъанаҳои сиёсии муқарраршуда доранд, нигоҳ медоранд, аммо таъсири онҳо аксар вақт аз захираҳо ва робитаҳо вобаста аст, на аз сафарбаркунии омма. Ҳизбҳои оммавӣ

сохтори гуногунранг ва пойгоҳи васеи иҷтимоӣ доранд, таърихан воситаи муттаҳид кардани гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ буданд, аммо дар шароити муосир онҳо бо мушкилоти коҳиши ҳувияти ҳизбӣ ва ҷалби аъзои нав рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҳизбҳои коммунистӣ ва сотсиалистӣ пояи равшани доктриналӣ доранд ва аксар вақт иддао менамоянд, ки манфиатҳои як табақаи мушаххасро намояндагӣ мекунанд, барномаҳои худро дар шароити кунунӣ ба доираи васеътари масъалаҳои иҷтимоӣ мутобиқ месозанд. Аммо дигаргуниҳои даҳсолаҳои охир боиси таҳаввулоти онҳо ва дар баъзе мавридҳо, коҳиши таъсири идеологии онҳо мегардад. Ҳизбҳои универсалӣ бошанд тавассути барномаҳои прагматикӣ барои ҳадди аксар фарогирии интихоботӣ талош мекунанд, дар заминаи сиёсати миёнаравӣ бартарӣ доранд, дар он арзиши идеологияи возеҳ метавонад ба арзиши идоракунии муассир ва муошират табдил дода шавад. Ҳизбҳои «сабз» ҳамчун ҷунбиши экологӣ ва ҳаракати нави сиёсӣ ба шумор рафта, бомуваффақият институтсионализатсия шудаанд, аммо рушди минбаъдаи онҳо бо зарурати ташаккули рӯзномаи махсус ва бо васеъ кардани рӯзномаи сиёсӣ барои рақобат бо ҳизбҳои универсалӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти ҳизбӣ айни замон бо раванди универсализатсия ва глобализатсия алоқамандии зич дорад. Ҳеҷ як гурӯҳи иҷтимоӣ бетағйир намемонад. Ҳамаи гурӯҳҳо, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ таҳти фишори тағйироти талаботи ҷамъиятӣ, технологияҳои коммуникатсионӣ ва сохтори иштироки сиёсӣ ба дигаргунӣ дучор мешаванд. Арзёбии устуворӣ ва самаранокии фаъолияти ҳизбӣ дар заминаи ба инобат гирифтани қобилияти ҳизб барои мутобиқ шудан аз ҷиҳати ташкилӣ, нигоҳ доштан ё барқарор кардани робитаи доимӣ бо табақаҳои иҷтимоӣ анҷом дода мешавад.

# БОБИ II. МАҚОМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИНТИХОБОТ ВА СИСТЕМАИ ҲИЗБӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

## 2.1. Нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботӣ

Дар замони муосир яке аз равандҳои муҳимми сиёсӣ ин баргузор гардидани интихобот ба шумор меравад. Маҳз тавассути интихобот ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони алоҳида имконият пайдо менамоянд, ки ба ҳокимияти сиёсӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Бинобар ин, системаҳои интихоботӣ унсури асосию зарурии раванди сиёсӣ ба шумор меравад ва дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши калидӣ дорад. Дар масъалаи мазкур олимону мутафаккирони дохилию хориҷӣ фикру андешаҳои худро баён намуда бошанд ҳам, аммо ҳамаи паҳлуҳои мавзуи системаи интихоботӣ ва нақши онҳо дар раванди сиёсии ҷомеаи демократӣ ба таври комил омӯхта нашудааст.

Мавриди тазаккур аст, ки масъалаи интихобот дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалию давлатӣ дарҷ гардида, ягона роҳи интиқоли ҳокимият аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар маҳз тавассути интихобот ба амал бароварда мешавад. Аз ҷумла дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дарҷ гардидааст, ки: «Ҳар инсон ҳақ дорад дар идораи корҳои кишвари худ бевосита ё тавассути намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад. Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад; ин ирода бояд дар интихоботи даврагӣ ифода ёбад, ки зимни ҳуқуқи умумӣ ва баробари интихоботӣ ба тариқи овоздиҳии махфӣ ё шаклҳои дигари дорои дараҷаи баробар, ки озодии овоздиҳиро таъмин мекунанд, бояд баргузор гарданд» [185].

Дар натиҷаи гузаронидани интихоботи демократӣ чунин масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ ҳал карда мешаванд: «дар давраи интихобот шаҳрвандон имконият пайдо мекунанд, ки мақсадҳои худро амалӣ намоянд; дар натиҷаи интихобот парлумон ҳамчун институти пурқуввати назораткунанда аз болои ҳукумат ташаккул мeёбад. Парлумон ҳамчун институти сиёсӣ на ин, ки аз ваколатҳои худ, балки аз ҳуқуқҳои

конститутсионӣ ва судӣ низ истифода мебарад; дар натиҷаи интихобот ақидаҳои гуногун муттаҳид шуда, иродаи ягонаи сиёсӣ ташаккул меёбад. Инчунин дар натиҷаи интихобот муттаҳидшавии гурӯҳҳои калони одамон дар атрофии мақсадҳои ягонаи сиёсӣ ба вуқуъ меояд; дар натиҷаи интихобот ниҳодҳои системаи сиёсӣ, ба монанди парлумон, ҳукумат, президент ҳуқуқи қонунӣ пайдо мекунанд, чунки ин раванд фаъолияти бевоситаи шаҳрвандон ба воситаи интихобот мебошад; интихобот воситаи муҳимми алоқаи байни шаҳрвандону ҳокимият мегардад; дар рафти интихобот шаҳрвандон мактаби муҳимми муборизаи сиёсиро аз худ мекунанд; интихобот ин воситаи муҳиммест, ки шаҳрвандон тавассути он ба ҳайати элитаи сиёсӣ ворид мешаванд; интихобот омили муҳимме барои ташаккули қувваҳои мухолифин буда, нишонаи муҳимми ҷомеаи демократӣ мебошад» [85, с.25]. Бояд қайд кард, ки вазифаҳои дар боло зикршуда дар ҳолате иҷро мешаванд, ки агар интихобот дар дараҷаи демократӣ ташкил ва гузаронида шуда бошад. Ҳамин тариқ, системаи интихоботӣ кулли қоидаҳо, принсипҳо ва воситаҳое мебошанд, ки қонун муайян намудааст ва ба воситаи онҳо натиҷаи овоздиҳӣ ва ваколатҳои намояндагони халқ (вакилон) муайян карда мешаванд.

Дар раванди баргузории интихобот принсипҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Зеро принсипҳои интихобот унсурҳои муҳимтарини системаи интихоботиро ташкил медиҳанд [137]. Масалан, принсипи интихоботии бевосита ба интихобкунанда имконият медиҳад, ки ӯ бевосита, бе дахолати шахси миёнарав дар интихобот иштирок намояд. Яке аз ҷузҳои муҳимми интихоботи демократӣ принсипи алтернативии интихобот мебошад, ки вуҷуд доштани ду ва зиёда аз он довталабонро дар интихоб талаб мекунад. Ин принсип имкон медиҳад, ки дар интихобот гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ бо манфиатҳои худ иштирок кунанд.

Системаи интихоботӣ аз рӯйи қоидаҳои ҷорӣ дар асоси қонуни умумии интихоботӣ гузаронида мешавад ва се шароити асосиро дар бар мегирад:

- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи номзадҳо дар интихобот (маблағгузории баробар, таъмини воситаҳои ахбори омма, бетарафии дастгоҳи давлатӣ ва дахолат накардани он дар маъракаи пешазинтихоботӣ);

- институти қайди довталабон. Барои он, ки номзад ҳуқуқи ба бюллетенҳо дохил шуданро пайдо намояд, вай бояд ба талаботи қонунҳо ҷавобгӯ бошад. Ин талабот дараҷаи синну сол, ҷои истиқомати доимӣ ва эътибори касбии довталаб шуда метавонад;

- институти қайди интихобкунандагон рӯйхати интихобкунандагонро дар бар мегирад, то ин ки роҳбари комиссияи ҳавзаи интихоботӣ ва аъзоёни он бо шахсияти интихобшаванда шинос шаванд ва аниқ намоянд, ки интихобшаванда ҳуқуқи интихоб шудан дорад ё не?

Бояд гуфт, ки системаи интихоботии демократӣ аз се шакл: мажоритарӣ (аксарият), мутаносиб ва омехта иборат мебошад. Системаи мажоритарӣ яке аз шаклҳои асосии системаи интихоботӣ буда, аслан ба принсипи аксарияти овозҳо асос ёфтааст. Дар ин система интихобшуда ҳамон номзаде дониста мешавад, ки аксарияти овозҳои интихобкунандагонро гирифта бошад.

Принсипи мажоритарии таносуби аксарияти овозҳо маънои онро дорад, ки номзад нисбат ба ҳар як рақибаш дар алоҳидагӣ зиёдтар овоз гирифтааст, яъне, барои номзад аз нисф зиёд гирифтани овозҳо шарт нест. Камбудии ин принсип дар он аст, ки ҳизбе, ки дар интихобот камтар овоз гирифтааст, нисбат ба рақиби асосиаш имконият пайдо мекунад, ки аксарияти ҷойҳоро дар мақомоти қонунбарор ишғол намояд. Бояд қайд кард, ки ҳавзаҳои интихоботӣ мувофиқи ин принсип якмандата мебошанд ва аз ҳар ҳавза фақат як вакил интихоб мешавад.

Дар чунин ҳолат, агар ягон шаҳрванд тавонад, ки номзадиашро гузаронад, вай имконият пайдо менамояд, ки ба таври автоматӣ бе овоздиҳӣ вакили парлумон шавад. Мувофики ин система ба ғолиб кифоя аст, ки фақат худаш барои худаш овоз диҳад, яъне як овоз тақдири номзадро ба таври мусбӣ ҳал менамояд.

Дар як қатор мамлакатҳои дигар, ба монанди Белгия, Италия дар вақти аз рӯи рӯйхат овоз додан ба интихобкунанда имконият дода мешавад, ки бо хоҳиши худаш рақами номзадҳоро дар рӯйхат иваз намояд. Масалан, метавонад, ки номзади рақами ҳафт ба ҷойи якум барояд.

Дар Швейтсария ва Люксембург ба интихобкунанда имконият дода мешавад, ки ба якчанд номзаде овоз диҳад, ки онҳо дар рӯйхати ҳизбҳои гуногунанд. Дар чунин ҳолат барои муайян намудани натиҷаи овозҳо барои интихоби як вакил квота (ҳисса) ҷудо карда мешавад. Мувофиқи квота тамоми овозҳои додашуда дар ҳавзаи интихоботи шуморида шуда, баъд овозҳо вобаста ба ҷойи вакилон дар байни ҳизбҳо тақсим карда мешаванд.

Дар Русия, Олмон, Италия ҳизбе, ки дар интихобот садди 5 фоизро нагузаштааст, дар парлумон ҷой намегирад. Дар Венгрия ва Белгия ин муқаррарот 4 фоизро, дар Туркия 10 фоизро, дар Дания 2 фоизро ташкил менамояд.

Дар Русия садди панчфоиза имконият намедиҳад, ки ҳизбҳои майда дар парлумон ҷой гиранд. Масалан, дар интихоботи соли 2003 ба Думаи давлатии Русия намояндагони 43 ҳизби гуногун иштирок намуданд, вале фақат чор ҳизб - Ҳизбҳои коммунистии Русия, Демократӣ-либералии Русия, Ягони Русия, «Родина» ғолиб омаданд.

Вобаста ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда, тайёр кардан ва гузаронидани интихо-ботҳо чор давраро дар бар мегирад: Давраи  якум, давраи ташкилии гузаронидани интихо-ботҳо. Давраи дуюм, давраи пешниҳоди номзадҳо ва қайди онҳост. Давраи сеюм, давраи ташвиқоту тарғибот. Давраи чорум, давраи овоздиҳӣ ва ҷамъбасти натиҷаи овоздиҳӣ.

Аз сабаби он ки интихобот дар муҳити муайяни ҷамъиятиву сиёсӣ мегузарад, муҳит метавонад таъсирашро ба интихобот ба чунин сурат расонад:

- дар ҷомеа вуҷуд доштани арзишҳои созиш, боварии ҳизбҳои сиёсӣ, аксарияти аҳолӣ барои эътирофи натичаҳои интихобот. Агар дар ҷомеа ин манбаъҳои арзишӣ вуҷуд надошта бошанд, натиҷаи интихобот ваъзи сиёсии

давлатро метавонад нооромгардонад ва интихоботро гурӯҳҳои манфиатдор ҳамчун воситаи муҳими фишор ва таҳдид истифода баранд;

- эҳтироми ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлат. Ин барои он зарӯр аст, ки интихобкунандагон ва номзадҳо ба вакилӣ худро озод ҳис намоянд ва аз ҳар гуна фишороварӣ наҳаросанд;

- огоҳии шаҳрвандон (интихобкунандагон) барои он зарӯр аст, ки интихобкунандагон бояд аз ҳамаи расму қоидаҳои гузаронидани интихобот, барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, барномаҳои номзадҳо огоҳ бошанд;

- характери демократӣ доштани қайди интихобкунандагон. Ин маънои онро дорад, ки ягон шакли маҳдудкунӣ ва поймолнамоии ҳуқуқҳои шаҳрвандон но вобаста аз хусусиятҳои миллӣ, нажодӣ ва динӣ вуҷуд надошта бошад;

- характери демократӣ доштани ба қайдгирии ҳизбҳо. Ҳизбҳо субъекти муҳими интихобот ба шумор рафта, онҳо шаҳрвандонро барои гузаронидани интихоботҳо тайёр мекунанд. Аз ҷониби дигар довталабони асосӣ барои ташаккули парлумон ва ҳукумат мебошанд. Бинобар ин, барои гузаронидани интахоботҳои демократию озод ҳизбҳо имконият доранд, ки номзадҳои худро пешниҳод ва дастгири намоянд;

- ташаккули ташкилотҳои мустакдлу касбии рафти интихоботҳо. Ба онҳо пеш аз ҳама дохил мешаванд ташкили комиссияҳои интихоботӣ. Нақши онҳо дар мамлакатҳои гуногун ҳархела мебошанд. Вазифаи ин комиссияҳо аз он иборат аст, ки дар байни шаҳрвандон қонуни интихоботиро ҳамаҷониба фаҳмонанд ва бо дастурҳою маводҳо таъмин намудани ҳавзаҳои интихоботӣ. Дар ҳавзаҳои интихоботӣ руйхати интихобкунандагон, маводҳо дар бораи номзадхо ва шахсони масъул оид ба гузаронидани интихоботҳо тайёр карда мешаванд;

- барои муташаккилона гузаронидани интихоботҳо дар қатори ҳавзаҳои интихоботӣ инчунин мақомотҳои ҳокимияти махалли низ сафарбар карда мешаванд;

- барои объективона гузаронидани интихоботхо ва ҳалли масъалаҳои баҳсталаб комиссияҳои мустақил таъсис дода шуда, мушоҳидачиёни бетараф омода ва ба онҳо ваколат дода мешавад, ки мустакилона мушоҳида баранд.

Пешниҳоди номзадҳо ба интихобот. Баъд аз гузаронидани ҷорабиниҳои тайёрӣ ва муайян намудани мӯҳлати номзадҳо гузаронидани интихоботҳо маъракаи пешазинтихоботӣ сар мешавад. Маъракаи пешазшгтихоботӣ - ин кулли чорабиниҳои ташкилию сиёсӣ, иттилоотиву тарғи-ботӣ барои таъмини раванди интихобот дар дохили давлат мебошад [50].

Қадами аввалини маъракаи интихоботӣ ин эълони интихобот мебошад. Баъдан пешниҳоди номзадҳо сурат мегирад. Вале барои он, ки номзади пешниҳодшуда дар интихобот иштирок кунад, бояд чунин шартҳоро иҷро намояд: ҷамъ кардани имзои интихобкунандагон ба ҷонибдории номзад; пардохти ҳаққи бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки номзадро ин ё он ҳизб ё гурухе дастгирӣ намудааст; ба қайд гирифтани рӯйхати номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ.

Шумораи ҷамъ овардани имзои интихобкунандагон ба ҷонибдории номзадҳо дар ҳар мамлакат ҳар хел аст. Масалан, дар баъзе мамлакатҳо шумораи ҷонибдорони номзад то як миллион имзоро ташкил медиҳанд. Интихоботӣ президенти Русия моҳи феврали соли 2004 ду миллион имзоро ташкил дод.

Дар Англия барои ба қайд гирифтани номзад фақат ҳуҷҷатҳои номзад ва имзои як гурӯҳи хурди одамон кифоя аст. Дар Тоҷикистон барои интихоб номзад ба президенти 210 ҳазор имзо лозим аст. Бинобар ин, барои гузаронидани интихоботҳои демократӣ лозим аст, ки онҳо ҳарчи арзонтар бошанд, ин имконият медиҳад, ки мардуми оддӣ дар онҳо иштирок варзанд ва манфиатҳои табақаҳои поёнии ҷамъиятро ифода намоянд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки нуқтаи охирини интихобот бо интихоби вакил ба охир мерасад ва ӯ бояд чунин вазифаҳоро иҷро намояд:

- вакил дар парлумон ҳамчун намояндаи интихобкунандагон манфиати ҷонибдоронашро ҳимоя менамояд;

- вакилоне, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ интихоб шудаанд, вазифадоранд дар парлумон манфиати ҳизб, тарафдорони он ва барномаи пешазинтихоботии ҳизбро ҷонибдорӣ ва иҷро намоянд;

- вакилони интихобшуда вазифадоранд, ки пеш аз ҳама манфиатҳои миллат ва тамоми гурӯҳҳои ҷамъиятиро ифода намоянд;

- вакилони аз рӯйхати ҳизбӣ интихобшуда дар парлумон ҳуқуқ доранд фраксияҳо ва гурӯҳҳои вакилон ташкил намоянд.

Ҳамин тариқ, системаи интихоботӣ ҳамчун раванди сиёсии ҷомеа ҳарчи қадаре, ки гуногуншакл шафоф ва озоду демократӣ бошад, ба пешрафти ҷомеа дар ҳалли соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бештар таъсири амиқ мерасонад ва аксарияти одамонро ба идоракунии мамлакат ҷалб менамояд.

Аҳамияти таҳқиқи нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд омилҳое вобаста аст, ки ҳам дигаргуниҳои сиёсии дохилӣ ва ҳам самтҳои сиёсати хориҷии кишварро ба таври назаррас муайян мекунанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати сиёсати байналмилалӣ фаъолияти самараноки ҳизбҳои сиёсӣ унсури муҳимтарини таъмини равандҳои демократӣ ва суботи сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи афзоянда ба омӯзиши ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун унсури муҳимми идоракунии демократӣ ба назар мерасад. Нақши ҳизбҳоро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таҳияи барномаҳои сиёсӣ ва таъмини намояндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар мақомоти ҳокимият дар сатҳи баланд арзёбӣ кардан мумкин аст.

Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ ва барномаҳои ҳизбӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчун гурӯҳҳои муташаккил манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоиро намояндагӣ мекунанд ва дар муайян кардани мушкилоти мубрами ҷомеа ва инчунин дар ташаккули афзалиятҳо барои ҳалли онҳо нақши муҳим доранд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки «ҳизбҳои сиёсӣ барои намояндагии манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандон таъсис дода мешаванд ва барномаи онҳо дар асоси ин манфиатҳо ташаккул меёбад» [143]. Масалан, бо назардошти вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳизбҳо аксар вақт ба масъалаҳои муҳим, аз қабили таъсиси ҷойҳои корӣ, мубориза бо камбизоатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва дастрасии таҳсилот диққат медиҳанд. Ин мавзуъҳо дар барномаҳои ҳизбӣ мавқеи марказӣ ишғол мекунанд ва омодагии ҳизбҳоро барои иштирок дар ҳалли мушкилоте, ки аҳолиро ба ташвиш меоранд ва ҳалли воқеиро дар сатҳи сиёсати давлатӣ нишон медиҳанд, ифода мекунанд. Олими рус Д.А. Реут дар таҳқиқоти худ масъалаи барномаҳои ҳизбию интихоботиро ба таври зерин арзёбӣ намудааст: «Таҳияи барномаҳои интихоботӣ инчунин як раванде мебошад, ки дар он ҳизбҳои сиёсӣ ниёзҳои ҷомеаро тавассути шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ бо интихобкунандагон таҳлил мекунанд. Ин раванд метавонад муоширати мустақим - вохӯриҳои кушод, мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо ва истифодаи таҳқиқоти сотсиологӣ барои муайян кардани масъалаҳои мубрам бошад» [139, с.229]. Муҳим он аст, ки барномаҳои таҳиянамудаи ҳизбҳо ҳуҷҷатҳои шахшудаи қолабӣ нестанд. Онҳо дар посух ба шароит ва ниёзҳои тағйирёбандаи аҳолӣ такмил дода мешаванд.

Яке аз намунаҳои иштироки фаъоли ҳизбҳо дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ иштироки онҳо дар таҳияи ташаббусҳои қонунгузорӣ мебошад, ки ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа дахл доранд. «Ҳизбҳо метавонанд ба мушкилоти мушаххас тавассути ташаббуси пешниҳодҳои қонунгузорӣ ва далели зарурати беҳтар кардани ҳаёти шаҳрвандон талош кунанд» [125]. Ҳамин тариқ, дар байни пешниҳодҳои барномавии ҳизбҳо ташаббусҳо оид ба тағйир додани қонунҳо дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, низоми андоз ё масъалаҳои тандурустӣ мавҷуданд, ки бевосита ба сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Ғайр аз ин, ҳизбҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ низ нақши муҳим мебозанд. Бо истифода аз васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ, онҳо

метавонанд ғояҳои худро ба таври муассир ба аудиторияи васеъ расонанд ва ба ин васила рӯзномаи сиёсиро дар сатҳи муҳокимаи ҷамъиятӣ ташаккул диҳанд [120]. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо интихобкунандагонро ҷалб кунанд, балки дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ низ фаъолона иштирок варзанд. Барномаҳои ҳизбӣ бояд барои мардум фаҳмо ва дастрас бошанд, ки ин барои иштироки онҳо дар интихобот ва ҳаёти сиёсӣ ангезаи иловагӣ эҷод мекунад.

Ҳамин тариқ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ ва барномаҳои ҳизбӣ дар Тоҷикистон раванди хеле гуногунпаҳлу буда, ба муайян намудани мушкилоти мубрами ҷомеа ва таҳияи чораҳои ҷавобӣ таъсири фаъол мерасонад. Фаъолияти самараноки ҳизбҳо дар ин соҳа метавонад на танҳо ба беҳтар шудани вазъи сиёсии дохилӣ дар кишвар, балки ба баланд бардоштани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои сиёсӣ, ки барои рушди равандҳои демократӣ муҳим аст, мусоидат намояд.

Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар муайян намудани проблемаҳои афзалиятноки ҷомеа ва манфиатҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, зеро маҳз онҳо миёнарави байни сохторҳои давлатӣ ва аҳолӣ мегарданд. Ҳизбҳо, ки табақаҳои гуногуни ҷомеаро намояндагӣ мекунанд, имконият доранд, ки ниёзҳои онҳоро гӯш кунанд ва ин ниёзҳоро ба талаботи сиёсӣ табдил диҳанд. Ин раванд ҳамкории фаъол бо аҳолӣ ва мониторинги доимии тағйирот дар афкори ҷамъиятиро дар бар мегирад. Ш. Асадов таъкид намудааст, ки «яке аз усулҳои асосии муайян кардани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногун гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ, аз ҷумла пурсишҳо ва мусоҳибаҳо мебошад. Бо ин воситаҳо ҳизбҳо метавонанд мунтазам дар бораи масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки шаҳрвандонро бештар ба ташвиш меоранд, маълумот ҷамъ кунанд» [86, с.77]. Масалан, таҳқиқи сатҳи бекорӣ, мавҷудияти хадамоти тиббӣ ё сифати таълим метавонад ба ҳизбҳо кӯмак кунад, ки кадом масъалаҳо афзалияти бештарро талаб мекунанд. Чунин маълумот на танҳо дастурҳоро барои барномаҳои ҳизбӣ пешниҳод мекунад, балки ваъдаҳои интихоботии онҳоро низ асоснок мекунад.

Илова бар ин, иштироки фаъолонаи ҳизбҳо дар ташаббусҳо ва лоиҳаҳои маҳаллӣ инчунин имконият медиҳад, ки манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаро беҳтар фаҳманд. «Тамоси мустақим бо шаҳрвандон дар маҳалҳо, вохӯриҳо бо гурӯҳҳои гуногун унсурҳои муҳимме мебошанд, ки дар заминаи онҳо ҳизбҳо ба шароит ва аксуламалҳои тағйиребандаи ҷомеа мутобиқ мешаванд» [99]. Масалан, маҷлисҳои сайёр, форумҳои кушод ва муҳокимаҳои оммавӣ барои муколама фазои зарурӣ фароҳам меоранд. Дар чорабиниҳои мазкур шаҳрвандон метавонанд андешаҳои худро баён кунанд ва мавқеи ҳизбро бишнаванд.

Инчунин нақши ҳизбҳоро дар системаи намояндагӣ қайд кардан бамаврид аст. Ҳизбҳо бояд на танҳо манфиатҳои аксариятро намояндагӣ кунанд, балки бояд ба масъалаҳое, ба монанди ҳуқуқҳои ақаллиятҳо ва ниёзҳои мушаххаси гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ба монанди занон, ҷавонон ё маъюбон диққат диҳанд. Дар ин замина, «ҳизбҳо барномаҳои махсусеро таҳия мекунанд, ки ба ҳалли масъалаҳои дар назди гурӯҳҳои муайян қарордошта равона карда шудаанд» [156]. Ҳизбҳое, ки ин вазифаро бомуваффақият иҷро мекунанд, метавонанд симои мусбат эҷод кунанд ва сатҳи эътимоди худро дар байни интихобкунандагон баланд бардоранд.

Муҳим он аст, ки ғайр аз муайян кардани манфиатҳо, ҳизбҳо дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ низ нақши фаъол доранд. Ин раванд ҳам муттаҳидсозии дохилии аъзоёни онҳо ва ҳам мувофиқати беруна бо дигар қувваҳои сиёсӣ ва ҷонибҳои манфиатдорро талаб мекунад. Ҳизбҳо бояд мувозинати байни намояндагии манфиатҳои интихобкунандагони худ ва вазифаҳои умумисиёсиро пайдо кунанд [80]. Ин ҳолат метавонанд зарурати ба даст овардани мувофиқа байни гурӯҳҳои мухолиф ё бахшҳои ҷомеаро дар бар гиранд.

Дар ташаккули барномаи сиёсии худ, ҳизбҳо аксар вақт ба анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ такя мекунанд. Чунин амалкард ба қобилияти онҳо дар вокуниш ба мушкилоти муосир низ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, онҳо бояд на танҳо аз мушкилоти ҷорӣ огоҳ бошанд, балки роҳҳои амалӣ ва воқеии

ҳалли онҳоро пешниҳод кунанд. Дар натиҷа, кори самараноки ҳизбҳо дар самти муайян ва инъикоси манфиатҳои иҷтимоӣ на танҳо ба нигоҳ доштани субот дар ҷомеа мусоидат мекунад, балки барои рушди равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҳияи барномаҳои ҳизбӣ ва маъракаҳои пешазинтихоботӣ вазифаи муҳимтарини ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз ҳамин ҳуҷҷатҳо ва чорабиниҳо чеҳраи ҳизбҳоро ташаккул медиҳанд ва самти стратегии фаъолияти онҳоро дар интихоботи оянда муайян мекунанд. Раванди ташаккули барномаҳо ва маъракаҳои сиёсӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, инчунин ба назар гирифтани манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ асос ёфтааст.

Меъёрҳои ташаккули барномаҳои ҳизбиро дар Тоҷикистон аз рӯй якчанд самтҳои асосӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Аввалан, барномаҳо бояд ба талаботи кишвар мувофиқ бошанд ва ба ниёзҳои ҷомеа мувофиқат кунанд. Ин маънои онро дорад, ки «фаҳмиши амиқи мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, аз қабили мавҷудияти маориф ва тандурустӣ, сатҳи бекорӣ, масъалаҳои кишоварзӣ ва экология дар барномаҳои ҳизбӣ бояд ҷой дошта бошанд» [110]. Ҳизбҳое, ки мехоҳанд эътимоди интихобкунандагонро ба даст оранд, вазифадоранд, ки ба масъалаҳое, ки шаҳрвандонро ба ташвиш меоранд, диққат диҳанд ва роҳҳои воқеии ҳалли онҳоро пешниҳод кунанд.

Дуюм, барномаҳои ҳизбӣ бояд равшан ва дастрас бошанд. Истифодаи аз ҳад зиёди истилоҳот ё мафҳумҳои мураккаб метавонад интихобкунандагонро аз муҳтавои асосии масъалаҳо дур кунад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки қарорҳои пешниҳодшуда ба таври возеҳ ва дастрас таҳия карда шаванд ва ба шаҳрвандон имкон диҳанд, ки худро бо барномаи ҳизб ва ҳадафҳои он ба осонӣ муайян кунанд.

Ҳангоми таҳияи барномаҳо манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Тоҷикистон кишвари бисёрмиллат аст, бинобар ин бояд ба намояндагии манфиатҳои ақаллиятҳо ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ диққати махсус дода шавад. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд дархостҳои

ҷавонон, занон, пиронсолон ва намояндагони гурӯҳҳои гуногуни қавмиро ба назар гиранд ва роҳҳои ҳалли худро пешниҳод кунанд.

Ғайр аз ин, ба назар гирифтани хусусиятҳои рушди минтақавии кишвар низ хеле муҳим аст. Дар Тоҷикистон дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ байни шаҳру деҳот фарқиятҳои назаррас мавҷуданд [102]. Барномаҳои ҳизбӣ бояд пешниҳодҳои мушаххаси минтақаҳоро дар бар гиранд, то ба тамоми қисматҳои кишвар мувофиқ бошанд.

Стратегияҳои пешбурди барномаҳои ҳизбӣ дар арсаи интихоботӣ равишҳои гуногунро дар бар мегиранд. Яке аз усулҳои он иштироки фаъолона дар муколама бо интихобкунандагон, аз ҷумла ташкили вохӯриҳои кушод, мубоҳисаҳо ва мизҳои мудаввар мебошад, ки дар он ба шаҳрвандон имконият дода мешавад, ки дар бораи масъалаҳои ҷудогонаи барномаҳои ҳизбӣ саволҳо диҳанд ва фикри худро баён кунанд. Истифодаи самараноки воситаҳои муосири коммуникатсионӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет низ дар пешбурди маъракаҳои сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Ба андешаи олимон, «технологияҳои муосир ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки ба рӯйдодҳо ва муроҷиатҳои шаҳрвандон зуд вокуниш нишон диҳанд ва ба ин васила ҳамкории доимӣ ба вуҷуд оранд» [172, с.56].

Ғайр аз ин, ҳизбҳои муваффақ стратегияҳои робита бо ҷомеа (PR) ва мушовирони ботаҷрибаро истифода мебаранд. Омӯзиш ва тайёр кардани фаъолоне, ки метавонанд маълумотро дар бораи барнома ба оммаи васеъ расонанд, қисми муҳимми фаъолияти пешазинтихоботӣ мебошад. Ҳамин тариқ, таҳияи барномаҳои ҳизбӣ ва маъракаҳои пешазинтихоботӣ дар Тоҷикистон равиши ҳамаҷониба ва стратегиеро талаб мекунад, ки ҳам ба мушкилоти мубрами ҷомеа ва ҳам ба ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нигаронида шудааст. Муваффақияти маъракаҳои интихоботӣ аз он вобаста аст, ки барнома то чӣ андоза самаранок амалӣ карда мешавад ва он то чӣ андоза ба талабот ва интизориҳои шаҳрвандон ҷавобгӯ хоҳад буд.

Истифодаи васоити ахбори омма (ВАО) ва шабакаҳои иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи стратегияи ҳизбҳои сиесӣ дар Тоҷикистон, бахусус дар

ҷараёни маъракаҳои интихоботӣ гардидааст. Усулҳои муосири коммуникатсия ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо ғояҳо ва барномаҳои худро ба интихобкунандагон расонанд, балки бо шунавандагон робитаи наздиктар барқарор кунанд. Истифодаи чунин имкониятҳо, дар навбати худ, ба сатҳи баланди иштироки аҳолӣ дар равандҳои сиёсӣ мусоидат мекунад.

Яке аз равишҳои асосии истифодаи ВАО паҳн кардани мундариҷаи иттилоотие мебошад, ки ба ташаккули симои мусбати ҳизб равона шудааст. Ҳизбҳо телевизион, радио ва нашрияҳои чопиро барои ҷойгир кардани изҳорот, мусоҳибаҳо ва мақолаҳои таҳлилии худ фаъолона истифода мебаранд. Ба андешаи О.В. Гордеева, «чунин шакли фаъолият ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ба манфиати ҳизбҳо имкон медиҳад. Истифодаи самараноки расонаҳои хабарии анъанавӣ имкон медиҳад, ки ба аудиторияи васеъ, аз ҷумла одамоне, ки ба интернет ё шабакаҳои иҷтимоӣ дастрасӣ надоранд, дастрасӣ пайдо кунанд» [98]. Дар осори олимони ин соҳаи таҳқиқот ишора мегардад, ки «шабакаҳои иҷтимоӣ бошанд фазои тағйирёбанда ва интерактивӣ барои муоширaт бо интихобкунандагон мебошанд. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон аз шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Instagram ва Telegram барои ташкили муколама бо шаҳрвандон фаъолона истифода мебаранд. Ин шабакаҳои ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки хабарҳо, эълону рӯйдодҳоро нашр кунанд ва инчунин ба рӯйдодҳо ва тамоюлҳо вокуниш нишон диҳанд ва ба саволу масъалаҳои мубрам посух гардонанд» [114, с.149]. Яке аз ҷанбаҳои асосии ҳузури ҳизбҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ қобилияти ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо аз интихобкунандагон мебошад. Ҳизбҳо метавонанд пурсишҳо, муҳокимаҳо гузаронанд ва шунавандагонро ба раванди ташаккули чорабиниҳои сиёсӣ ҷалб кунанд. Ин равиш на танҳо ба фаҳмиши амиқи ниёзҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад, балки таъсири ҷалби аҳолиро дар ҳаёти ҳизбӣ ба вуҷуд меорад ва дар навбати худ сатҳи эътимод ва садоқатмандии интихобкунандагонро нисбат ба ҳизб баланд мебардорад.

Нуктаи дигари муҳим ин доштани коршиносон ва фаъолоне мебошад, ки ба идоракунии саҳифаҳои интернетии ҳизбҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ

машғуланд. Ин мутахассисон стратегияҳои мундариҷавиро барои баланд бардоштани намоёнии мавод ва ҷолибияти нашрияҳо таҳия мекунанд ва инчунин барои нигоҳ доштани муколамаи доимӣ бо пайравон кӯмак мерасонанд. Истифодаи мундариҷаи босифати визуалӣ, ба монанди инфографика ва видео, паёмҳоро равшантар ва хотирмонтар мекунад.

Бо назардошти сохтори мураккаб ва манзараи зудтағйиребандаи ВАО, ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар стратегияҳои коммуникатсионии худ мутобиқ бошанд. Махсусан муҳим аст, ки натиҷаҳои фаъолияти коммуникатсиониро таҳлил карда, то чӣ андоза ба таври самаранок расонидани паёмҳои худро ба аҳолӣ арзёбӣ кунанд. Таҳлили амалкардҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди шумораи лайкҳо, бознашрҳо ва шарҳҳо, ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки паёмҳо ва равишҳои худро дар вақти воқеӣ танзим кунанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи хеле муҳим аст. Дар чунин шакл ба амал баровардани фаъолияти ҳизбӣ ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки на танҳо ғояҳо ва барномаҳои худро паҳн намоянд, балки бо шаҳрвандон фаъолона ҳамкорӣ дошта бошанд. Муваффақият дар маъракаҳои интихоботӣ аз қобилияти ҳизбҳо барои истифодаи самараноки ин воситаҳои коммуникатсионӣ, мутобиқ шудан ба талабот ва интизориҳои интихобкунандагони муосир вобаста аст. Ин масъала ҷузъи муҳимми фаъолияти сиёсӣ дар шароити демократикунонии кишвар мегардад.

Тартиб ва меъёрҳои интихоби номзадҳо дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимме мебошанд, ки муваффақияти фаъолияти ҳизбиро дар интихобот муайян мекунанд. Пешбарии самараноки номзадҳо на танҳо ба натиҷаҳои овоздиҳӣ таъсир мерасонад, балки стратегия ва симои умумии қувваи алоҳидаи сиёсиро инъикос мекунад. Талаботи чунин меъёрҳо бо зарурати таъмини сатҳи баланди касбият, эътимод ва таҷриба дар байни номзадҳо алоқаманд аст. Воқеан ҳам интихоб ва пешбарии номзадҳо метавонад имконияти муваффақияти ҳизбро ба таври назаррас баланд бардорад.

Пеш аз ҳама, пешбарии номзадҳо аз ташаккули рӯйхатҳои пешакӣ оғоз меёбад ва дар онҳо ҳам фаъолони ҳизбӣ ва ҳам номзадҳои беруна ба назар гирифта мешаванд. Аксар вақт ҳизбҳо интихоботи дохилӣ ё интихоботи пешакиро баргузор мекунанд. Дар чорабинии мазкур аъзои ҳизб ё ташкилотҳои маҳаллӣ метавонанд намояндагони худро пешбарӣ кунанд. Ин раванд на танҳо ба муайян кардани номзадҳои маъруф ва ботаҷриба, балки ба таҳкими демократияи дохилӣ дар фаъолияти ҳизб тавассути ҷалби ҷонибдорони нав кӯмак мекунад.

Меъёрҳои интихоби номзадҳо метавонанд вобаста ба ҳизби мушаххас аз ҳамдигар фарқ кунанд, аммо одатан якчанд ҷанбаҳои муҳимро дар бар мегиранд. Яке аз меъёрҳои асосӣ ин сифатҳои касбии номзадҳо мебошад. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки одамони дорои маълумоти муайян ва таҷрибаи корӣ дар идоракуниро интихоб кунанд. Ин меъёр ба онҳо имкон медиҳад, ки салоҳияти худро дар назди интихобкунандагон нишон диҳанд [89]. Масалан, доштани таҷриба дар сохторҳои давлатӣ ё фаъолияти муваффақ дар тиҷорат метавонад ҳангоми интихоби номзад далели қавӣ бошад.

Омили муҳим инчунин маъруфияти номзад дар байни аҳолӣ мебошад. Дар ин маврид С.П. Морозов иброз медорад, ки «ҳизбиҳо бояд баҳо диҳанд, ки ин ё он номзад дар аудиторияи мақсадноки онҳо то чӣ андоза маълум ва қобили қабул шудааст. Барои ин, пурсишҳои сотсиологӣ, мусоҳибаҳои соҳавӣ ё саволномаҳо гузаронида мешаванд» [127, с.145]. Чунин иқдомҳо ба муайян кардани муносибати интихобкунандагон ба шахсони муайян кӯмак мерасонанд. Интихобкунандагони қаноатманд аксар вақт гарави пешбарии муваффақ мегарданд, зеро доштани номи маъруф имконияти пирӯзӣ дар интихоботро зиёд мекунад.

Унсури муҳимтарини тартиби пешбарии номзадҳо санҷиши эътибори номзадҳо мебошад. Ҳизбҳо бояд диққати махсус диҳанд, то номзадҳои онҳо обрӯи шубҳанок надошта бошанд. Зеро ҷой доштани чунин ҳолатҳо метавонад ба тасаввуроти интихобкунандагон таъсири манфӣ расонад. Барои роҳ надодан ба хатогиҳо, ҳизбҳо метавонанд комиссияҳои махсус ташкил кунанд,

то ки тарҷумаи ҳоли номзадҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти шахсии номзадҳоро пеш аз пешбарӣ тафтиш кунанд.

Тартиби пешбарии номзадҳо дар Тоҷикистон бо назардошти меъёрҳои мушаххаси расмӣ сурат мегирад ва онҳо ба интихоби намояндагони мувофиқтарини ҳизб барои иштирок дар интихобот мусоидат мекунанд. Иҷрои бомуваффақияти ин тартибот имкон медиҳад, ки на танҳо имконияти пирӯзӣ зиёд карда шавад, балки имиҷи мусбати ҳизб дар назари интихобкунандагон ба вуҷуд оварда шавад. Дар навбати худ ба инобат гирифтану истифода бурдани меъёрҳои мазкур омили муҳим дар шароити демократикунонии системаи сиёсии кишвар мегардад.

Аввал ин, ки дастгирии молиявии номзадҳо аксар вақт омили асосии муваффақияти онҳо дар интихобот мегардад. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд ба назар гиранд, ки «маъракаи муосири интихоботӣ барои таблиғот, ташкили чорабиниҳо, чопи маводи таблиғотӣ, интиқоли онҳо ва дигар салоҳиятҳо хароҷоти зиёдро талаб мекунад» [105, с.4]. Аз ин рӯ, ҳизбҳо маблағгузориро байни номзадҳо дар асоси маъруфият, аҳамияти стратегии ноҳияҳо ва иқтидори мавҷуда тақсим мекунанд. Роҳбарони ҳизб ва менеҷерони молиявӣ барои таъмини ҳар як номзад бо маблағҳои зарурӣ кор мекунанд. Чунин тарзи корбарӣ метавонанд ба ташкили маърака ва натиҷаҳои ниҳоии он таъсир расонанд.

Илова бар ин, дастгирии ташкили сохтори самараноки дастаи интихоботӣ барои ҳар як номзадро дар бар мегирад. Ҳизбҳои сиёсӣ ба номзадҳо дастрасӣ ба захираҳои худ, аз қабили штабҳо, ихтиёриён ва сиёсатшиносонро фароҳам меоранд, то ки дар ташкили чорабиниҳои интихоботӣ, таҳияи стратегия ва ташаккули симои номзад кӯмак расонанд [176]. Ин ҳамоҳангсозии чорабиниҳои таблиғотӣ, омӯзиши фаъолон ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки корро дар бар мегирад. Гурӯҳе, ки аз аъзои соҳибихтисоси ҳизб иборат аст, метавонад дар банақшагирӣ ва татбиқи стратегияи маъракаи интихоботӣ кӯмаки назаррас расонад.

Масъалаи навбатӣ дастгирӣ дар соҳаи коммуникатсия мебошад. Ҳизбҳо бо истифода аз робитаҳои худ бо рӯзноманигорон ва оҷонсиҳои иттилоотӣ ба номзадҳо дар ташкили мусоҳибаҳо ва рӯшан кардани фаъолияти пешазинтихоботии онҳо кӯмак мерасонанд [111]. Ин имкон медиҳад, ки маъруфияти бештари ҳизб ва номзади вай таъмин карда шавад ва эътимоди интихобкунандагон низ зиёд шавад. Номзадҳое, ки аз ҷониби дастгоҳи пурқуввати ҳизбӣ дастгирӣ карда мешаванд, имконият пайдо мекунанд, ки ба мушкилоти баамаломада зуд вокуниш нишон диҳанд ва рӯйдодҳои муҳимро барои маъмулгардонии худ истифода баранд.

Ғайр аз ин, ҳизб бояд чорабиниҳоеро ташкил намояд, ки ба номзадҳо фазоҳои муошират бо интихобкунандагонро фароҳам оранд. Инҳо метавонанд мизҳои мудаввар, намоишгоҳҳо ва вохӯриҳо бо шаҳрвандон бошанд. Ҳизбҳо дар ташкили чунин чорабиниҳо нақши фаъол доранд ва номзадҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба муколама бо ҷомеа ва пешбурди ғояҳои сиёсӣ мусоидат мекунанд. Муҳим он аст, ки номзад тавонад худ ва барномаҳои худро дар фазои мусоид нишон диҳад. Чунин фаъолият ба баланд бардоштани эътибори ӯ дар байни интихобкунандагон имкон медиҳад.

Нақши роҳбарони ҳизбро дар раванди дастгирии номзадҳо низ набояд нодида гирифт. С.А. Никоненко – яке аз муҳаққиқоне, ки имиҷи сиёсии роҳбарони ҳизбҳоро таҳқиқ намудааст, иброз медорад, ки «роҳбарони ҳизб донандагони асосии идеологияи ҳизбӣ мебошанд ва аксар вақт ҳамчун пайвандгари байни номзад ва пойгоҳи ҳизбӣ хизмат мекунанд. Иштироки онҳо дар маъракаи пешазинтихоботии номзад метавонад имконияти муваффақияти ӯро ба таври назаррас афзоиш диҳад, хусусан вақте ки сухан дар бораи шахсиятҳои намоён меравад» [134, с.248]. Ҳамоҳангсозии умумии кори дастаҳои номзадҳо аз ҷониби роҳбарони ҳизб ба эҷоди стратегияи ягона, ки захираҳо ва кӯшишҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ самаранок равона мекунад, кӯмак мекунад.

Ҳамин тариқ, дастгирии молиявӣ ва ташкилии номзадҳо як раванди гуногунҷабҳаест, ки аз ҳизбҳо ҳушёрӣ ва равиши стратегиро талаб мекунад.

Тавассути тақсимоти дурусти захираҳо, ташкили дастаҳои муассир ва иштироки роҳбарони ҳизб дар маъракаи интихоботӣ имконияти муваффақияти номзадҳоро дар интихобот ба таври назаррас баланд бардоштан ва мавқеи худи ҳизбро дар арсаи сиёсии кишвар мустаҳкам кардан мумкин аст.

Сафарбаркунии интихобкунандагон ва усулҳои самараноки гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ дар афзоиши муваффақияти ҳизбҳои сиёсӣ нақши назаррас мебозанд. Ба даст овардани интихобкунандагони фаъол гарави пирӯзӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва умумимиллӣ мегардад ва барои ин ҳизбҳо бояд равишҳо ва технологияҳои гуногунро истифода баранд.

Яке аз роҳҳои анъанавӣ, вале ба ҳар ҳол самараноки сафарбар кардани интихобкунандагон ташкили чорабиниҳои оммавӣ мебошад. Чунин чорабиниҳо ба номзадҳои ҳизб имкон медиҳанд, ки мустақиман бо шаҳрвандон муошират кунанд, барномаҳо ва самараи кори худро пешниҳод намоянд. Дар чунин чорабиниҳо фазои ягонагӣ ва иштирок ба вуҷуд меояд ва ба ташаккули имиҷи мусбати ҳизб мусоидат мекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки чунин маҷлисҳо барои номзадҳо имконияти беназире фароҳам меоранд, ки бо интихобкунандагон робитаи шахсӣ барқарор кунанд.

Технологияҳои муосир муносибати ҳизбҳои сиёсиро ба маъракаҳои пешазинтихоботӣ ба таври назаррас тағйир доданд. Истифодаи платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳизбҳо воситаҳои нави муошират бо интихобкунандагонро фароҳам овард. «Ҳизбҳои сиёсии имрӯза аз шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Instagram, Telegram ва дигар фазоҳои маҷозӣ барои паҳн кардани маълумот дар бораи номзадҳо ва барномаи худ, инчунин ташкили вохӯриҳои виртуалӣ бо интихобкунандагон фаъолона истифода мебаранд» [149, с.437]. Масалан, дар ҷараёни пахши онлайнӣ номзадҳо метавонанд ба саволҳои шаҳрвандон ҷавоб диҳанд.

Ташвиқот инчунин ҷузъи муҳимми маъракаҳои интихоботӣ мебошад. Ҳизбҳо на танҳо аз тамосҳои мустақим бо интихобкунандагон истифода мебаранд, балки маводи таблиғотӣ - варақаҳо, плакатҳо, видеоҳоро таҳия мекунанд, ки баъдан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ё тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва

платформаҳои видеоӣ паҳн карда мешаванд. Бо технологияи муосир, эҷод ва паҳн кардани видеоҳо имконпазир аст. Ин гуна имкониятҳо ба номзадҳо имкон медиҳад, ки ба рӯйдодҳои ҷорӣ ва масъалаҳои дар ҷомеа муҳокимашуда фавран вокуниш нишон диҳанд.

Ғайр аз ин, унсури муҳимми сафарбаркунии интихобкунандагон кор бо ихтиёриён ва фаъолоне мебошад, ки бевосита дар бораи номзад маълумот паҳн мекунанд. Гурӯҳҳои самараноки ихтиёриён метавонанд дастрасии интихобкунандагонро ба таври назаррас афзоиш диҳанд, зеро ҳузури онҳо дар ҷомеа ва дар сатҳи маҳаллӣ фазои эътимодро дар атрофи ҳизб ба вуҷуд меорад [126]. Маълумоти мавҷуда ва таҳлили онҳо дар маъракаҳои муосири интихоботӣ нақши бузург доранд. Ҳизбҳо барои муайян кардани аудиторияи мақсаднок, муайян кардани мушкилоти афзалиятноки интихобкунандагон ва арзёбии самаранокии маъракаҳои худ бештар ба таҳқиқоти сотсиологӣ ва маълумоти таҳлилӣ муроҷиат мекунанд. Ин маълумот ба ҳизбҳо кӯмак мекунад, ки стратегияҳои худро танзим кунанд ва захираҳоро самаранoктар истифода баранд. Масъалаи муҳим омода кардани номзадҳо ба форматҳои нави ҳамкорӣ бо интихобкунандагон мебошад. Ин малакаҳои суханронии оммавӣ, қобилияти кор бо камера ва инчунин омодагӣ ба мубоҳисаҳои онлайниро дар бар мегирад. Чунин омодагӣ ба номзадҳо имкон медиҳад, ки дар ҳама гуна шароит эътимод дошта бошанд ва ғояҳои худро самаранок пешниҳод кунанд.

Дар маҷмуъ, сафарбаркунии интихобкунандагон ва усулҳои баргузории маъракаҳои интихоботӣ аз ҳизбҳо муносибати маҷмуиро талаб мекунад. Бо назардошти аҳамияти ҳам усулҳои анъанавии ҳамкорӣ ва ҳам истифодаи технологияҳои муосир, ҳизбҳо бояд омода бошанд, ки бо шароити навин мутобиқ шаванд ва роҳҳои нави ҷалби интихобкунандагонро пайдо кунанд. Маъракаи муассире, ки андеша ва ниёзҳои шаҳрвандонро ба назар мегирад, на танҳо ба афзоиши бомуваффақияти дастгирии номзадҳо, балки ба таҳкими воқеии демократия дар кишвар мусоидат мекунад.

Нақши фаъолону ихтиёриён дар маъракаҳои сиёсӣ дар шароити интихоботи муосир торафт муҳимтар мегардад. Зеро ҳизбҳо бояд бо интихобкунандагон робитаи зич дошта бошанд ва дастгирии номзадҳои худро таъмин намоянд. Фаъолон ва ихтиёриён пайвандгари байни ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Онҳоро дар раванди таблиғоти интихоботӣ ва сафарбаркунии интихобкунандагон хеле муҳим мегардонанд. Ба андешаи П.А. Дементев, «фаъолони ҳизбӣ одатан манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни аҳолиро намояндагӣ мекунанд ва метавонанд дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё иқтисодӣ таҷриба дошта бошанд. Аз ҷониби онҳо дарк гардидани мушкилоте, ки ҷомеаҳои мушаххас дучор меоянд, ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки барномаҳо ва пешниҳодҳои худро самараноктар мутобиқ кунанд» [101, с.136]. Масалан, фаъолоне, ки бо ҷавонон кор мекунанд, метавонанд ба номзад дар таҳияи ташаббусҳое, ки ба ин гурӯҳ мувофиқанд, кӯмак расонанд. Фаҳмидани мушкилоти маҳаллӣ ва ниёзҳои иҷтимоӣ омили муҳим дар таҳияи стратегияи сиёсӣ мегардад.

Ташкили ҳаракатҳои волонтёрӣ инчунин як воситаи муҳим барои тавсеаи нуфузи ҳизбҳо ва номзадҳо мебошад. Волонтёрон метавонанд дар ҷанбаҳои гуногуни маъракаи ҳизбӣ, аз паҳн кардани маводи таблиғотӣ то ташкили вохӯриҳо бо интихобкунандагон иштирок кунанд. Доштани шабакаи фаъоли волонтёрон ба сохторҳои ҳизбӣ имкон медиҳад, ки ба аудиторияи васеътар бирасанд. Вазифаҳои асосии фаъолон ва волонтёрон таъмини иштироки интихобкунандагон ба интихобот ва ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳи ҷамъиятӣ ба ҳаёти сиёсӣ мебошанд. Онҳо аксар вақт тренингҳо ва семинарҳо мегузаронанд ва ба интихобкунандагон аҳамияти ҳар як овоз ва чӣ гуна иштирок дар интихоботро мефаҳмонанд. Ин имкон медиҳад, ки интихобкунандагоне, ки қаблан бепарво буданд ва дар раванди сиёсӣ иштирок намекарданд, ба маъракаҳои сиёсӣ ҷалб карда шаванд.

Ҳамкории байни ҳизбҳо ва волонтёрон инчунин машваратҳои мунтазамро дар бар мегирад, ки дар онҳо чорабиниҳои дарпешистода муҳокима карда мешаванд, вазифаҳо тақсим карда мешаванд ва натиҷаҳои

бадастомада баҳо дода мешаванд. Таъсиси нақшаи ягонаи стратегӣ имкон медиҳад, ки кӯшишҳои ҳамаи иштирокчиён муттаҳид карда шаванд ва аз бархӯрдҳои эҳтимолии манфиатҳо дар дохили даста канорагирӣ карда шавад. Ин ҳамкорӣ инчунин ҳисси иштирок ва ваҳдатро дар байни волонтёрон ташаккул медиҳад ва ҳавасмандии онҳоро барои кӯшишҳои минбаъда ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳаракатҳои волонтёрии худро фаъолона рушд дода, чорабиниҳоеро ташкил мекунанд, ки ба баланд бардоштани обрӯи номзад ва дастгирии ӯ аз ҷониби ҷомеа равона шудаанд. Истифодаи технологияҳои муосир, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, имкон медиҳад, ки маъракаҳои онлайнӣ ташкил карда шаванд ва аудиторияи васеътар дар бораи ҷанбаҳои гуногуни маъракаи таблиғотӣ огоҳ карда шаванд. Бояд қайд кард, ки муваффақияти ҳаракатҳои волонтёрӣ аз ҳавасмандии иштирокчиён вобаста аст. Ҳизбҳо бояд барои волонтёрон шароит фароҳам оранд, то онҳо худро арзишманд ва зарурӣ ҳис кунанд. Ташкили барномаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои омӯзиш ва рушди шахсии волонтёрон метавонад сатҳи иштироки онҳоро баланд бардорад.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки фаъолону волонтёрон дар пешбарӣ ва дастгирии номзадҳо нақши муҳим дошта, ба барқарор намудани робитаи мустаҳкам байни ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобкунандагон мусоидат менамоянд. Кори онҳо на танҳо ба баргузории бомуваффақияти интихобот мусоидат мекунад, балки ба таҳкими асосҳои демократии ҷомеа мусоидат намуда, иштироки фаъоли шаҳрвандӣ ва дарки аҳамияти овоздиҳиро тақвият медиҳад.

Дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ ва интернет дар ҳаёти ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд ва аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои муосир барои ташаккули имиҷи ҳизб ва номзадҳои он махсусан муҳим мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аҳамияти бештар пайдо мекунад, зеро интихобкунандагон барои гирифтани маълумот дар бораи рӯйдодҳои сиёсӣ ва

номзадҳои ҳизбӣ дар интихобот бештар ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ муроҷиат мекунанд.

Дар робита бо ин масъала гуфтан мумкин аст, ки маркетинги иттилоотии фазои маҷозии интернет воситаи муҳимми ҷалби шунавандагон тавассути таблиғи ғояҳо, барномаҳо ва номзадҳои ҳизбӣ мебошад. Ба андешаи мутахассисони соҳаи рекламаи сиёсӣ, «ҳизбҳо ва номзадҳои онҳо платформаҳои гуногуни рақамӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, Telegram), вебсайтҳо ва блогҳоро истифода мебаранд, то ин ки барномаи худро дар дар шакли беҳтар пешниҳод намоянд. Тавассути маъракаҳои таблиғотии мақсаднок, онҳо метавонанд дар асоси манфиатҳо ва афзалиятҳои худ ба гурӯҳҳои мушаххаси интихобкунандагон муроҷиат кунанд» [162, с.36]. Рекламаи сиёсӣ дар интернет инчунин истифодаи маркетинги такрорӣ ва системаҳои ҷустуҷӯиро дар бар мегирад. Чунин технология ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки ба корбароне, ки аллакай ба фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, дубора муроҷиат кунанд. Ҳадафи дар система ворид намудани калидвожаҳо ва ба таври самаранок ба кор андохтани системаи ҷустуҷӯӣ дар самти баланд бардоштани дастрасии маводи ҳизбӣ дар интернет нақши муҳим мебозад.

М.А. Крилова қайд менамояд, ки «технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки мундариҷаи видеоӣ барои беҳтар кардани дарки ғояҳо ва номзадҳои ҳизбӣ истифода бурда шаванд. Видеоҳо як воситаи муҳим барои интиқоли эҳсосот ва нақл кардани ҳикояҳои ҷолибе мешаванд, ки метавонанд таваҷҷуҳи интихобкунандагонро ба вуҷуд оранд ва муносибати мусбатро нисбат ба номзад ташаккул диҳанд» [112, с.68]. Дар шароити муосир ҳизбҳои сиёсӣ ба истифодаи видео дар платформаҳои рақамӣ шуруъ мекунанд. Пахши зинда, ки дар он номзадҳо бо интихобкунандагон дар формати саволу ҷавоб ҳамкорӣ мекунанд, эҳсоси наздикӣ ва дастрасиро ба вуҷуд меорад ва дар навбати худ ба ташаккули имиҷи мусбати ҳизб мусоидат мекунад. Олимони рус иброз медоранд, ки «Стратегияҳои робита бо ҷомеа (PR), ки ба технологияҳои муосир асос ёфтаанд, инчунин дар ташаккули симои мусбати

ҳизбҳо ва номзадҳои ҳизбӣ нақши муҳим доранд. Маъракаи самараноки робита бо ҷомеа (PR) метавонад навиштани мақолаҳо дар ВАО, ташкили чорабиниҳои оммавӣ, нишастҳои матбуотӣ ва дигар форматҳои ҳамкорӣ бо муҳити ҳизбиро дар бар гирад» [171, с.218]. Ҳизбҳои сиёсӣ торафт бештар бо шуъбаҳои робита бо ҷомеа ҳамкорӣ мекунанд, то стратегияҳоеро таҳия кунанд, ки ба беҳтар кардани дарки ҷамъиятии номзадҳо ва брендҳои ҳизбҳо равона карда шудаанд.

Таҷрибаи нисбатан нав дар шароити Тоҷикистон истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои пешбурди мубоҳисаҳо ва эълони чорабиниҳои ҳизбӣ мебошад. Ҳизбҳо метавонанд пурсишҳо ва викторинаҳои онлайниро ташкил кунанд. Чунин иқдом на танҳо ҷалби шунавандагонро таъмин мекунанд, балки дар ҷамъоварии маълумот дар бораи афзалиятҳои интихобкунандагон кӯмак мерасонанд. Ин имкон медиҳад, ки барномаҳо ва усулҳои муошироти худро бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ зудтар бо афкори ҷамъиятӣ мутобиқ созем. Ҳамин тариқ, муносибати нав ба ташаккули симои ҳизбу номзадҳо дар Тоҷикистон истифодаи фаъолонаи технологияҳои муосир ва усулҳои инноватсионии муоширатро талаб мекунад. Маркетинги муассири интернетӣ, таблиғоти сиёсӣ ва стратегияҳои робита бо ҷомеа (PR) метавонанд имконияти муваффақияти ҳизбҳоро тавассути мусоидат ба эътирофи ҷамъиятӣ ва эътимод ба номзадҳо ба таври назаррас афзоиш диҳанд. Мутобиқсозии фаъолияти сиёсӣ ба мушкилот ва технологияҳои нав шарти муҳим барои муваффақияти ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити ҷомеаи муосир мегардад.

Ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ унсури муҳимтарини пешбарӣ ва дастгирии бомуваффақияти номзадҳо дар интихобот мебошад. Ба андешаи А.М. Самирханов, «ҳизбҳо бояд манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоиро ба назар гиранд ва бо гурӯҳҳое, ба монанди иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамкорӣ кунанд, то барои ҳамкории мутақобилан судманд замина фароҳам оранд» [144, с.16]. Масалан, иттифоқҳои касаба дар муаррифии манфиатҳои кормандон ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо нақши муҳим доранд. Ҳизбҳои сиёсие, ки ба дастгирии синфи

коргар манфиатдоранд, бояд бо иттифоқҳои касаба фаъолона ҳамкорӣ кунанд, ташаббусҳои онҳоро дастгирӣ намоянд ва барномаҳоеро пешниҳод кунанд, ки масъалаҳои мубрами коргаронро ҳал кунанд, ба монанди баланд бардоштани музди меҳнат, беҳтар кардани шароити кор ва таъмини амнияти иҷтимоӣ ва ғ. Ҳамкорӣ бо иттифоқҳои касаба на танҳо ба ташаккули симои мусбати ҳизб дар байни коргарон мусоидат мекунад, балки дастрасӣ ба маълумоти муҳимро дар бораи ниёзҳо ва интизориҳои ин гурӯҳи иҷтимоӣ фароҳам меорад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ одатан манфиатҳои як гурӯҳи муайяни шаҳрвандонро, ба монанди занон, ҷавонон ё маъюбонро намояндагӣ мекунанд. Ҳизбҳо бояд бо чунин ташкилотҳо фаъолона ҳамкорӣ кунанд, то ин ки мушкилоти онҳоро ба назар гиранд ва дар барномаҳои фарогири худ шомил созанд. Ба андешаи олимони соҳа, «номзадҳои эҳтимолие, ки бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамкорӣ мекунанд, метавонанд аз намояндагони худ дастгирӣ ва роҳнамоӣ гиранд» [166]. Чунин имконият муваффақияти онҳоро дар интихобот зиёдтар мекунад. Илова бар ин, чунин таҷрибаҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ имкон медиҳанд, ки ниёзҳо ва интизориҳои ин гурӯҳҳои аҳолиро беҳтар дарк кунанд ва барномаҳои интихоботии худро бо назардошти онҳо таҳия созанд.

Барои анҷом додани ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳизбҳо бояд аз ӯҳдаи гузаронидани муколама бароянд. Дар чунин шароит раванди муошират метавонад ташкили вохӯриҳои ҷамъиятӣ, мизҳои мудаввар, пурсишҳо ва мусоҳибаҳои гурӯҳиро дар бар гирад. Чунин шакли муколама барои мубодилаи мустақим ва арзёбии созанда имконият фароҳам меорад. Муҳим аст, ки ҳизбҳо ба андешаҳои шарикони худ гӯш диҳанд ва барномаҳои худро бо назардошти пешниҳоди онҳо таҳия кунанд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории фаъол бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ самти муҳимми стратегияи рушди ҳизбҳои сиёсӣ мегардад. Ҳизбҳое, ки чунин робитаҳоро дуруст ба роҳ монда метавонанд, имконият пайдо мекунанд, ки мавқеи худро мустаҳкам кунанд ва дар маъракаи интихоботӣ пойгоҳи устувори дастгирӣ таъсис диҳанд. Ин ҳамкорӣ на танҳо барномаҳои

ҳизбиро ғанӣ мегардонад, балки ба таҳкими адолати иҷтимоӣ ва эътимод ба ниҳодҳои сиёсӣ мусоидат мекунад.

Тӯли солҳои охир амалу рафтори ҳизбҳои ифротгаро ва радикалӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди ҷиддӣ доранд ва метавонанд ба равандҳои интихобот таъсири манфӣ расонанд. Ба андешаи олимон, «ин гурӯҳҳо, аксар вақт дар асоси ғояҳо ва равишҳои радикалӣ, кӯшиш мекунанд, ки вазъро ноором созанд ва муноқишаву нооромиҳои иҷтимоиро ба вуҷуд оранд. Таъсири чунин ҳизбҳо ба раванди сиёсии кишвар таҳлили амиқи онҳоро талаб мекунад, то ин ки вокуниши зарурии мақомот ва сохторҳои сиёсиро таъмин кунад. Ташкилотҳои экстремистӣ ва радикалӣ одатан норозигии аҳолиро барои ҷалби ҷонибдорон истифода мебаранд. Онҳо метавонанд эҳсосоти одамонро идора кунанд, ҳалли аз ҳад соддакардашудаи масъалаҳои мураккабро пешниҳод кунанд ва ба усулҳои зӯроварии мубориза бо рақибон муроҷиат намоянд» [138, с.205]. Мутаассифона, чунин равандҳо метавонанд ба радикализатсияи ҷавонон ва афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа оварда расонанд. Дахолати чунин ташкилотҳо ба раванди интихобот таҳдиду хатари ҷиддӣ ба вуҷуд меорад. Ба андешаи олимон, «гурӯҳҳои радикалӣ метавонанд кӯшиш кунанд, ки ба афкори ҷамъиятӣ тавассути паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, тарсонидани интихобкунандагон ё дахолати мустақим ба раванди овоздиҳӣ таъсир расонанд» [91, с.12]. Ин на танҳо эътимодро ба ниҳодҳои қудратӣ коҳиш медиҳад, балки барои бесарусомонӣ шароит фароҳам меорад ва асосҳои демократии кишварро зери хатар мегузорад.

Барои муқовимат ба ин гуна таҳдидҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳизбҳои сиёсии кишвар бояд як қатор тадбирҳоро ҷиҳати таҳкими субот ва ҳифзи равандҳои демократӣ андешида, амалӣ намоянд. Аввалан, пешгирии саривақтии фаъолияти гурӯҳҳои радикалӣ вазифаи хеле муҳим аст. Инро тавассути мониторинги афкори ҷамъиятӣ, муайян кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ ва таҳияи стратегияҳои вокунишӣ ба даст овардан мумкин аст. Хадамоти махсус бояд амалҳои ҳизбҳои ифротгароиро тафтиш кунанд, то

кӯшишҳои онҳоро барои ноором кардани вазъ дар марҳилаҳои аввал ошкор созанд.

Дуюм, тақвияти ниҳодҳои маориф ва пешбурди корҳои маърифатӣ дар байни аҳолӣ зарур аст. Барномаҳои ҳамаҷонибае, ки ба баланд бардоштани саводнокии сиёсии шаҳрвандон ва дарки равандҳои демократӣ нигаронида шудаанд, метавонанд ба пешгирии таъсиррасонии гурӯҳҳои радикалӣ мусоидат кунанд. Соҳаҳои маориф ва фарҳанг бояд мавзуъҳои таҳаммулпазирӣ, муколамаи фарҳангӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро ҳамаҷониба ташаккул диҳанд.

Ғайр аз ин, мақомоти дахлдори соҳа бояд чораҳои амниятиро дар давраи маъракаҳои интихоботӣ тақвият диҳанд. Бо боварӣ ҳосил кардан, ки шаҳрвандон метавонанд бидуни тарси зӯроварӣ дар интихобот бемамониат иштирок кунанд, мақомот метавонанд эътимодро ба интихобот барқарор кунанд. Ин ҳифзи участкаҳои интихоботӣ ва таъмини баргузории осоиштаи чорабиниҳои таблиғотиро дар бар мегирад. Ҳамчунин ҳамкории байни сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барои муттаҳид кардани талошҳо дар мубориза бо экстремизм зарур аст. Ин метавонад фаъолиятҳои муштарак барои муқовимат ба радикализатсия, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва эҷоди платформаҳои бехатар барои муҳокимаи масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро дар бар гирад.

Ҳамин тариқ, ҳизбу ҳаракатҳои ифротию радикалӣ дар раванди интихобот таҳдиду хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд. Тадбирҳои муассири муқовимат, ки ба мониторинг, маориф ва ҳамкорӣ нигаронида шудаанд, барои таъмини суботи системаи сиёсӣ ва ҳифзи арзишҳои демократӣ дар кишвар муҳим мебошанд. Аз ин рӯ, таъмини суботи сиёсӣ талошҳои муштараки давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва дар маҷмуъ ҷомеаро талаб мекунад.

Таъмини суботу амнияти сиёсӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳим дар шароити вазъияти мураккаби сиёсии хориҷӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд нақши муҳим доранд. Онҳо на танҳо ҳамчун воситаи намояндагии

манфиатҳои шаҳрвандон, балки ҳамчун иштирокчиёни фаъол дар таҳияи механизмҳое, ки ба суботи давлат мусоидат мекунанд, баромад менамоянд.

Пеш аз ҳама, ҳизбҳо метавонанд тавассути иштироки фаъолона дар муколамаи созанда бо гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоӣ ба ҳифзи суботи сиёсӣ мусоидат кунанд. «Таъсиси муошироти созанда бо гурӯҳҳои манфиатдори иҷтимоӣ, ба монанди иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ҷавонон имкон медиҳад, ки фазоҳои мусоид барои муҳокимаи мушкилоти мубрам ва ҷустуҷӯи ҳалли муштараки онҳо таъсис дода шаванд» [99]. Ин равиш на танҳо эътимоди ҷомеаро ба ниҳодҳои сиёсӣ тақвият медиҳад, балки инчунин аз муноқишаҳои эҳтимолӣ ва рӯҳияи эътирозӣ пешгирӣ мекунад.

Гузаронидани вохӯриҳо ва муҳокимаҳои мунтазам бо интихобкунандагон инчунин ба ҳизбҳо кӯмак мекунад, ки аз дархостҳои мубрами ҷомеа огоҳ бошанд. «Неруҳои сиёсие, ки ба андешаҳои шаҳрвандон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, метавонанд ба мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ба миёномада дастурҳои муносиб пешниҳод кунанд» [178]. Ҳамин тариқ, ҳизбҳо метавонанд шиддати ҷомеаро коҳиш диҳанд ва онро устувор нигоҳ доранд. Ғайр аз ин, ҳизбҳо бояд дар раванди таҳияи ташаббусҳои қонунгузорӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон равона шудаанд, фаъолона иштирок кунанд. Иштирок дар фаъолияти парлумонӣ ба намояндагони ҳизб имкон медиҳад қарорҳое пешниҳод кунанд, ки оромии иҷтимоиро тақвият диҳанд ва амниятро таъмин кунанд. Масалан, таҳияи қонунҳое, ки ба мубориза бо камбизоатӣ, беҳтар кардани шароити кор, дастрасии таҳсилот ва тандурустӣ нигаронида шудаанд, метавонанд сатҳи эътимодро ба системаи сиёсӣ ба таври назаррас афзоиш диҳанд.

Дар шароити зуҳури таҳдиду хатарҳои терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳизбҳо барои пешгирии радикализатсияи ҷомеа низ хеле муҳим аст. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд масъулияти худро барои муқовимат ба ғояҳои экстремистӣ дарк кунанд ва барои ҷавонон алтернативаҳои созанда пешниҳод намоянд. Барномаҳои таълимие, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва

саводнокии сиёсӣ нигаронида шудаанд, метавонанд ҳамчун воситаи муассир барои коҳиш додани таъсири ғояҳои радикалӣ хизмат кунанд. Ғайр аз ин, таҳкими системаи амният низ бояд вазифаи ҳизбҳои сиёсӣ бошад. Тавассути ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа, ҳизбҳо метавонанд ба равандҳои ташаккул ва татбиқи амнияти давлатӣ таъсир расонанд. Пешниҳодҳои созанда барои беҳтар кардани фаъолияти сохторҳои қудратӣ метавонанд эътимоди ҷамъиятиро ба институтҳои давлатӣ ба таври назаррас афзоиш диҳанд.

Ҳамин тариқ, ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ нақши муҳим доранд. Тавассути иштироки фаъолона дар муколама бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, фаъолияти қонунгузорӣ ва дастгирии ташаббусҳои байнифарҳангӣ, ҳизбҳо метавонанд ба таҳкими асосҳои устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат кунанд. Чунин фаъолнокии ҳизбҳо дар навбати худ ба ташкили системаи сиёсии устувор оварда мерасонад.

Мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун падидаи беназир дар заминаи сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккул ва таҳкими сохтмони ҳизбӣ дар кишвар нақши муҳим бозид. Ин мактаб дар марҳилаи ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1992 ба вуҷуд омада, ба омодасозии кадрҳои ҳизбӣ ва рушди сохтори сиёсии дохилӣ таъсир ҷиддӣ расонид. «Таърихи ташаккули ин мактаби сиёсӣ бо шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба ҳайси Президенти кишвар ва Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон як қатор принсипҳои марбут ба идоракунӣ ва бунёди низоми давлатиро пешбарӣ кардааст, зич алоқаманд аст» [106]. Яке аз вазифаҳои калидии дар назди мактаби сиёсӣ гузошташуда ташкили дастгоҳи устувори ҳизбӣ буд, ки қодир бошад дар шароити ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ самаранок фаъолият кунад.

Илова бар ин, мактаби сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути эҷоди робитаҳо байни ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва сохторҳои давлатӣ нақши муҳим

дорад. Барномаи ҳизбии ин мактаби сиёсӣ механизмҳои ҳамкорӣ ва муттаҳидсозиеро дар бар мегирад, ки ба ташкили робитаҳои зарурӣ байни роҳбарони ҷавони ҳизбӣ ва сиёсатмадорони ботаҷриба мусоидат мекунад. Ин равиши кор имкон медиҳад, ки дар фаъолияти сиёсӣ муттасилӣ эҷод гардад ва дар раванди қабули қарорҳо самаранокии онҳо таъмин карда шаванд.

Масъалаи муҳим он аст, ки мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин ба ташаккули арзишҳои ватандӯстона дар байни донишҷӯён равона шудааст. Ҷавонони фаъол на танҳо ҷанбаҳои амалии идоракунӣ, балки асосҳои идеологияи давлатиро, ки аҳамияти ягонагӣ ва тамомияти ҳувияти миллиро таъкид мекунанд, меомӯзанд. Ҳамин тариқ, мактаби сиёсии ташаккулдодаи Сарвари давлат муҳити зарурии ташаккули самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва нигоҳ доштани суботи сиёсӣ мегардад.

Аҳамияти мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд эътироф кард. Он механизми муҳимме гардид, ки ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат имкон медиҳад. Ҳамин тариқ, мактаби сиёсии Сарвари давлат на танҳо элитаи сиёсии кишварро ташаккул медиҳад, балки ба таъмини суботи сиёсӣ ва рушди системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар рафти таҳқиқот ба нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар равандҳои интихоботии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Мушкилоти сохтмони ҳизбӣ ва системаи интихоботӣ барои фаҳму дарки тағйирпазирии ҳаёти сиёсии кишвар хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон дар раванди таҳқиқот аҳамияти ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ бо гурӯҳҳо ва созмонҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тасдиқ гардид. Ин ҳамкорӣ метавонад хусусиятҳои сифатии системаи ҳизбиро ба таври назаррас беҳтар созад ва барои таъмини суботи сиёсӣ дар кишвар заминаи устувор фароҳам орад. Ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ на танҳо ба афзоиши имиҷи ҳизбҳо мусоидат мекунад, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки ниёзҳо ва интизориҳои воқеии аҳолиро беҳтар дарк кунанд. Дар

ин замина бояд таъкид кард, ки мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон механизми муҳимми сохтмони ҳизбӣ буда, муттасилӣ ва тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисосро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти анҷомёфта нишон медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи сиёсӣ нақши назаррас доранд.

Бояд гуфт, ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва муайян кардани рӯзномаи сиёсӣ нақши муҳим доранд. Онҳо ҳамчун пайвандгари байни институтҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат мекунанд ва барои муаррифии манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ фазои мусоид фароҳам меоранд. Истифодаи технологияҳо ва усулҳои муосири муошират ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки бо интихобкунандагон самараноктар ҳамкорӣ кунанд. Маркетинги сиёсии онлайнӣ, истифодаи фаъолонаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва стратегияҳои робита бо ҷомеа (PR) қисми ҷудонашавандаи маъракаҳои интихоботӣ ба шумор рафта, барои афзоиши ҷалби интихобкунандагон имкониятҳои нав фароҳам меоранд. Аммо, чунин шароит инчунин аз ҳизбҳо талаб мекунад, ки кадрҳои баландихтисос дошта бошанд ва қобилияти истифодаи моҳиронаи ин гуна василаҳои иттилоотиро дар худ ташаккул диҳанд.

Ҳамин тариқ, нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаи интихоботӣ бо таъсири мутақобилаи дуҷониба муайян карда мешавад. Аз як тараф, ҳизбҳо ҳамчун субъектҳои раванди сиёсӣ иштироккунандагони асосии маъракаҳои интихоботӣ мебошанд. Тавассути манфиатҳои прагматикӣ (ба ҳадди аксар расонидани намояндагӣ ва нигоҳ доштани қудрат) онҳо ба тарҳрезии институтсионалӣ таъсири мустақим мерасонанд ва қоидаҳоеро таблиғ мекунанд, ки дар шароити таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ манфиатҳои бештарро дар бар мегирифтанд.

Аз тарафи дигар, худи системаи интихоботӣ ҳамчун омили пуриқтидори сохторӣ амал мекунад ва сарнавишти ояндаи системаи ҳизбиро муайян мекунад. Он на танҳо тавозуни қудратро муқаррар мекунад, балки онро фаъолона шакл медиҳад ва ангезаҳои рафтори стратегии субъектҳои сиёсиро

эҷод мекунад. Системаҳои интихоботии мажоритарӣ одатан ба дуҳизбӣ ва рақобати марказгароӣ оварда мерасонанд, дар ҳоле ки намояндагии мутаносиб барои плюрализми идеологӣ ва системаҳои бисёрҳизбӣ имкон медиҳад.

Аз ин рӯ, хулосаи ниҳоии ин зербоб чунин аст: ташаккули системаи интихоботӣ раванди техникӣ нест, балки раванди сирф сиёсӣ мебошад, ки дар он ҳизбҳо ҳамчун меъморони асосӣ амал мекунанд ва бо меъёрҳои стратегӣ роҳнамоӣ мешаванд. Ҳамин тариқ, муносибати байни ҳизбҳо ва системаи интихоботӣ омили муайянкунанда буда, механизми асосии рушди институтсионалии системаи сиёсиро ташкил медиҳад. Танзими доимии ин раванд тавозуни таҳаввулёбандаи қудрат ва тасаввуроти тағйирёбандаи элитаҳои сиёсиро дар бораи самаранокии демократияи намояндагӣ инъикос мекунад.

## 2.2. Хусусиятҳои ташаккулёбии системаи ҳизбӣ дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ

Ташаккули системаи ҳизбӣ унсури муҳимтарини ҳаёти сиёсии ҳар як кишвар мебошад ва дар навбати худ ба равандҳои демократӣ таъсири назаррас мерасонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дорои тағйирпазирии назарраси рушди сиёсӣ буда, омӯзиши хусусиятҳои системаи ҳизбии онро саривақтӣ мегардонад. Раванди ташаккули системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон натиҷаи дигаргуниҳои тӯлонии таърихӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз замони шуравӣ оғоз ёфта, то солҳои соҳибистиқлолӣ идома меёбад. Дар шароити ноустувории сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандии минбаъда фарҳанги хоси ҳизбӣ ташаккул ёфт, ки таҳлил ва системасозии амиқро талаб мекунад.

Дар солҳои 1980-ум зери таъсири сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон тағйироти куллии сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба амал омада, барои оғози ташаккули системаи ҳизбӣ заминаҳои идеологию сиёсӣ фароҳам меоянд. Давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки бо бӯҳронҳои сиёсӣ, мушкилоти назарраси

иқтисодӣ ва афзоиши ҳаракатҳои миллӣ ҳамроҳ буд, барои пайдоиши ҳизбҳо ва сиёсати гуногунҳизбӣ шароити сиёсӣ фароҳам овард. Маҳз дар ҳамин вақт хоҳишҳо ва ниёзҳои аҳолӣ ба намояндагии сиёсӣ зоҳир шуданд. Зеро дар замони шуравӣ чунин талаботи сиёсӣ аз ҷониби системаи сиёсии тоталитарӣ саркӯб карда шуда буданд.

Аҳамияти омӯзиши ин давра ба он вобаста аст, ки раванди ташаккули системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон на танҳо бо пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, балки бо равандҳои демократикунонӣ, ки тамоми Иттиҳоди Шуравии собиқро фаро гирифта буд, алоқаманд аст. Дар охири солҳои 1980-ум, таҳти таъсири ислоҳоти Михаил Горбачев дар доираи сиёсати бозсозӣ фаъолони сиёсӣ ташаббуси таъсиси ҳизбҳои нави сиёсиро оғоз карданд. Ин ислоҳот барои фаъолияти сиёсӣ уфуқҳо ва имкониятҳои нав фароҳам овард, ба ташаккули фазои сиёсии бисёрҳизбӣ мусоидат кард ва дар он идеологияҳо ва ақидаҳои гуногун фаъолона зоҳир шуданд.

Бисёре аз зиёиён ва фаъолони ҷомеаи тоҷик ба таври ошкоро ақидаҳо ва ниёзҳои сиёсии худро изҳор мекарданд. Чунин ҳолат аз афзоиши таваҷҷуҳ ба ғояи худидоракунӣ ва озодии сиёсӣ шаҳодат медод. Дар ин вақт низ таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ афзоиш ёфт. Зеро дигаргуниҳои сиёсии кишвар ба таъсиси ҳизбҳое, ки гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва иҷтимоии аҳолиро намояндагӣ мекарданд, такони ҷиддӣ дод. Аммо, дар баробари раванди ташаккули ҳизбҳо, шиддати иҷтимоӣ низ ба назар мерасиданд. Пошхӯрии ҳокимияти мутамаркази шуравӣ ба тақвияти зиддиятҳои этникӣ оварда расонид, ки он минбаъд сабаби пурқувват гардидани низоъҳо гардид. Вазъият бо бӯҳрони иқтисодие, ки аз солҳои охири замони шуравӣ оғоз шуда буд, бадтар шуд. Шаҳрвандон бо норасоии ғизо, афзоиши бекорӣ ва паст шудани сатҳи зиндагӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки чунин ҳолат дар навбати худ барои сиёсишавии ҷомеа ва амиқ гардидани таҷрибаҳои фаълияти ҳизбӣ сабаб гардид.

Дар шароити афзоиши фаъолияти сиёсӣ ва шиддат гирифтани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо ҳизбҳои сиёсӣ, балки ҳаракатҳо ва эътилофҳои гуногун низ ба вуҷуд омаданд. Ин гуногунии қувваҳои сиёсӣ

боиси ташаккули равияҳои гуногуни идеологӣ гардид, ки баъдан барои муборизаи сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол пайдо гардиданд. Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи сиёсӣ дар охири солҳои 1980-ум нишон медиҳад, ки чӣ гуна раванди таназзули низоми шуравӣ, хоҳиши мардум барои ба даст овардани озодии сиёсӣ ва ташкили системаи намояндагӣ ба воқеиятҳои нави сиёсӣ оғоз бахшид ва баъдан омили муайянкунандаи раванди ташаккули системаи ҳизбии Тоҷикистон гардиданд.

Дар давраи аз соли 1989 то 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули аввалин ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ оғоз ёфт. Ба андешаи олимони пасошуравӣ, «пайдоиши ин ҳизбҳо бо хоҳиши аҳолӣ барои гирифтани имконияти намояндагӣ дар ҳаёти сиёсӣ, мубориза барои истиқлолият ва ифодаи мавқеъҳои гуногуни идеологӣ вобаста буд. Дар ин давра, аввалин ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ бо мақсадҳои гуногун таъсис ёфтанд» [155, с.29]. Ҳизби демократии Тоҷикистон, ки соли 1990 таъсис ёфтааст, яке аз аввалинҳо буд ва ҳадафи он демократикунонии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон буд. Ҳамзамон, Ҳизби наҳзати исломӣ (айни замон ТЭТ ҲНИ) низ арзи вуҷуд кард, ки он ҷонибдори арзишҳои исломӣ ва бештар кардани таъсири ин арзишҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ буд.

Инчунин, дар ин давра созмонҳои миллӣ, аз қабили Растохез, ки ҳадафи он эҳёи фарҳанг ва забони тоҷикӣ буд, фаъолона ба кор шуруъ карданд. Ин ҳаракатҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ нақши муҳим бозиданд. Онҳо тавонистанд, ки таваҷҷуҳи ҷомеаро ба масъалаҳои муҳими миллӣ ҷалб кунанд ва дар раванди сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Ташаккули ин ҳизбҳо ва ҳаракатҳо дар заминаи тағйиротҳои куллие, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ба амал меомаданд, сурат гирифт. Сиёсати бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ имкониятҳои навро барои ифодаи андешаҳо ва таъсиси созмонҳои мустақил фароҳам овард. Ин вазъият ба аҳолии Тоҷикистон имкон дод, ки дар муайян кардани самти ояндаи кишвар фаъолона иштирок кунанд.

Бо вуҷуди ин, пайдоиши ҳизбҳо ва ҳаракатҳои гуногун ба муқовимати сиёсӣ ва идеологӣ оварда расонид. «Дар ҷомеа ихтилофҳо оид ба роҳҳои рушди минбаъдаи кишвар, нақши дин ва миллат дар ҳаёти ҷамъиятӣ шиддат гирифтанд» [131, с.239]. Ин мухолифатҳо дар ниҳоят ба мунокишаҳои шадид ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 оварда расониданд, ки ба Тоҷикистон зарари ҷиддӣ расонид. Яке аз муҳимтарин ташкилотҳои ҳизбӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буд, ки соли 1994 таъсис ёфтааст. «ҲХДТ сиёсати навсозӣ ва пешрафти иҷтимоиро ҷонибдорӣ мекард, фаъолияти он ба принсипҳои демократӣ ва барқарорсозии ҳуқуқи инсон нигаронида шуда буд. Раҳбари ҳизб Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуд, ки баъдтар дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон ва ҳалли мунокишаҳои сиёсӣ нақши калидӣ бозид» [113, с.36]. ҲХДТ ҳизби намояндаи манфиатҳои мардум гардид, зеро фаъолияти худро ба мушкилоти миллӣ ва иҷтимоии ҷомеа равона кард. Чунин мавқеъгирии ҳизб ба он имкон дод, ки ҳам дар байни зиёиён ва ҳам дар байни оммаи васеи аҳолӣ дастгирӣ васеъ пайдо кунад.

Ғайр аз ҲХДТ, ҲДТ ва ҳизбу ҳаракатҳои дигар як қатор ташкилотҳои сиесӣ низ вуҷуд доштанд. Масалан, «Ҳизби ҷумҳуриявии меҳнат ва адолат, ки фаъолияти он ба таҳкими идеалҳои сотсиалистӣ ва адолати иҷтимоӣ равона шуда буд ва Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки сарфи назар аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ кӯшиш мекард, ки мавқеи худро бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои анъанавӣ ва робитаи таърихӣ бо гузаштаи шуравӣ нигоҳ дорад» [174, с.43]. Ҳар яке аз ин ҳизбҳо ба бахшҳои муайяни ҷомеа нигаронида шуда, ҳалли худро барои мушкилоти асосии замон пешниҳод мекарданд.

Роҳбарони ин ҳизбҳо на танҳо самти идеологиро муайян мекарданд, балки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва васеъ кардани дастгирии худ нақши калидӣ доштанд. Суханрониҳои оммавии онҳо, таблиғи ғояҳо ва иштирок дар чорабиниҳои сиёсӣ эътимодро дар байни аҳолӣ ба вуҷуд оварданд, ки дар шароити тағйироти сиёсӣ хеле муҳим буд. Роҳбарон инчунин амалҳои навсозӣ пешниҳод ва ташкил карда, ислоҳоти демократӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоиро

талаб мекарданд, ки ба бедории сиёсӣ ва фаъолшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекарданд.

Ҳамин тариқ, ташкилотҳои асосии ҳизбие, ки дар Тоҷикистон дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои истиқлолият ташаккул ёфта буданд, дар раванди сиёсӣ нақши муҳим доштанд. Ба андешаи З.А. Дадабаева: «Асосҳо ва фаъолиятҳои идеологии онҳо на танҳо бо заминаи таърихӣ, балки бо воқеиятҳои рӯзмарра алоқаманд буданд, ки барои ҳаёти сиёсии кишвар уфуқҳои нав кушоданд ва ба зарурати ташкили системаи бисёрҳизбӣ дар шароити истиқлолият оварда расониданд» [100, с.419]. Олимони дигар низ ба он ақидаанд, ки: «Ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули системаи намояндагии манфиатҳо шуруъ карда, қисми ҷудонашавандаи раванди демократикунонӣ ва худмуайянкунии сиёсии мардуми тоҷик дар шароити фазои пасошуравӣ буд» [130, с.85]. Раванди ташаккули системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 1980-ум ва солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла равандҳои сиёсӣ, таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вобаста буд. Ин омилҳо бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, барои пайдоиши ҳизбҳо ва ҳаракатҳои нави сиёсӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Аввалин омили таъсиррасон тағйирот дар системаи сиёсии ИҶШС буд, ки аз парокандагии блоки муҳоҷирон ва қадамҳои аввалини демократикунонии Михаил Горбачев ба вуҷуд омадааст. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, «сиёсати ошкорбаёнӣ ва бозсозӣ, заиф гардидани идоракунии мутамарказ ва иҷозати ташкили бисёрҳизбӣ барои пайдоиши ҳизбҳои нав заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Ошкорбаёнӣ ва имконияти иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ барои ташаккули сохторҳои гуногуни сиёсӣ, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ақаллиятҳои қавмиро инъикос мекарданд, сабаби ба амал омадани дигаргуниҳои сиёсӣ гардид» [71, с.115]. Ин тағйирот на танҳо заминаи таъсиси ҳизбҳоро фароҳам овард, балки ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва хоҳиши мардум барои иштирок дар раванди сиёсӣ мусоидат кард.

Омили дигар зиёдшавии мушкилоти иҷтимоӣ буд, ки ҳангоми гузариш аз сохтори нақшавӣ ба сохтори иқтисодии бозорӣ шиддат гирифт. Як гурӯҳ олимон иброз намудаанд, ки: «Сатҳи баланди бекорӣ, норасоии маҳсулоти ниёзи аввал, болоравии шадиди нархҳо ва паст шудани сифати зиндагии аҳолӣ дар байни шаҳрвандон норозигӣ ва хоҳиши гузаронидани ислоҳоти иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Ин норозигӣ одамонро водор сохт, ки дар атрофи ҳизбҳое, ки шароити зиндагии беҳтар ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони оддиро ваъда медоданд, муттаҳид шаванд» [7, с.112]. Заминаҳои таърихии марбут ба ҳувияти фарҳангии халқи тоҷик низ дар ин раванд нақши назаррас доштанд. Давраи тобеияти Тоҷикистон ба режими шуравӣ дар шуури ҷомеа изи амиқ гузошт, аммо дар баробари ин, дар ҷомеа анъанаҳо ва арзишҳое боқӣ монданд, ки асоси худшиносии миллӣ гардиданд. Дар шароити ҷустуҷуи ҳувияти нав, ҳизбҳои гуногун идеяи эҳёи миллиро барои ҷалби ҷонибдорон истифода бурданд. Ин гуна фаъолият ба ташаккули сохторҳои ҳизбие, ки ба манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ асос ёфтаанд, мусоидат карданд. Ба андешаи М.А. Абдуллаев, «ба омилҳои иҷтимоию иқтисодие, ки ба пайдоиши ҳизбҳо мусоидат карданд, инчунин тағйироти демографӣ, ба монанди афзоиши шумораи ҷавононе, ки модернизатсияи системаи мавҷудаи сиёсиро талаб мекарданд, дохил кардан мумкин аст. Ҷавононе, ки ба роҳи мавқеи фаъоли сиёсӣ қадам гузоштанд, барои ҳизбҳои нав манбаи муҳим гардиданд» [4, с.48]. Дар маҷмуъ, омилҳои номбаргардида ба ташаккули сохторҳои ҳизбӣ дар Тоҷикистон таъсири амиқ расониданд. Пайдоиши ҳаракатҳои нави сиёсӣ, гуногунрангии идеологии онҳо ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ заминаи асосии раванди ташаккули системаи ҳизбӣ гардид. Чунин тамоюлот дар солҳои баъдӣ, бахусус баъди анҷомёбии ҷанги шаҳрвандӣ ба бунёди ҷомеаи демократӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол оварда расонид.

Чи гунае, ки маълум аст, дар ибтидои солҳои 1990-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоъҳои шадиди дохилӣ рӯ ба рӯ шуд. «Воқеаҳои мазкур ба шиддат гирифтани ноустувории сиёсӣ ва иҷтимоӣ оварда расонид. Раванди ба

даст овардани истиқлолият, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт, ба беҳтар шудани шароити зиндагии аксари шаҳрвандон оварда нарасонид, балки баръакс, сабабгори пайдоиши ихтилофоти назаррас дар дохили ҷомеа гардид» [90, с.22]. Дар чунин шароит, сохтмони ҳизбӣ хусусиятҳои хосеро ба даст овард, ки ҳам бо вокуниш ба мушкилоти дохилӣ ва ҳам бо зуҳуроти низоъҳои дарозмуддати таърихӣ вобаста буданд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ихтилофоти гуногуни этникӣ ва минтақавӣ ба сатҳи баландтар баромаданд. «Ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии кишвар ба таври фаъол ба намояндагии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва минтақаҳо такя намуданд. Аммо, хоҳиши ба даст овардани дастгирӣ дар байни аҳолӣ ба амиқтар шудани низоъҳо оварда расонид, зеро ҳар як ҷониб кӯшиш мекард, ки барномаҳои идеологӣ ва иҷтимоии худро, ки аз ҳамдигар хеле фарқ мекарданд, пеш барад» [90, с.23]. Рақобати дохилӣ нобоварӣ ва душмании байни ҳизбҳоро ба вуҷуд овард, ки дар ниҳоят ба ташаккули фазои антагонистӣ ва муқовимати байни онҳо мусоидат кард.

Вазъият дар соли 1992, вақте ки ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд, ба авҷи худ расид. Муҳаққиқи ватанӣ З.М. Қурбонова дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «мунокиша ҷомеаи тоҷикистониро ба лагерҳои муқобил тақсим кард, ки чунин тамоюлот барои раванди сиёсӣ оқибатҳои харобиовар дошт. Ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо сохтмони ҳизбӣ, балки татбиқи ташаббусҳои сиёсии дохилиро душвор кард, зеро ҳар як ҷониб кӯшиш мекард, ки дар шароити муборизаи шадид барои ҳокимият мавҷудияти худро таъмин кунад» [115, с.416]. Дар натиҷа, худи идеяи бисёрҳизбӣ зери хатар қарор гирифт, зеро ҷонибҳои мухолиф ба истифодаи усулҳои зӯроварӣ дар амалҳои сиёсии худ шурӯъ карданд.

Фишори гурӯҳҳои силоҳбадаст низ ба обрӯи ҳизбҳо зарба зад. Бисёре аз ҳизбҳо маҷбур шуданд, ки гурӯҳҳои мусаллаҳи худро барои ҳимояи манфиатҳои худ мустақилона ташкил кунанд, ки ин зиддияти ҷамъиятиро боз ҳам бадтар кард. Ҳизбҳо ба ҷои муколамаи созанда шаклҳои дигари муборизаи

сиёсиро ҷорӣ карданд ва мавқеи худро аз ҳисоби зӯроварӣ нигоҳ доштанд. Ин боиси он шуд, ки шаҳрвандон ҳизбҳои сиёсиро бо нобоварӣ қабул карданд.

Ҳамин тариқ, марҳилаи аввали истиқлолияти Тоҷикистон давраи буҳрони амиқи сиёсӣ гардид, зеро ин давра боиси шиддат гирифтани низоъҳои дохилӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Ин раванди сохтмони ҳизбиро хеле мушкил кард ва боиси аз даст додани эътимод ба институтҳои сиёсӣ шуд. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар шароити низоъ шаклҳои нави иштироки сиёсӣ ташаккул ёфтанд. Сарфи назар аз камбудиҳои ҷойдшта талошҳои ба амал баровардани дигаргуниҳои демократӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф кардани муқовимат сурат мегирифтанд.

Дар нимаи аввали солҳои 1990-ум ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити душвор қарор гирифтанд. Онҳо дар раванди интихоб ва ифодаи қувваҳои сиёсӣ на ба эътиқоди идеологӣ, балки ба қобилияти ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ ва иштирок дар низоъҳои мусаллаҳона дода шуд. Ҳизбҳое, ки қаблан ба идеология ва намояндагии манфиатҳои аҳолӣ такя мекарданд, кӯшиш менамуданд, ки равишҳои худро ба вазъияти сиёсии дохилӣ мутобиқ кунанд ва унсурҳои истифодаи қувваро ба сохтори худ дохил кунанд.

Масалан, Ҳизби наҳзати исломӣ (айни замон ТЭТ ҲНИ) ҳимояи арзишҳои исломиро дар шароити ҷангӣ ба ӯҳда гирифт. Он мавқеи худро бо дастгирии гурӯҳҳои ҷавонони радикалӣ тақвият дод, ки чунин омил ба муқовимати шадид бар зидди дигар ҳизбҳо ва гурӯҳҳо оварда расонид. Бояд қайд кард, ки: «ТЭТ ҲНИ ҳам захираҳои дохилӣ ва ҳам хориҷиро фаъолона ҷалб карда, бо дигар созмонҳои исломӣ робита барқарор кард, то ки ба афзоиши нуфузи худ дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ мусоидат намояд» [179, с.115].

Ҳамин тариқ, дар шароити бӯҳрони сиёсӣ ва бархӯрдҳои шаҳрвандӣ нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон на аз рӯйи идеологияи онҳо, балки аз рӯйи қобилияти вокуниши муносиб ба мушкилоти замон муайян карда мешуд. Ҳизбҳое, ки таваҷҷуҳи онҳо ба сӯйи нерӯи низомӣ ва найрангҳои сиёсӣ равона шуда буд, ба таври возеҳ нишон доданд, ки чӣ гуна зери фишори бӯҳрон

табиати иштироки сиёсӣ ва таъсир ба ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад онҳоро тағйир диҳанд. Чунин фаъолияти тахрибӣ барои марҳилаҳои минбаъдаи рушди сиёсӣ дарси муҳим буд. Таҷрибаи ин давра дар омӯзиши дигаргунсозии системаи ҳизбӣ ва фарҳанги сиёсии Тоҷикистон аҳамияти таърихӣ дорад. Зеро бо такя ба равандҳои сиёсии он солҳо дар шароити муосир муайян кардан мумкин аст, ки кадом ҳизби сиёсӣ аз доираи манфиатҳои миллии кишвар берун меравад ва барои дурнамои рушди Тоҷикистон монеа эҷод мекунад.

Дар шароити ноустувории сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ механизмҳои муттаҳидшавӣ ва тафриқаи ҳизбӣ ҳам аз омилҳои дохилӣ ва ҳам аз ҳолатҳои беруна вобаста буданд. Ин равандҳо қисми муҳимми сохтмони ҳизбӣ гардиданд ва динамикаи ҳамкории байни ҳокимият ва мухолифинро муайян карданд. Мунокишаҳои ба вуҷуд омада, ки бо фарқиятҳои ақидаҳои идеологӣ ва манфиатҳои қувваҳои пешбари сиёсӣ вобаста буданд, ҳам ба муттаҳидшавии ҳизбҳо ва ҳам ба парокандагии онҳо мусоидат карданд.

Аммо, раванди муттаҳидшавии ҳизбҳо якранг набуд ва бо ихтилофоти зиёд рӯ ба рӯ мешуд. Фарқиятҳои идеологие, ки ҳатто дар доираи иттиҳоди ҳизбӣ вуҷуд доштанд, аксар вақт сабаби ихтилофҳо мешуданд. Масалан, фарқиятҳо дар муносибат ба ислом ва принсипҳои демократӣ дар дохили иттиҳодияҳои ҳизбӣ ба низоъҳои дохилӣ оварда мерасонданд. Илова бар ин, дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ муқовиматҳои дохилиҳизбӣ барои захираҳо, роҳбарӣ ва нуфуз аксар вақт ба мадди аввал баромада, рӯҳияи муттаҳидшавиро халалдор мекарданд.

Аз тарафи дигар, ба буҳрон дучор шудани ҳизбҳо на танҳо дар сатҳи ғояҳо ва идеологияҳо, балки дар сатҳи фаъолияти роҳбарони онҳо низ ба амал меомад. Аз ин рӯ, сиёсатмадорони алоҳида, ки мехостанд мавқеи муфидро ишғол кунанд, ба ташкили фраксияҳои худ шуруъ карданд. Ин равандро метавон дар мисоли Ҳизби наҳзати исломӣ (айни замон ТЭТ ҲНИ) нишон дод. Дар фаъолияти ин ҳизб муборизаи дохилӣ барои роҳбарӣ байни гурӯҳҳои гуногун зуд зуд ба миён меомад.

Дар натиҷа, механизмҳои ташкили коалитсияи ҳизбӣ ва ҷудоии онҳо дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ мураккабии ҳаёти сиёсии кишварро нишон доданд. Ин равандҳо на танҳо зиддиятҳои дохилиро ошкор карданд, балки нишон доданд, ки чӣ гуна муборизаи неруҳо метавонад динамикаи ҳамкории онҳоро тағйир диҳад. Талошҳои ҳизбҳо барои муттаҳидшавӣ ё тақсимшавӣ то андозае на танҳо ба идеологияи онҳо, балки ба шароити воқеии муборизаи сиёсӣ, ки қобилияти мутобиқшавиро талаб мекарданд, вобаста буд.

Давраи пас аз низоъ дар Тоҷикистон, ки аз соли 1997 оғоз ёфта буд, марҳилаи муҳим дар ташаккул ва муътадилсозии системаи ҳизбии кишвар гардид. Дар ин солҳо ҷорӣ кардани ислоҳот, навсозии ҳаёти сиёсӣ ва тағйироти куллӣ дар муносибатҳои байниҳизбӣ ба мушоҳида мерасад [177]. Марҳилаҳои асосии муътадилсозӣ ва рушди системаи ҳизбиро, ки ба ҳамгироии бомуваффақияти неруҳои сиёсӣ ба воқеияти нави сиёсӣ мусоидат кардаанд, баррасӣ намудан хеле муҳим аст.

Марҳилаи аввали муътадилсозии вазъи сиёсиро метавон давраи пас аз имзои созишномаи сулҳ дар соли 1997 ҳисоб кард. Ин созишнома ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид ва барои рушди муколамаи сиёсӣ асос гузошт. Қадами муҳим ташаккули ҳукумати ваҳдати миллӣ буд, ки дар он ҳам қувваҳои ҳоким ва ҳам мухолифин намояндагӣ мекарданд [107]. Воқеан ҳам, Созишномаи мазкур ба коҳиш додани танишҳо ва муқаррар кардани шароити асосӣ барои суботи сиёсӣ имкон дод.

Дар марҳилаи дуюм, аз охири солҳои 1990-ум то аввали солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон ислоҳоти сохторӣ ба роҳ монда шуд, ки ба таҳкими системаи сиёсӣ равона карда шуда буд [147]. Давлат барномаи навсозии сиёсиро оғоз кард, ки он ба дастгирии таъсиси институтҳои устувори сиёсӣ равона карда шудааст. Қадами муҳим ислоҳоти қонунгузории интихоботӣ буд, ки барои интихоботи кушода ва намояндагии баланди сохторҳои гуногуни ҳизбӣ шароит фароҳам меовард. Ин чораҳо ба ташаккули муҳити рақобатпазиртар мусоидат карданд.

Марҳилаи сеюм дар аввали солҳои 2000-ум, вақте ки шумораи ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфт, ба назар мерасид [146]. Дар шароити беҳтар шудани суботи сиёсӣ ва паст шудани сатҳи зӯроварӣ, дар баъзе ҳолатҳо ҳизбҳои нав ташкил карда шуданд, ки ба раванди сиёсӣ дохил шуданро оғоз карданд. Ҳизбҳои алоҳидаи кӯҳна ба навсозии платформаҳои худ шуруъ карданд, то аҳолии ҷавон ва фаъолро ҷалб кунанд. Ин ба ташаккули манзараи гуногуни сиёсӣ мусоидат кард.

Дар марҳилаи чорум, дар миёнаи солҳои 2010-ум, дар Тоҷикистон раванди навсозии институтсионалӣ оғоз ёфт. Шароити муҳити беруна, аз ҷумла ноустувории иқтисодӣ ва тағйироти ҷаҳонӣ, омилҳои иловагӣ барои ҷалби сармояи нави сиёсӣ ва равишҳои нави идоракунӣ гардид. Мақомоти давлатӣ аҳамияти танзими фаъолтари системаи ҳизбиро дарк намуда, ба эътирофи бештари он ҳамчун воситаи муҳим барои таъмини суботи сиёсӣ мусоидат кард.

Масъалаи хеле муҳим дар ин марҳила ташаккули консепсияи нави стратегӣ оид ба нигоҳ доштани суботи сиёсӣ мебошад, ки на танҳо тадбирҳои иловагиро барои таҳкими мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ, балки ташаббусҳоро барои дастгирии тиҷорати хурд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи муҳим ба беҳтар кардани муносибатҳо бо шарикони байналмилалӣ равона карда шуд, ки ба гирифтани кӯмаки иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи сиёсӣ дар дохили кишвар мусоидат кард.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои муътадилсозӣ ва рушди системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз низоъ (аз соли 1997 то соли 2020) бо татбиқи тадриҷии ислоҳоте, ки ба навсозии сохтори институтсионалӣ ва ташаккули низоми фаъолтари иштироки сиёсӣ равона шудаанд, тавсиф карда мешаванд. Бо вуҷуди як қатор мушкилоти ҷиддии системаи ҳизбӣ, рушди он дар ин марҳила барои дигаргунсозии минбаъдаи сиёсӣ дар кишвар замина гузошт. Ҳамзамон, таваҷҷуҳ ба ҳамгироии неруҳои гуногуни сиёсӣ унсури муҳимми таҳкими легитимияти идоракунии давлатӣ ва таъмини устуворӣ дар шароити ниҳоят мураккаби байналмилалӣ гардид.

Дар ҷараёни ташаккули системаи муосири ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пас аз низоъ (1997-2020) тағйироти назаррас ба мушоҳида мерасад. Ин раванд ҳам мутобиқсозии ҳизбҳои мавҷуда ба шароити нав ва ҳам пайдоиши ҳизбҳои сиёсии навро инъикос мекунанд. Ин тамоюлот дар ҳаёти сиёсии кишвар нақши муҳим доранд ва ба рушди умумии он таъсир расонидаанд.

Яке аз тамоюлҳои хеле муҳим пайдоиши ҳизбҳои сиёсии нав буд. Ин ҳизбҳои низ мехостанд дар шароити рақобати афзояндаи сиёсӣ ҷойгоҳи худро ишғол кунанд. Ҳизбҳои нав, чун қоида, ба хоҳиши намояндагии манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва пешниҳоди равишҳои алтернативӣ ба мушкилоте, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ рӯ ба рӯ мешавад, асос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар байни ҷавонон зарурати навсозии ғояҳо ва консепсияҳои сиёсӣ ба назар мерасид, ки ба таъсиси ҳизбҳое оварда расонид, ки ба рӯзномаи ҷавонон, ҳуқуқи инсон ваислоҳоти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Ин қувваҳои нави сиёсӣ дар интихобот фаъолона иштирок карда, кӯшиш карданд, ки ба барномаҳо ва ғояҳои худ таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Таъсиси ҲАТ ва ҲИИТ ба ин давра рост меояд.

Аммо, ҳизбҳои сиёсии мавҷуда низ дар посух ба шароити тағйирёбанда дигаргуншавии назаррасро аз сар гузарониданд. Ин махсусан ба ҳизбҳои аллакай таъсисёфта, ба монанди ҲХДТ дахл дорад. Ҳизбҳои дар солҳои аввали истиқлолият ташкилёфта маҷбур шуданд, ки идеология ва стратегияҳои худро ба шароити нав мутобиқ кунанд. ҲХДТ зарурати дар сиёсати худ ворид намудани унсурҳои навро эътироф менамуд. Чунин тағйирот барои баланд бардоштани сатҳи эътимод дар байни аҳолӣ хеле муҳим буд. Бинобар ин: «ҲХДТ ба рӯзномаи худ масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро илова карда, кӯшиш кард, ки нақши худро дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии шаҳрвандон баланд бардрад. Як қатор ташаббусҳо оид ба беҳтар кардани сиёсати иҷтимоӣ як қисми стратегияи ҲХДТ шуданд. Чунин дигаргуниҳои барномавӣ ба ҲХДТ имкон дод, ки мавқеи худро дар байни интихобкунандагон мустаҳкам кунад» [173, с.302].

Ҳамин тариқ, тамоюлҳои асосии рушди системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз низоъ пайдоиши ҳизбҳои сиёсии нав ва тағйирёбии фаъолияти ҳизбҳои мавҷударо дар бар мегиранд. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, «ин тағйирот аз зарурати навсозии сиёсӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ба миён омада вобаста буд» [108]. Бо вуҷуди ин, субот ва муваффақияти дарозмуддат дар системаи сиёсӣ аз қобилияти ҳизбҳо барои бартараф кардани мухолифатҳои байниҳизбӣ, пайдо кардани манфиатҳои муштарак байни қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва посух додан ба мушкилоти замона вобаста хоҳад буд.

Дар ташаккули системаи муосири ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пас аз низоъ (дар солҳои 1997-2020) ҳам омилҳои байналмилалӣ ва ҳам дохилие, ки ба равандҳои сиёсии кишвар таъсири назаррас расонидаанд, нақши муҳим доранд. Ин омилҳо бо ҳам алоқаманд гардида, барои рушди ҳаёти сиёсӣ, аз ҷумла сохтмони ҳизбӣ ва демократикунонӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Якум, омилҳои байналмилалии марбут ба тағйирпазирии сиёсии ҷаҳонӣ ва дастгирии дигаргуниҳои демократӣ ба раванди ташаккули системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон таъсири хеле муҳим гузоштанд. Пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили «СММ, ИА ва созмонҳои ғайридавлатии гуногун бо мақомоти Тоҷикистон дар соҳаи барқарорсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешбурди арзишҳои демократӣ ҳамкории фаъолро оғоз карданд» [19, с.89]. Ин созмонҳо барномаи васеи дастгириро пешниҳод карданд, ки кӯмаки техникӣ, маблағгузории ислоҳоти демократӣ ва омӯзиши кадрҳоро дар бар мегирифт. Ба андешаи олими ватанӣ Р. Ҳайдаров, «раванди ҳамгироии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалӣ ба мутобиқсозии ниҳодҳои сиёсӣ ба талаботи меъёрҳои демократӣ мусоидат намуд. Ислоҳоти дохилие, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда шуд, ба таъсиси институтҳои устувор равона карда шудаанд ва ба рушди таҷрибаҳои демократӣ мусоидат мекунанд» [76, с.46]. Ҳамин тариқ, ҳамкории

байналмилалӣ дар ташаккули асосҳои рушди демократӣ ва таҳкими системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозид.

Аз ҷониби дигар, омилҳои дохилӣ, аз ҷумла тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ низ ба раванди ташаккули системаи ҳизбӣ таъсири назаррас расониданд. Мавҷудияти мушкилоти муайяни дохилӣ, аз қабили бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳолиро водор сохт, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ бо умеди тағйир додани ҳаёти худ мурочиат кунанд. Ин барои муколамаи байни шаҳрвандон ва сохторҳои сиёсӣ шароит фароҳам овард ва дар навбати худ ба ташаккули ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятӣ такон бахшид.

Илова бар ин, сиёсати дохилии мақомоти давлатӣ дар ташаккули системаи ҳизбӣ низ нақши назаррас бозид. Усулҳои идоракунии ҳизби ҳоким ба дарки шаҳрвандон дар бораи системаи сиёсӣ ва зарурати ташаккули системаи ҳизбӣ таъсир мерасониданд. ҲХДТ кӯшиш кард, ки ба талаботи замон мутобиқ шавад ва обрӯи худро дар байни аҳолӣ беҳтар кунад. Дастгирии ҳизби ҳоким аз ҷониби аҳолӣ, мубориза бо коррупсия, инчунин татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ боиси баланд бардоштани эътимоди мардум нисбат ба институтҳои сиёсӣ гардид.

Ҳамин тариқ, ҳизбҳо бояд ҳам омилҳои байналмилалӣ ва ҳам дохилиро дар стратегияи худ ба назар гиранд. Дар ниҳоят, рушди институтҳои демократӣ дар Тоҷикистон бо алоқамандии омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ робитаи ногусастанӣ пайдо кард ва имкониятҳои зиедеро дар роҳи ташаккули системаи устувори ҳизбӣ муайян кард. Ҳизбҳое, ки тавонистанд ин гуногунии омилҳоро ба назар гиранд, дар шароити тағйирпазирии ҷомеа барои устувории сиёсӣ ва рушди минбаъдаи худ имконияти бештар ба даст оварданд.

Системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои сиёсӣ ташаккул ёфтааст, гуногунранг мебошад. Он ҳам ҳизбҳои солҳои аввали истиқлолият ва ҳам ҳизбҳои нави сиёсиро дар бар мегирад. Ҳар кадоми онҳо заминаҳои идеологӣ ва соҳаҳои таъсиррасонии худро доранд. Хусусияти умумии системаи ҳизбӣ имкон медиҳад, ки гуногунрангии неруҳои сиёсӣ дар

кишвар, нақш ва таъсири онҳо дар раванди ташаккули ҳаёти сиёсӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар байни ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ду гурӯҳи ҳизбҳоро аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст: ҳизби ҳоким ва ҳизбҳои мухолиф. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) дар системаи сиёсии кишвар мавқеи бартаридоштаро ишғол мекунад. Аз ҷиҳати идеологӣ он худро ҳамчун ҳизби пешрафта ва модернистӣ муаррифӣ намуд. ҲХДТ ба арзишҳои умумимиллӣ, амнияти дохилӣ ва рушди иқтисодӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Бо шарофати ҳамкории зичи худ бо сохторҳои давлатӣ, ҳизб сиёсати иқтисодиро фаъолона ташаккул медиҳад, ки он асосан ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дастгирии соҳаҳои стратегии иқтисодиёт равона шудааст. ҲХДТ инчунин ба масъалаҳои суботи иҷтимоӣ диққат медиҳад. Чунин мавқеъгирии ҳизб таъсири онро дар байни аудиторияи васеъ тақвият медиҳад.

Қисми дигари системаи ҳизбиро ҳизбҳои демократӣ, сотсиал-демократӣ, сотсиалистӣ, коммунистӣ, аграрӣ ва ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Гарчанде, ки онҳо ба мисли ҲХДТ дастгирии васеъ надоранд, вале идеологияи онҳо низ ба ислоҳоти иқтисоди бозорӣ, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ ва тарғиби арзишҳои гуногуни сиёсӣ равона шудаанд. Ҳизбҳои мазкур ғояҳои худро бо ташаббусҳои пешрафта ва демократикунонии тадриҷии ҳаёти сиёсӣ алоқаманд мекунад.

Ҳамин тариқ, системаи ҳизбии Тоҷикистон экосистемаи мураккаби неруҳои сиёсӣ бо заминаҳои гуногуни идеологӣ ва соҳаҳои таъсиррасонӣ мебошад. Ба андешаи олимон, «чунин гуногунрангӣ барои фаъолияти системаи сиёсии кишвар шарти зарурӣ буда, мавҷудияти нуқтаи назари гуногун, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ ва роҳҳои пешрафти иҷтимоиро таъмин менамояд» [123, с.179]. Қайд кардан муҳим аст, ки ошкорбаёнӣ ва ҳамкории ҳадди аксари байни ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ метавонанд равандҳои демократиро тақвият бахшанд ва ба рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ниҳоди сиёсии бартаридошта дар системаи сиёсии кишвар мебошад. Барномаи асосии ҲХДТ дастгирии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, рушди инфрасохтор, ҳимояи ҳуқуқи инсон ва таҳкими амнияти миллиро дар бар мегирад. Раҳбари ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Тахти роҳбарии сраварии давлат ҲХДТ тавонист рушди институтҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад. Чунин фаъолияти назаррас ба ҳизб имкон дод, ки дар байни элитаи ҳизбӣ ва табақаҳои васеи аҳолӣ дастгирии зиёд пайдо кунад.

Илова бар ин, дар ҳаёти сиёсии кишвар ҲДТ, ҲСТ ва ҲАТ нақши муҳим мебозанд. Ҳизбҳои мазкур ба арзишҳои маъмулии либералӣ, ба монанди адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон, ислоҳоти бозорӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули системаи сиёсӣ нақши муҳим доранд. Ҳар яке аз ин ҳизбҳо хусусиятҳо, барномаҳо ва базаи иҷтимоии худро доранд, ки гуногунии манзараи сиёсиро ба вуҷуд меоранд. Дар ин замина, баҳо додан муҳим аст, ки чӣ гуна ҳизбҳо метавонанд бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд ва ба шароити тағйирёбанда барои расидан ба рушди ояндаи минбаъдаи сиёсӣ мутобиқ шаванд. Таҳлили системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сохтории он, аз ҷумла созмонҳои дохилии ҳизбӣ, муносибатҳои байни ҳизбҳо ва сатҳи рақобати ҳизбӣ муайян карда шаванд. Ин масъалаҳо ба фаъолияти системаи сиесӣ ва мутобиқшавии он ба мушкилоти муосир таъсири назаррас мерасонанд.

Дар дохили сохторҳои ҳизбии аксари ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон иерархияи мураккаб ташаккул ёфтааст. Масалан, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) сатҳҳои мушаххасе дорад, ки аз кумитаи марказӣ то ташкилотҳои маҳаллӣ идоракунӣ ва назорати самараноки фаъолияти кормандони ҳизбиро таъмин менамояд. Чунин сохтор ба сафарбаркунии босуръати захираҳо ва фаъолияти назаррас дар интихобот мусоидат мекунад.

Таҳлили хусусиятҳои сохтории системаи ҳизбӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мавҷудияти сохторҳои расмӣ ва рақобати сиёсӣ, муборизаи воқеии сиесӣ давра ба давра тағйир меёбад ва ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ мутобиқ мешавад. Мухолифатҳое, ки дар натиҷаи ташкили дохилии ҳизбҳо ва тақсимоти нобаробари нуфуз дар байни аъзоёни ҳизб ба вуҷуд меоянд, метавонанд ба рушди минбаъдаи равандҳои демократӣ монеъ шаванд. Аммо чунин хусусиятҳои сохторӣ, аз ҷумла мутобиқшавӣ ва навсозии таркиби ҳизбӣ ҳам барои системаи ҳизбӣ ва ҳам барои тамоми ҳаёти сиёсии Тоҷикистон муҳим боқӣ мемонанд.

Ҳизбҳо инчунин тавассути таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули фарҳанги сиёсӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири калон мерасонанд. Ҳизбҳо дар баргузории вохуриҳо, мубоҳисаҳо, форумҳои ҷамъиятӣ ва конфронсҳо иштирок мекунанд. Ин гуна фаъолияти ҳизбҳо ба муҳокимаи масъалаҳои муҳимми ҷомеа имкон медиҳанд. Масалан, ҲХДТ ғояҳо ва дастовардҳои худро тавассути расонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолона таблиғ мекунад, ки ин гуна фаъолнокии ҳизб дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар дурнамои рушди системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳам чолишҳои мавҷуда ва ҳам имкониятҳое, ки дар назди неруҳои сиёсӣ қарор доранд, ба назар гирифта шаванд. Фаҳмидани ин ҷанбаҳо на танҳо мушкилоти кунуниро бартараф мекунад, балки ба сӯи ҷомеаи демократӣ ва фарогир самаранок ҳаракат мекунад. Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот дарки зарурати гузаронидани ислоҳот дар системаи сиёсӣ буд, ки бояд ба баланд бардоштани сатҳи иштироки шаҳрвандон ва намояндагии воқеии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ равона карда шавад. Чунин ислоҳоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба анҷом дода шудаанд ва онҳо барои рушди ниҳодҳои сиёсӣ, бахусус дар ташаккули системаи ҳизбӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсири мусбат расонидаанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ бояд таҳкими демократияи дохилиҳизбӣ талош варзанд. Ҳизб бояд на танҳо ҳамчун воситаи иштирок дар интихобот, балки ҳамчун

заминаи муҳокимаи ғояҳо ва ақидаҳо низ баррасӣ карда шавад. Мавҷудияти заминаи возеҳи идеологӣ ва механизмҳои демократии қабули қарорҳо сатҳи эътимод ва масъулиятро дар дохили ҳизб баланд мебардорад. Инъикоси манфиатҳои воқеии шаҳрвандон дар барномаҳои ҳизбӣ ба фаҳмиши беҳтар ва дастгирии онҳо аз ҷониби мардум мусоидат хоҳад кард.

Инчунин пешниҳод мегардад, ки ҳамкорӣ байни неруҳои гуногуни ҳизбӣ бо муносибати созандатар ба ин раванд рушд ёбад. Ҳизбҳо бояд дар масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи умумӣ, ба монанди мубориза бо коррупсия ё рушди амнияти иҷтимоӣ имкониятҳои навро ҷустуҷӯ кунанд. Муносибатҳои созандаи байни ҳизбҳо метавонанд ба таҳкими фарҳанги сиёсӣ ва меъёрҳои муколама дар ҷомеа оварда расонанд. Ин худ як қадами муҳим дар самти рушди демократия мебошад.

Таҳлилгарон ва олимони соҳаи илмҳои сиёсӣ бояд таҳқиқи таҳаввулоти системаи ҳизбиро дар Тоҷикистон бо назардошти омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ идома диҳанд. Таҳияи тавсияҳои илмӣ дар соҳаи демократикунонии равандҳои сиёсӣ ва таҳкими институтҳои ҳуқуқӣ метавонад дар ташкили системаи самараноки сиёсӣ кӯмак расонад. Инчунин муҳим аст, ки таҷрибаи байналмилалӣ ва таҷрибаи дигар кишварҳое, ки ба дигаргуниҳои демократӣ талош мекунанд, бо мутобиқ кардани моделҳои муваффақ ба шароити миллӣ назорат карда шаванд.

Хулоса, ояндаи системаи ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омодагии неруҳои сиёсӣ ба ҳамкорӣ, муколама ва қабули тағйироти сифатӣ вобаста аст. Мушкилоти зиёде мавҷуданд, аммо имкониятҳое низ ҳастанд, ки метавонанд ба фароҳам овардани муҳити созгор, фарогир ва устувори сиёсӣ мусоидат кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки нақши худро дар ин раванд дарк мекунанд, бояд ба ақидаҳо ва ниёзҳои шаҳрвандон гӯш диҳанд, бо ҳамдигар дар доираи демократия ошкоро ва бо роҳи муколама ҳамкорӣ кунанд.

Ғайр аз ин, таҳлили тамоюлҳои муосири рушди системаҳои ҳизбӣ имкон дод, ки якчанд қонуниятҳои умумии он нишон дода шаванд. Якум, тамоюли коҳиш ёфтани самаранокии системаҳои ҳизбӣ ва коҳиши нақши идеологияҳои

анъанавии ҳизбӣ мушоҳида мешавад. Дуюм, нақши ҳизбҳои популистӣ ва миллатгаро, ки норозигии шаҳрвандонро аз вазъи мавҷуда истифода мебаранд ва ба тағйироти куллӣ даъват мекунанд, тақвият меёбад. Сеюм, аҳамияти шаклҳои нави иштироки сиёсӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайнӣ, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳанд мустақиман бо сиёсатмадорон ҳамкорӣ кунанд ва ба раванди қабули қарорҳо таъсир расонанд, афзоиш меёбад. Чорум, таъсири омилҳои беруна ба ташаккули системаҳои ҳизбӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ ва фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ афзоиш меёбад.

# БОБИ III. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикисон

Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи равандҳои интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи хеле муҳим барои фаҳму дарки тағйирпазирии системаи сиёсии кишвар ва таъсири он ба рушди равандҳои демократӣ мебошад. Дар шароити дигаргуншавии ҳаёти сиёсӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон омӯзиши нақши ҳизбҳои сиёсӣ махсусан муҳим мегардад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар на танҳо ғояҳо ва барномаҳои асосиро ташаккул медиҳанд, балки дар сафарбар кардани интихобкунандагон ва ташаккули интихоби сиёсӣ низ нақши муҳим доранд. Иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ имкониятҳо ва ҳудуди фаъолияти пурраи институтҳои демократиро муайян мекунад ва инчунин ба дараҷаи устувории системаи сиесӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавони соҳибистиқлол дар марҳилаи ташаккули сохтору механизмҳои сиёсии худ қарор дорад. Чунин тамоюлот баҳодиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар ин замина самти махсусан муҳими таҳқиқоти илмӣ мегардонад. Ба андешаи таҳлилгарон, «дар пасманзари мушкилоти мавҷуда, аз қабили тағйирёбии иқлим, бухронҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ, пайдоиши таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва зарурати таҳкими муколамаи сиёсӣ, иштироки ҳизбҳо дар раванди интихобот метавонад омили ҳалкунандае бошад, ки ба муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад» [92, с.20]. Ғайр аз ин, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ҳамчун воситаи муҳим барои ифодаи манфиатҳо ва ақидаҳои ҷамъиятӣ хидмат кунанд. Чунин нақши ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

аҳамияти онҳоро дар идоракунии демократӣ ва суботи сиёсӣ боз ҳам муҳим мегардонад.

Дар ин замина, баррасии масъалаҳои марбут ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот, аз ҷумла, омӯзиши сатҳи омодагии онҳо ба рақобат, таҳлили барномаҳои сиёсӣ ва стратегӣ, инчунин арзёбии таъсири онҳо ба интихоби интихобкунандагон, аҳамияти хоса дорад. Инчунин, муҳим аст, ки муносибати ҳизбҳо бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин саҳми онҳо дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мавриди омӯзиш қарор гирад. Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки самтҳои асосии рушди системаи бисёрҳизбӣ, муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани қонунгузорӣ ва амалияи интихоботӣ муайян карда шаванд. Дар ин раванд, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити маҳаллӣ, инчунин дастгирии ташаббусҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар самти таҳкими демократия ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчун ниҳодҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ, вазифадоранд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода намуда, дар муайян кардани самтҳои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои мубрами рӯз саҳм гузоранд. «Иштироки фаъолонаи ҳизбҳо дар интихобот имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз тариқи интихоби намояндагони худ дар мақомоти ҳокимият дар раванди қабули қарорҳо иштирок намуда, ба ин восила эҳсоси масъулият ва мансубияти худро ба ҷомеа тақвият бахшанд. Илова бар ин, рақобати солим байни ҳизбҳо дар интихобот метавонад ба пешниҳоди барномаҳои мукаммали сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуда, имконияти интихоби беҳтарин роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо барои шаҳрвандон фароҳам оварад» [29, с.82]. Ҳизбҳо вазифадоранд, ки бо истифода аз платформаҳои мухталифи таблиғотӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ, диди худро оид ба масъалаҳои муҳим ба таври возеҳ ва мушаххас баён намуда, шаҳрвандонро ба иштироки фаъолона дар интихобот ташвиқ намоянд.

Дар шароити имрӯза, ки ҷаҳон бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ аст, иштироки фаъолонаи ҳизбҳо дар раванди интихобот метавонад ба таҳкими сулҳу субот, рушди демократия ва пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат намояд. Аз ин рӯ, дастгирии фаъолияти ҳизбҳо, таъмини шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни раванди интихобот ва ташвиқи шаҳрвандон ба иштироки фаъолона дар интихобот вазифаи муҳими тамоми ҷомеа мебошад. Олими ватанӣ А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки «бо дарназардошти аҳамияти раванди интихобот дар тақдири миллат, ҳар як ҳизби сиёсӣ вазифадор аст, ки бо масъулияти баланд ба ин раванд муносибат намуда, дар таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва пешрафти кишвар саҳми арзанда гузорад. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳизбҳо манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои гурӯҳӣ боло гузошта, барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар, демократӣ ва пешрафта саъю кӯшиш намоянд» [20, с.75]. Таҳлили фаъолияти ҳизбҳо ва иштироки онҳо дар равандҳои интихобот инчунин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули модели интихоботӣ дар Тоҷикистон нишон дода шаванд. Бояд дар назар дошт, ки системаи сиёсии кишвар хусусияти демократӣ дорад ва барои фаъолияти ҳизбҳо шароити рақобатнок фароҳам меорад. Ин таҳлили хусусиятҳои марбут ба фаъолияти ҳизбҳоро муҳим гардонида, ба хулосагириҳои мушаххас дар бораи устувории системаи ҳизбӣ ва қобилияти мутобиқшавии он имкон медиҳад [21].

Самти муҳимтарини муайянкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мавҷудаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ мебошад. Он як қатор қонунҳо, қарорҳо ва дастурҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо раванди интихобот, балки ташкили фаъолияти ҳизбӣ, пешбарии номзадҳо ва инчунин кафолатҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандонро дар интихобот танзим мекунанд. Таҳлили қонунгузории ҷорӣ ба мо имкон медиҳад, ки то чӣ андоза самаранок будани фаъолияти ҳизбҳоро арзёбӣ намоем ва барои рушди ниҳодҳои демократӣ шароити зарурӣ фароҳам орем.

Дар ин замина, қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Конститутсия, нақши калидиро мебозад. Он ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандонро, аз

ҷумла ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро кафолат медиҳад. Ин ҳуқуқҳо асоси иштироки сиёсии шаҳрвандон ва фаъолияти озоди ҳизбҳоро ташкил медиҳанд. Ҳизбҳо, дар навбати худ, вазифадоранд, ки дар доираи Конститутсия ва қонунҳо амал намуда, ба волоияти қонун эҳтиром гузоранд ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Илова бар Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муносибатҳои ҷамъиятиро дар раванди тайёрӣ ва гузаронидани интихобот танзим менамояд. Ин қонун тартиби пешбарии номзадҳо, бақайдгирии ҳизбҳо, гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ ва муайян намудани натиҷаҳои интихоботро муқаррар месозад. Он инчунин кафолатҳои ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ, журналистон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсиро таъмин мекунад, ки барои шаффофият ва одилона гузаштани интихобот мусоидат мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳизбҳоро муайян менамояд. Он тартиби бақайдгирии ҳизбҳо, талабот ба аъзоёни онҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳизбҳоро муқаррар месозад. Мутобиқи ин қонун, ҳизбҳо озоданд, ки барномаҳои сиёсии худро таҳия намоянд, дар интихоботҳо ширкат варзанд ва ақидаҳои худро тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн кунанд. Аммо, фаъолияти ҳизбҳо набояд ба тағйири сохти конститутсионӣ бо роҳи зӯроварӣ, тарғиби ҷанг, иғвои адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва маҳалгароӣ равона карда шавад.

Чи гунае, ки ишора гардид, санади асосии меъёрии танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» мебошад. Ба андешаи олимони ватанӣ, ин қонун «асосҳои ҳуқуқиро барои таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ муқаррар мекунад, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳоро, инчунин механизмҳои назорати фаъолияти онҳоро муайян мекунад. Инчунин мавҷудияти меъёрҳои

марбут ба сохтори дохилии ҳизбҳо, демаркатсияи онҳо дар асоси идеология ва изҳороти барномавӣ муҳим аст, ки ин бешубҳа ба фаъолияти интихоботӣ ва қобилияти сафарбаркунии интихобкунандагон таъсир мерасонад» [148, с.296].

Илова бар ин, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Тоҷикистон муқаррар шудааст, тартиби баргузории интихобот, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни раванди интихоботро муайян мекунад. Қонуни мазкур «механизмҳои ташкили комиссияҳои интихоботӣ, таблиғоти пешазинтихоботӣ, инчунин ҷанбаҳои назорати интихоботро аз ҷониби ҳизбҳо ва ташкилотҳои шаҳрвандӣ танзим мекунад» [95]. Мутобиқати қонунгузории интихобот бо меъёрҳои байналмилалӣ барои эътимоднокии интихобот ва эътирофи натиҷаҳои он аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон мунтазам ислоҳот дар қонунгузории интихоботӣ гузаронида мешаванд, ки ҳадафи онҳо такмил додани шаффофият, таъмини иштироки васеи шаҳрвандон ва ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ мебошад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот нақши муҳим мебозанд. Онҳо номзадҳоро пешбарӣ мекунанд, барномаҳои сиёсии худро тарғиб мекунанд ва дар мубориза барои ҷалби дастгирии интихобкунандагон фаъолона иштирок мекунанд. Қонунгузории интихоботӣ шароити баробарро барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ таъмин намуда, имконияти баробари пешбурди таблиғот ва иштирок дар раванди интихоботро фароҳам меорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар назорати интихобот ва таъмини шаффофияти он нақши муҳим дорад. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд рафти интихоботро назорат кунанд, далелҳои қонунвайронкуниҳоро ошкор намоянд ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ мусоидат кунанд. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди интихобот баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба интихобот ва таъмини адолати он мусоидат мекунад.

Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташкили назорати интихоботӣ ҷузъи муҳимми раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Комиссияҳои интихоботӣ барои ташкил ва гузаронидани интихобот, инчунин

назорати риояи қонунгузорӣ дар ин соҳа масъуланд. Таъкид кардан муҳим аст, ки иштироки ҳизбҳо дар ин равандҳо омили муҳимми таъмини адолат ва қонунияти интихобот мебошад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзадҳое, ки ба вакилӣ ба тарзи худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, бо тартиби муқарраргардида рӯйхати мушоҳидони миллиро барои бақайдгирӣ ба комиссияҳои ҳавзавии дахлдори интихобот пешниҳод менамоянд. Мушоҳидони миллӣ дар рӯзи баргузории интихобот дар биноҳои овоздиҳӣ рафти интихоботро мушоҳида менамоянд. Фаъолияти мушоҳидони миллӣ баъди бо қарори комиссияҳои ҳавзавии дахлдори интихобот тасдиқ гардидани рӯйхати онҳо оғоз ёфта, пас аз эълон гардидани натиҷаи пешакии интихобот қатъ мегардад» [2]. Тибқи талаботи қонунгузории мазкур мушоҳидони миллӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд: «бо рӯйхати интихобкунандагон шинос шаванд; дар хонаи овоздиҳӣ аз оғоз то анҷоми кори комиссияи участкавии интихобот ҳузур дошта бошанд; супоридани бюллетенҳои овоздиҳиро ба интихобкунандагон мушоҳида кунанд; ҳангоми овоздиҳии интихобкунандагон берун аз ҳуҷраи овоздиҳӣ ҳузур дошта бошанд; ҳисоби шумораи бюллетенҳои аз ҳисоб баровардашуда, бюллетенҳои дар қуттии овоздиҳӣ мавҷудбуда, аз ҷумла бюллетенҳои беэътибор, ҳисоби овозҳои интихобкунандагонро дар шароите, ки ба мушоҳидаи чараёни ҳисоби бюллетенҳои овоздиҳӣ имкон медиҳад, мушоҳида намоянд; бо протоколҳои комиссияҳои участкавии интихобот оид ба натиҷаи овоздиҳӣ ва комиссияҳои ҳавзавии интихобот дар бораи натиҷаи интихобот шинос шаванд; аз қарор ва амали (беамалии) комиссияи интихобот ба комиссияи болоии интихобот ва ё суд шикоят намоянд; ҳангоми ҳисоби такрории овозҳои интихобкунандагон дар комиссияҳои дахлдори интихобот ҳузур дошта бошанд» [2].

Инчунин дар моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд мегардад,

ки: «Бо мақсади мушоҳидаи интихобот, гузаронидани он дар шароити шаффоф ва ошкоро мушоҳидони байналмилалӣ даъват карда мешаванд» [2]. Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар мушоҳидони байналмилалӣ ҳуқуқ доранд: «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳое, ки ҷараёни интихоботро танзим менамоянд, дастрас кунанд; бо ҳизбҳои сиёсие, ки дар интихобот ширкат доранд ва бо номзадҳои алоҳида вохӯрии расмӣ намоянд; дар участкаи интихоботӣ ва бинои овоздиҳӣ, аз ҷумла дар рӯзи овоздиҳӣ ҳузур дошта бошанд; ҷараёни овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи онҳоро дар шароите, ки ба мушоҳидаи ҳисоби бюллетенҳо имкон медиҳад, мушоҳида намоянд; бо натиҷаи баррасии шикоятҳо (аризаҳо) ва эродҳо вобаста ба вайрон кардани қонунгузории интихобот шинос шаванд; ба намояндагони комиссияҳои интихобот бе дахолат ба кори онҳо, оид ба мушоҳидаҳои худашон иттилоъ диҳанд; баъди ба анҷом расидани овоздиҳӣ ақидаи худро оид ба омодагирӣ ва гузарондани интихобот ошкоро изҳор намоянд; хулосаи худро оид ба мушоҳидаи ҷараёни интихобот ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ пешниҳод кунанд» [2].

Самти муҳимтарини фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарии номзадҳо ва ташкили маъракаҳои интихоботӣ мебошад. Ин равандҳо на танҳо фазои сиёсиро дар кишвар ташаккул медиҳанд, балки ба рафтори интихоботии шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонанд. Стратегияҳои пешбарии номзадҳо метавонанд вобаста ба вазъи сиёсӣ, захираҳои дохилии ҳизбҳо ва интизориҳои интихобкунандагон фарқ кунанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, одатан, номзадҳоро дар асоси як қатор меъёрҳо, аз ҷумла маъруфият, таҷрибаи сиёсӣ, вафодорӣ ба ҳизб ва қобилияти ҷалби пуштибонӣ пешбарӣ мекунанд. Баъзе ҳизбҳо метавонанд ба ҷалби номзадҳои бонуфузи маҳаллӣ аҳамият диҳанд, дар ҳоле ки дигарон ба номзадҳое, ки дар арсаи миллӣ шинохта шудаанд, бартарӣ медиҳанд. Инчунин, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки номзадҳое пешниҳод кунанд, ки

намояндаи гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ бошанд, то ки доираи пуштибонии худро васеъ намоянд.

Маъракаҳои интихоботӣ як ҷузъи муҳими фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд, афкор ва барномаҳои худро ба интихобкунандагон расонанд. Дар ин замина, истифодаи васоити ахбори омма, аз қабили телевизион, радио, рӯзномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ, барои таблиғи ақидаҳо ва ҷалби тарафдорон аҳамияти калон дорад. Ҳизбҳо инчунин вохӯриҳо бо интихобкунандагон, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои таблиғотиро ташкил мекунанд, то мустақиман бо мардум робита барқарор кунанд ва ба саволҳои онҳо посух гӯянд.

Дар раванди маъракаҳои интихоботӣ, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои сиёсии худро ба таври возеҳ ва мушаххас баён кунанд, то таваҷҷуҳи интихобкунандагонро ҷалб намоянд. Ин барномаҳо метавонанд самтҳои мухталифро, аз қабили иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва сиёсати хориҷӣ фаро гиранд. Ҳизбҳо инчунин кӯшиш мекунанд, ки фарқияти худро аз дигар ҳизбҳо нишон диҳанд ва аз рӯи масъалаҳои мубрами рӯз мавқеи худро баён кунанд. Таъсири маъракаҳои интихоботӣ ба рафтори интихоботӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла эътимоди интихобкунандагон ба ҳизбҳо, сифати барномаҳои сиёсӣ, тарзи пешниҳоди иттилоот ва самаранокии усулҳои таблиғотӣ. Интихобкунандагон, одатан, ба он ҳизбҳое, ки ба проблемаҳои онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва роҳҳои ҳалли мушаххасро пешниҳод мекунанд, бештар майл доранд. Инчунин, нақши муҳимеро шаффофият ва ростқавлӣ дар маъракаҳои интихоботӣ мебозад, зеро интихобкунандагон ба ҳизбҳое, ки ба онҳо эътимод доранд, бештар овоз медиҳанд.

Ғайр аз интихоби номзадҳо, ҳизбҳо барои таҳияи платформаи интихоботии мукаммал, ки дар он масъалаҳои асосии рӯзномаи ҷамъиятӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо инъикос ёфтаанд, саъй мекунанд. Платформа бояд барои интихобкунандагон ҷолиб бошад ва самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар сурати ба сари ҳокимият омадани ҳизб муайян кунад. Ҳизбҳо барои таҳияи чунин барномаҳо коршиносон ва таҳлилгаронро ҷалб мекунанд, инчунин фикру

мулоҳизаҳои аҳолиро ба назар мегиранд. Марҳилаи муҳими дигар пеш аз интихобот ташкили маъракаи интихоботӣ мебошад, ки ҳадафи он ҷалби ҳадди аксари дастгирии интихобкунандагон аст. Дар ин марҳила, ҳизбҳо аз усулҳои гуногуни таблиғотӣ истифода мебаранд, аз қабили вохӯриҳо бо интихобкунандагон, мубоҳисаҳо, чопи маводҳои таблиғотӣ, истифодаи васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Муҳим аст, ки паёмҳои ҳизбҳо возеҳ, мухтасар ва барои шунавандагони мақсаднок равона карда шаванд.

Гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ унсури муҳим дар стратегияи ҳизбҳо мебошад. Дар робита бо ин масъала А.Т. Азимова иброз медорад, ки «дар шароити Тоҷикистон, ки муошират бо интихобкунандагон бо усулҳои гуногун анҷом дода мешаванд, ҳизбҳо доираи васеи васоити ахбори омма ва платформаҳои иҷтимоиро истифода мебаранд. Истифодаи телевизион ва радио, нашрияҳои чопӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба номзадҳо имкон медиҳад, ки бо хароҷоти кам ба шунавандагони худ дастрас шаванд» [84, с.7]. Шабакаҳои иҷтимоӣ раванди баргузории маъракаҳои таблиғотӣ махсусан муҳиманд. Онҳо барои муошırати мустақим бо интихобкунандагони эҳтимолӣ, муҳокимаи масъалаҳои мубрам ва паҳн кардани маълумот дар бораи барномаи номзадҳо ба як фазои муассир табдил меёбанд.

Дар ин замина, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки маъракаҳои худро бо назардошти хусусиятҳои демографии минтақа ва манфиатҳои интихобкунандагон таҳия кунанд. Мулоқотҳо бо аҳолӣ, ташкили мизҳои мудаввар ва гуфтугӯҳои оммавӣ имкон медиҳанд, ки фикру мулоҳизаҳои сокинон ба назар гирифта шуда, мавқеи ҳизбҳо мувофиқи талаботи ҷомеа танзим карда шаванд. Ин усулҳо на танҳо баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, балки эҷоди эътимод байни ҳизб ва интихобкунандагонро низ таъмин мекунанд. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон маъракаҳои таблиғотӣ аксар вақт бо истифода аз рамзҳо ва арзишҳои милливу фарҳангӣ гузаронида мешаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳизбҳо худро бо мероси фарҳангӣ пайванд дода, дастгирии иловагии аҳолиро ба даст оранд. Истифодаи забони модарӣ,

пешниҳоди барномаҳое, ки ба рушди фарҳанг ва таъмини суботи ҷомеа нигаронида шудаанд, ба раванди интихобот таъсири мусбат мерасонанд.

Ҷанбаи муҳимме, ки бояд зикр кард, зарурати таҳияи барномаи возеҳ ва пайваста мебошад, ки ниёзҳои воқеии ҷомеа ва интизориҳои шаҳрвандонро инъикос мекунад. Барномаҳои номзадҳо бояд ба ҳалли мушкилоти мубрами иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ташаккули биниши рушди ояндаи кишвар равона карда шаванд. Муошироти самараноки ин барномаҳо тавассути чорабиниҳои таблиғотӣ ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки имконияти муваффақияти худро дар интихобот зиёд кунанд.

Ҳамин тариқ, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пешбарии номзадҳо ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ бисёрҷанба буда, муносибати стратегиро талаб мекунад. Муваффақияти ҳизбҳо бештар аз қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳити сиёсӣ ва омодагии онҳо барои муайян ва қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳои интихобкунандагон вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ нақши муҳим мебозанд. Таъсири онҳо ба афзалиятҳои интихобкунандагон тавассути роҳу усулҳои гуногун, ки заминаҳои мушаххаси фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро ба назар мегиранд, амалӣ карда мешавад. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки бо интихобкунандагон робита барқарор кунанд, зеро онҳо дарк мекунанд, ки муваффақияти онҳо дар интихобот асосан аз қобилияти бовар кунонидани шаҳрвандон ба дурустии худ ва самаранокии барномаи онҳо вобаста аст.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳои олам, барои ба даст овардани эътимоди мардум мубориза мебаранд. Онҳо бо истифода аз василаҳои гуногун, ба монанди конфронсҳо, мулоқотҳо, намоишгоҳҳо, нашрияҳо, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ кӯшиш мекунанд, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд. Ин усулҳо ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки платформаҳои худро муаррифӣ кунанд, мавқеъҳои

худро дар масъалаҳои муҳим баён кунанд ва бо интихобкунандагон дар сатҳи шахсӣ муошират кунанд.

Ҳизбҳо дар ҷараёни интихобот нақши муҳим доранд, зеро онҳо номзадҳоро пешбарӣ мекунанд, маъракаҳои таблиғотӣ мегузаронанд ва шаҳрвандонро ба овоздиҳӣ ташвиқ мекунанд. «Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки интихобкунандагонро бо барномаҳо ва ваъдаҳои худ ҷалб кунанд ва бо ин васила онҳоро бовар кунонанд, ки ба онҳо овоз диҳанд» [139, с.229]. Рафтори интихоботӣ аз омилҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста аст, аммо ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо таблиғоти пурқувват ва муассир таъсири назаррас расонанд.

Муҳим аст, ки дар хотир дошта бошем, ки таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ аз якчанд омил вобаста аст. Обрӯ ва эътибори ҳизб, қобилияти пешниҳод кардани номзадҳои боэътимод, мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва дастгирии ҷамъиятӣ ҳама дар ин раванд нақши муҳим мебозанд. Ғайр аз ин, сатҳи огоҳии шаҳрвандон, фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодии баён низ ба он таъсир мерасонанд, ки ҳизбҳои сиёсӣ чӣ гуна метавонанд дар ҷомеа нақш бозанд. Дар замони муосир, технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои навро барои ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам овардаанд. Ҳизбҳо метавонанд аз ин воситаҳо барои паҳн кардани ахбор, ташкили маъракаҳо ва муошират бо интихобкунандагон истифода баранд. Аммо, инчунин муҳим аст, ки ҳизбҳо дар истифодаи ин воситаҳо масъул бошанд ва аз паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё таблиғоти манфӣ худдорӣ кунанд.

Яке аз усулҳои асосии таъсири ҳизбҳо ба интихобкунандагон истифодаи стратегияҳои таблиғот ва ташвиқоти сиёсӣ мебошад. Ин на танҳо шиорҳои таъсирбахшу хотирмонро дар бар мегирад, балки барномаҳои даркшавандаеро дар худ нигоҳ медоранд, ки бевосита ба манфиатҳо ва интизориҳои аҳолӣ таъсир мерасонанд. «Ҳизбҳои сиёсӣ чорабиниҳои оммавӣ ташкил мекунанд ва инчунин васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани ғояҳо ва барномаҳои худ фаъолона истифода мебаранд» [141, с.299]. Бо

назардошти дастрасии васеи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи муҳим дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ шуда, ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки аудиторияи васеъро фаро гиранд ва бо интихобкунандагон муколамаи доимӣ дошта бошанд.

Таъсири барномаҳои ҳизбӣ ба рафтори интихоботӣ низ набояд нодида гирифта шаванд. Муносибати ҳамаҷониба ба таҳияи барномаҳо, ки мушкилоти воқеии иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба назар мегирад, ба ташаккули эътимоди интихобкунандагон мусоидат мекунад. Барномаҳое, ки ба таври возеҳ ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳамгироии ҷавонон, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, мубориза бо коррупсия ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, метавонанд шумораи зиёди овозҳоро ҷалб кунанд ва фаъолияти интихобкунандагонро сафарбар намоянд. Риторикаи сиёсӣ бо истифода аз ибораҳои фаҳмо ва дастрас воситаи тавоно дар ин замина мегардад.

Ҳизбҳое, ки қодиранд барномаҳои муфассал ва қобили амалро пешниҳод кунанд, ки ба ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мувофиқ бошанд, имконияти бештари ҷалби ҷонибдорон ва баланд бардоштани иштироки интихоботӣ доранд. Ба андешаи олимони соҳа, «барномаҳои мушаххас ва воқеӣ, ки роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрамро пешниҳод мекунанд, метавонанд интихобкунандагонро ба таври ҷиддӣ ҳавасманд созанд» [154, с.249]. Дар айни замон, шеваи арзёбии барномаҳои ҳизбӣ низ аҳамият дорад. Агар интихобкунандагон эҳсос кунанд, ки барномаҳо танҳо шиорҳои бемаънӣ ё ваъдаҳои иҷронашавандаанд, эътимод ба ҳизбҳо коҳиш меёбад. Шаффофият дар таҳияи барномаҳо ва муҳокимаи ошкорои имкониятҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи онҳо метавонад ба эътимоди тарафайн мусоидат намояд.

Илова бар ин, механизми интиқоли барномаҳои ҳизбӣ ба ҷомеа нақши муҳим мебозад. Истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мулоқотҳои рӯ ба рӯ бо интихобкунандагон барои расонидани паёмҳои ҳизбӣ ва фаҳмондани афзалиятҳо ва ҳадафҳои онҳо муҳим аст. Дар ин самт, услуби муоширати ҳизбӣ низ муҳим аст; забони содаву фаҳмо ва

усулҳои муосири муошират метавонанд ба ҷалби бештари интихобкунандагон мусоидат намоянд. Бо назардошти таъсири барномаҳои ҳизбӣ ба рафтори интихоботӣ, муҳим аст, ки ҳизбҳо ба таҳия ва пешниҳоди барномаҳои худ бо масъулияти баланд муносибат кунанд. Барномаҳо набояд танҳо ваъдаҳои қавӣ бошанд, балки инчунин бояд асоси воқеӣ ва таҳлили муфассали вазъиятро дар бар гиранд. Дар акси ҳол, онҳо метавонанд ба афзоиши беэътимодӣ ба ниҳодҳои сиёсӣ ва коҳиши иштироки интихоботӣ оварда расонанд.

Ҳамин тариқ, таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ як раванди гуногунҷабҳае мебошад, ки муносибати ҳамаҷониба ва баҳисобгирии хусусиятҳои муҳити сиёсиро талаб мекунад. Муваффақият дар байни интихобкунандагон аз қобилияти ҳизбҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда, пешниҳоди қарорҳои мувофиқ ва ҳамкории фаъолона бо шаҳрвандон вобаста аст.

Системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муваффақиятҳои худ бо якчанд мушкилоти умумӣ рӯ ба рӯ мешавад ва чунин масъалаҳо функсия ва самаранокии онро дар заминаи раванди интихобот ба таври назаррас маҳдуд мекунанд. Ин масъалаҳо на танҳо монеаҳои мавҷударо барои иштироки ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсӣ дар бар мегиранд, балки мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро, ки ба амалияҳои интихоботӣ таъсир мерасонанд, ифода мекунанд.

Бо вуҷуди чунин мушкилот дурнамои муайян барои навсозӣ ва таҳкими системаи ҳизбӣ вуҷуд дорад. Аввалан, барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла содда кардани равандҳои бақайдгирӣ ва дастрасӣ ба васоити ахбори омма шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст. Ин имкон медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва овозҳои алтернативӣ шунида шаванд. Чунин имконият метавонад ба инъикоси пурраи манфиатҳои ҷомеа дар сиёсат оварда расонад.

Дуюм, модернизатсияи раванди интихобот, аз ҷумла ҷорӣ намудани механизмҳои назорати интихобот метавонад ба баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба системаи ҳизбӣ мусоидат кунад. Тавсеаи ваколатҳои нозирони мустақил, имконияти иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои интихоботӣ

барои ташаккули эътимоди интихобкунандагон ба қонунияти интихобот ва қонунияти натиҷаҳои он хеле муҳим аст.

Илова бар ин, омили асосии рушди системаи ҳизбӣ фаъолшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва афзоиши огоҳии сиёсии шаҳрвандон мебошад. Таълим, гузаронидани мубоҳисаҳо ва фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ метавонад ба афзоиши таваҷҷуҳи аҳолӣ ба равандҳои сиёсӣ ва иштирок дар онҳо мусоидат кунад. Ин дар навбати худ барои рақобат байни ҳизбҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, зарурати муносибати ҳамаҷониба ба рушди системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки он бояд ҳам ташаббусҳои қонунгузорӣ ва ҳам кор бо аҳолиро бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти шаҳрвандӣ дар бар гирад. Бартараф кардани монеаҳои мавҷуда ва қадамҳои фаъол барои навсозии система метавонад барои раванди сиёсии демократӣ, ки ба қонунияти раванди интихобот мусоидат мекунад, заминаи мусоид фароҳам орад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият дошта, дар интихоботи соли 2025 барои соҳиб шудан ба 63 курсиҳои Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳуриии Тоҷикистон 6 ҳизби сиёсӣ мубориза бурданд.

Натиҷаи интихоботии парлумонии Тоҷикистон, ки санаи 2 марти соли 2025 баргузор гардид, тибқи иттилои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон соҳиби курсиҳои зерин дар парлумон гардиданд: «Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон - 12 курсӣ; Ҳизби аграрии Тоҷикистон – 5 курсӣ; Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон – 3 курсӣ; Ҳизби коммунистии Тоҷикистон – 0 курсӣ; Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон – 1 курсӣ; Ҳизби демократии Тоҷикистон – 1 курсӣ. Дар интихобот ба Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳуриии Тоҷикистон 85,3 дарсад аҳолии қобили райъи Тоҷикистон ширкат карда, овоз додаанд» [186].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда якчанд хулосаҳои асосӣ таҳия карда шуданд, ки барои фаҳмидани хусусиятҳои системаи сиёсӣ ва раванди

интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд. Таҳқиқи масъалаи матраҳгардида нишон дод, ки заминаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва раванди интихобот аз бисёр ҷиҳатҳо ба навсозӣ ниёз доранд. Санадҳои меъёрӣ ба навсозӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити муосир, инчунин муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қувваҳои сиёсӣ ниёз доранд. Аксар вақт ҳизбҳо ҳангоми бақайдгирӣ ва пешбарии номзадҳои худ бо монеаҳои мушаххас рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин онҳоро дар муқоиса бо сохторҳои сиёсии аллакай муқарраршуда дар ҳолати номусоид мегузорад.

Хулосаи дигари муҳим аҳамияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ мебошад. Фаъолгардонии фаъолияти шаҳрвандӣ, иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар назорати интихобот ва таблиғи огоҳии сиёсӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ бо мақсади пешбурди раванди интихобот нақши назаррас доранд. Ҳар қадаре ки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ фаъолтар бошанд, ҳамон қадар имконияти тағйирот дар системаи ҳизбӣ ва пайдо кардани шаклҳои нави ҳамкорӣ байни ҳокимият ва ҷомеа зиёдтар хоҳад буд.

Хулосаи сеюм аҳамияти истифодаи технологияҳо ва платформаҳои муосир барои таблиғот ва муошират бо интихобкунандагон мебошад. Дар шароите, ки васоити ахбори оммаи анъанавӣ маҳдуд аст, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ ба василаҳои муҳим барои ҳизбҳо табдил меёбанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки риторикаи худро ба интихобкунандагон самаранок расонанд ва дастгирии онҳоро сафарбар кунанд.

